Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Таваккал ЧОРИЕВ, Юнус АЗИМОВ,**
**Ҷумъаназар ЭШОНҚУЛОВ**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ*

*Нашри чорум*

***Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон ба нашр тавсия намудааст***

http://eduportal.uz

***Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон***
***Тошканд – 2019***

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК: 811.512.133=222.8
КБК 81.2Тож я721
Ч-77

***Китоби мазкур дар озмуни (тендери) Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон оид ба китобҳои дарсӣ дар соли 2006 ғолиб дониста шудааст.***

*Муҳаррирони масъул:*
***М.Ҳ. Маҳмудов*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор;*
***М. Кабиров*** *– номзади илмҳои филология, дотсент.*

*Муқарризон:*
***Ғ. Раҳимқулов*** *– доктор (PhD)-и улуми фалсафа роҷеъ ба фанҳои филологии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд;*
***С. Хўҷақулов*** *– омўзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзади улуми филологӣ;*
***Р. Гадоев*** *– омўзгори мактаби таълими умумии рақами 3-юми ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона;*
***Ф. Ахмедова*** *– омўзгори мактаби миёнаи рақами 16-уми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд;*
***Р. Абдулқодирова, Ф. Марипова*** *– омўзгорони мактаби таълими умумии рақами 17-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд;*
***С. Болтаева*** *– омўзгори мактаби таълими умумии рақами 15-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд.*

***Донишомўзони азиз!***

Дар тўли ҳафт сол Шумо аввал савод омўхтед, навиштанро ёд гирифтед, сипас дар бораи сохти фонетикӣ ва грамматикии забони модариатон аз омўзгорони меҳрубонатон сабақҳо гирифтед. Нутқатон равону пурмаъно, доираи фикррониатон васеъ гашт.

Дар синфи 8-ум Шумо донишу малакаҳоятонро оид ба сохти грамматикии забонатон боз ҳам мукаммалтар мекунед. Умед мекунем, ки Шумо дар ин роҳ аз душвориҳо наҳаросида, бо ғайрати бештар мехонед. Ба ин кор ба Шумо комёбиҳо орзумандем.

**«Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика барои иҷора чоп шудааст»**

© Т, Чориев ва диг,, 2019
© ХЭТН ба номи Чўлпон, 2014
© ХЭТН ба номи Чўлпон, 2019

ISBN 978-9943-05-621-3

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ВАТАНАМ – ЎЗБЕКИСТОН, МАН БО ТУ МЕФАХРАМ!





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Аломатҳои шартӣ*

🔔 – *вазифаи хонагӣ*
♦ – *машқҳои эҷодӣ*
! – *машқҳои мантиқӣ*
✵ – *дар хотир нигоҳ доред*
? – *ба саволҳо ҷавоб диҳед*
📖 – *ҷавоби тестро ёбед*

### *Ихтисороти номи шоиру нависандагон*

**А.Р.** – *Абӯабдулло Рӯдакӣ*
**А.Ф.** – *Абулқосим Фирдавсӣ*
**А.Ҷ.** – *Абдураҳмони Ҷомӣ*
**Ҳ.А.** – *Ҳилолиён Аскар*
**А.Л.** – *Абулқосим Лоҳутӣ*
**А.Б.** – *Алӣ Бобоҷон*
**Б.О.** – *Болта Ортиқов*
**Г.** – *Гулрухсор*
**И.** – *Ирфон*
**И.Н.** – *Иноят Насриддин*
**М.М.** – *Мирсаид Миршакар*
**М.Б.** – *Меҳмон Бахтӣ*
**М.Р.** – *Муҳаммадҷон Раҳимӣ*
**М.С.** – *Муҳаммадраҳим Ҳайдар*
**М.Қ.** – *Мӯъмин Қаноат*
**П.Т.** – *Пӯлод Толис*
**Р.Ҷ.** – *Раҳим Ҷалил*
**Р.Ҳ.** – *Расул Ҳодизода*
**Р.F.** – *Расул Ғамзатов*
**Р.Ғаф.** – *Раззоқ Ғаффоров*
**Р.М.** – *Раҳим Муқимов*
**Э.С.** – *Эҳсон Субҳон*
**С.А.** – *Садриддин Айнӣ*
**С.У.** – *Сотим Улуғзода*
**С.** – *Сорбон*
**С.Т.** – *Саттор Турсун*
**С.Ш.** – *Саъдии Шерозӣ*
**Ф.М.** – *Фазлиддин Муҳаммадиев*
**Ф.Н.** – *Фотеҳ Ниёзӣ*
**Х.Ш.** – *Холмурод Шарифов*
**Ҳ.К.** – *Ҳаким Карим*
**Ҳ.С.** – *Ҳоҷӣ Содиқ*
**Ҳ.Ш.** – *Ҳофизи Шерозӣ*
**Ҷ.И.** – *Ҷалол Икромӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ВАЗЪИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК

## Таърихи таҳаввули забони тоҷикӣ

**! Машқи 1.** Хонед, маълумотҳоро дар хотир нигоҳ доред. Дар бораи вазъи забони адабии имрӯзаи тоҷик боз чиҳоро медонед, гӯед.

Забони тоҷикӣ ниҳоят бой ва ғанӣ буда, таърихи дуру дарозро соҳиб аст. Вай дар асрҳои IX–X ташаккул ёфта, ҳама хусусиятҳои забони адабӣ (соҳибхатӣ, сарашавӣ, устувории меъёр, бартарӣ аз шева)-ро дар худ муҷассам намудааст. Мо ин ҳолро дар мисоли бо ин забон бурда шудани корҳои давлатӣ баръало дида метавонем.

Илова бар ин бо ин забони бостонӣ адабиёти бадеӣ, илмӣ ва таърихие офарида шудаанд, ки бо салоҳияту қимати хеш тамоми оламро тасхир кардаанд.

Боиси ифтихор аст, ки асарҳои безаволи Абӯабдулло Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршакар, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева ва ҳазорон эҷодкорони соҳибқаламони дигар бо ин забон таълиф шудаву ба дили ҳассоси хонандагони сершумор роҳ ёфтаанд.

Дар тӯли асрҳои IX–XXI забони адабии тоҷик роҳи ба худ хоси ташаккулро тай намудааст. Вай аз сарчашмаҳои гуногун ғизо гирифта таркиби луғавии хешро бой гардонидааст. Аз ин рӯ, забони тоҷикӣ боз ҳам оммафаҳмтару комилтар гашта вазифаҳои ҷамъиятӣ ва доираи истеъмоли он хеле васеъ шуд.

Дар тӯли асрҳои мазкур забони адабии тоҷик аз ҷиҳати услуб такмилу инкишоф ёфт. Махсусан, услубҳои илмӣ, бадеӣ, публитсистӣ ва расмии коргузорӣ ғанитару мукаммалтар шуданд, услуби гуфтугӯӣ бошад, ба забони адабӣ наздиктар гашт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 2.** Маълумотҳои поёниро хонда, хулосаатонро гӯед. Моддаҳое, ки шумо хондаед, аз кадом Қонуни забон ин ҷо оварда шудаанд?

**Моддаи 13.** Ба шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон ҳуқуқ дода мешавад, ки забони таълимро озодона интихоб намоянд.

Республикаи Ӯзбекистон дар қаламрави худ гирифтани маълумоти умумии миёнаро ба забони давлатии ҷумҳурӣ, инчунин ба забонҳои русӣ, қарақалпоқӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва забони дигар миллатҳое, ки дар ҷумҳурӣ дастҷамъона зиндагӣ мекунанд, таъмин менамояд...

**Моддаи 26.** Ҳамаи миллатҳое, ки дар қаламрави Республикаи Ӯзбекистон сукунат доранд, ҳаққу ҳуқуқ доранд, ки ҷамъиятҳою марказҳои маданияти миллии худро таъсис намоянд.

Барои гурӯҳҳои камшумори миллӣ баҳри омӯхтани забони модарии онҳо дар мактабҳои миёнаи таълими умумӣ шарту шароит фароҳам оварда мешавад.

**?**
1. *Забони адабии тоҷик дар кадом асрҳо ташаккул ёфтааст?*
2. *Ба ин забон кадом суханварон асарҳо таълиф намудаанд? Асарҳои онҳоро номбар кунед.*
3. *Дар тӯли асрҳои IX–XXI дар забони адабии тоҷик чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал омадааст?*
4. *Ҳар сол кадом рӯз ҷашни забони тоҷикӣ гузаронида мешавад?*
5. *Забони давлатии Ватанамон – Ӯзбекистон кадом аст?*
6. *Дар «Қонуни забони давлатӣ»-и Ӯзбекистон чӣ гуна имкониятҳои халқҳои бародар зикр карда шудааст?*

**Машқи 3.** Шеърро хонед, мазмунашро фаҳмонед ва дар мавзӯи **«Забони ман – ҷаҳони ман»** иншо нависед.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони модарӣ пайванди ҷонам,
Шуда ҷойи ту мағзи устухонам.
Набошӣ ту бароям зиндагӣ нест,
Надорад лаззате умри ҷавонам.

Забони модарӣ, ту ифтихорам,
Ба чашмон нурию дар тан мадорам.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба шири поки модар ҷо гирифтӣ
Ту дар қалби ба мисли чашмасорам.

Забони модарӣ, тоҷи сарам ту,
Забони дӯстони ёварам ту.
Фазои зиндагиро гар уқобам,
Паи парвозҳо болу парам ту.

Забони Рӯдакии ҷовидонӣ,
Забони Ҷомии ширинзабонӣ.
Забони Айнии пири сухандон,
Забони орифони бостонӣ.

Ба аҷдодон маро пайванд кардӣ,
Ба ишқи назму насре банд кардӣ.
Ту аз ашъори шаҳдомези Мирзо
Забонамро ба мисли қанд кардӣ,

Туӣ дар ҳукми хуршеди ҷаҳонӣ,
Туро хонам калиди зиндагонӣ.
Ба ҷисми тоҷикон то ҷони гарм аст,
Ҳамеша ҷовидонӣ, ҷовидонӣ!

*Н. Назирӣ*

## Имлои нави забони тоҷикӣ

**! Машқи 4.** Маълумотҳоро хонед, қоидаҳои имлоии медониста-гиатонро гӯед. Ному насабатонро бо истифодаи пасвандҳои на-сабсози **-ӣ, -зода (-зод, -иён, -пур, -духт)** ва калимаҳои **ибн, бинт, валад** нависед.

Баъд аз эълон карда шудани забони давлатӣ масъалаи аз нав дида баромадани имлои забони тоҷикӣ ба миён омад. Як гурӯҳ олимони забоншиноси тоҷик дигаргунӣ ва тағйироти илмӣ, орфоэпӣ, овозшиносӣ, луғавӣ ва сар-фии забони адабии имрӯзаро ба эътибор гирифта дар таъ-лими забони тоҷикӣ қоидаҳои имлоии навро тадбиқ кар-даанд. Аз тарафи олимони забоншинос соли 1995 лоиҳаи имлои нав дар рӯзномаҳои **«Садои мардум», «Ҷумҳури-ят», «Омӯзгор»** чоп карда шуд. Баъд аз муҳокимаи умум он лойиҳа аз тарафи ҳайати имлои Институти забон ва адабиёт ба ҳайати татбиқи Қонуни забони назди Ҳукума-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Ин ҳукумат лойиҳаи имлои навро дида баромада онро дар соли 1998 бо қарори № 355 ҳамчун имлои нав ва асосии забони тоҷикӣ эълон кард.

Китоби **«Имлои забони тоҷикӣ»** аз сарсухан, алифбо ва тартибу номи ҳарфҳо, имлои баъзе садонокҳо, имлои баъзе ҳамсадоҳо, ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима, имлои исм, имлои сифат, имлои шумора, имлои ҷонишин, имлои феъл, имлои феъли ҳол, имлои зарф, имлои пешоянд, имлои пайвандак, имлои ҳиссача ва имлои нидо таркиб ёфтааст. Ҳоло шумо аз китоби **«Имлои забони тоҷикӣ»** қоидаҳои зеринро мехонед:

***18. Ҷудо навишта мешаванд:***

а) таркибҳои ҷуфте, ки бо пайвандаки **-у** сурат ёфтаанд: афту андом, гӯшту нохун, молу ҳол, ишқу ҳавас, обу ҳаво, шаъну шараф, саъю кӯшиш ва ғайра;

Вале ҷузъҳои калимаҳои навъи обутоб, сарутан, сарулибос, сарупо, сарукор якҷоя навишта мешаванд.

***20. Ному насаб ба таври зайл навишта мешавад:***

б) бо пасвандҳои **-ӣ, -зода (-зод, -иён, -пур, -духт)**: Ансорӣ, Мирзозода, Афсаҳзод, Нодириён, Салимпур, Зафардухт ва амсоли инҳо.

***21. Бо ҳарфҳои калон навишта мешавад:***

б) калимаи **ибн** дар аввали исми хос ҷудо ва бо ҳарфи калон навишта мешавад: Ибни Сино, Ибни Ямин, Ибни Мансур ва ғайра.

Калимаҳои **ибн, бинт, валад** дар байни ному номи падар ба ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: Абӯалӣ ибни Сино, Ёдгор валади Бозор, Нодира бинти Назар ва ғайра.

***36. Якҷоя навишта мешавад:***

а) зарфҳое, ки бо пешвандҳои **ба-, бар-, бо-, бе-, дар-, но-, то-** сохта шудаанд: баногоҳ, бакуллӣ, баҳузур, батафсил, барвақт, бардурӯғ, барқасд, бодиққат, бомуваффақият, бемаврид, ногоҳ, торафт ва ғайра.

**! Машқи 5.** Ҳарфҳои ҳар ду ҷадвалро ба тариқи муқоиса аз назар гузаронед, аз ҷиҳати талаффуз, миқдор ва тартиб фарқ доштанашонро гӯед. Ҳарфҳои кадом ҷадвал ҳарфҳои алифбои имрӯзаи забони адабии тоҷикӣ ба шумор меравад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ҷадвали № 1*

| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Аа** | **Бб** | **Вв** | **Гг** | **Ғғ** | **Дд** | **Ее** | **Ёё** | **Жж** | **Зз** | **Ии** | **ӣ** | **Йй** | **Кк** | **Ққ** | **Лл** | **Мм** | **Нн** |
| **Оо** | **Пп** | **Рр** | **Сс** | **Тт** | **Уу** | **Ӯӯ** | **Фф** | **Хх** | **Ҳҳ** | **Чч** | **Ҷҷ** | **Шш** | **ъ** | **Ээ** | **Юю** | **Яя** | |

*Ҷадвали № 2*

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Аа** | **Бб** | **Вв** | **Гг** | **Дд** | **Ее** | **Ёё** | **Жж** | **Зз** | **Ии** | **Йй** | **Кк** | **Лл** | **Мм** | **Нн** | **Оо** | **Пп** | **Рр** |
| **Сс** | **Тт** | **Уу** | **Фф** | **Хх** | **Цц** | **Чч** | **Шш** | **Щщ** | **ъ** | **ы** | **ь** | **Ээ** | **Юю** | **Яя** | **Ғғ** | **ӣ** | **Ққ** |
| **Ӯӯ** | **Ҳҳ** | **Ҷҷ** | | | | | | | | | | | | | | | |

♦ **Машқи 6.** Қоидаи имлоии дар зер овардашударо хонед ва онро ба хотир нигоҳ дошта доир ба ҳар яке даҳтогӣ мисол нависед.

Дар калимаҳои иқтибосӣ ба ҷои ***ц*** ҳарфи ***с*** (пеш аз садонок ва дар дохили калима, пас аз ҳамсадо) ва ***тс*** (дар дохили калима, дар байни ду садонок) навишта мешавад: семент, сирк, Сезар, сиклон, консерт, лексия, дотсент, конститутсия, публитсистика.

**?**
1. *Имло чист?*
2. *Имлои нави забони тоҷикӣ кай қабул карда шудааст?*
3. *Дар китоби* ***«Имлои забони тоҷикӣ»*** *чӣ гуна қоидаҳои имлоӣ ҷо дорад?*
4. *Дар дохили калима, дар байни ду садонок ҳарфи* ***ц*** *чӣ тавр навишта мешавад?*

**Машқи 7.** Аз китоби **«Имлои забони тоҷикӣ»** қоидаҳои имлои ҳарфи «у» ва «ӯ»– ро ба дафтаратон кӯчонед. Дар асоси он ба қоидаҳои имлоӣ мисолҳо нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# НАҲВ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ (ТАКРОРИ ДАРСҲОИ СИНФИ VII)

## Ибора

**! Машқи 8.** *Супориши 1.* Мисолҳоро хонед, калима ва ибораҳоро муайян карда, дар алоҳидагӣ ба дафтаратон нависед.

Маърифат, маънавият, шароити бозоргонӣ, ҷумҳурии соҳибистиқлол, аз ҳама беҳтар, ширинзабон, илмдӯст, замини ҳосилхез, гули тӯҳфа кардашуда, хонандаи литсей.

*Супориши 2.* Агар катакчаҳои холиро бо гузоштани ҳарфҳо пур кунед, соҳаҳои фанни забоншиносиро мехонед.




**♦ Машқи 9.** Аз калимаҳои зерин ибора созед. Ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибораҳоро муайян кунед.

Ватан, Офтоб, ҳаво, замин, ҳаёт, меҳнат, орзу, хондан, шарикдарс, ҳунарманд, ғазал.

**! Машқи 10.** Матнро хонед, ибораҳоро ба дафтаратон нависед. Ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани калимаи асоси (тобеъкунанда)-и ибораҳоро гӯед.

Вақти хоб ба деҳаи худ расидам. Як қисми мардум хобида буданд. Аммо ҳавлии падарам чароғон. Бо вуҷуди сардии ҳаво мардуми бисёр, ки дар хонаҳо нағунҷидаанд, зери айвон менишастанд. Дӯстонро дида ба риққат



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

омадам. Сахт гиристам. Онҳо гарданамро гирифта ҳамдардӣ карданд, дилбардорӣ намуданд (*аз повести «Ташнаи дидор»-и Э.Субҳон*).

♦ **Машқи 11**. **«Тарзу тартиби таҳлили наҳвии ибора»**-ро ба хотир нигоҳ доред ва дар асоси он интихобан сето ибораро таҳлил кунед.

***Тарзу тартиби таҳлили наҳвии ибора***

1. Муайян кардани ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшаванда.
2. Муайян кардани савол, хел ва воситаҳои грамматикӣ.
3. Муайян кардани сохти ибора.
4. Аз ҷузъи тобеъшаванда ба ҷузъи тобеъкунанда гузоштани аломати камонак.

***Мисол:*** шуои чароғ

***Намунаи таҳлил:***

1. Калимаи «шуо» тобеъкунанда, «чароғ« тобеъшаванда. 2. Ба саволи чӣ? ҷавоб мешавад. Ҷузъи тобеъкунанда мансуб ба исм аст. Аз ин ҷиҳат он ибораи исмӣ мебошад. Дар байни ҷузъҳо бандаки изофӣ ҳамчун воситаи алоқаи грамматикӣ хизмат кардааст. 3. Ибораи содда, чунки он аз ду калима таркиб ёфтааст. 4. Шуои чароғ.

**?** *1. Ибора чист?*
*2. Ибора аз чӣ гуна ҷузъҳо таркиб меёбад?*
*3. Ҷузъҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибора чӣ гуна хусусият доранд?*
*4. Ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибораро боз бо чӣ ном ба забон мегиранд?*

🔔 **Машқи 12.** Панҷто ибора нависед, онҳоро аз рӯйи намунаи дар боло додашуда таҳлили наҳвӣ кунед.

## Ибораҳои наҳвӣ ва фразеологӣ (устувор)

♦ **Машқи 13.** Хонед, ибораҳои наҳвӣ ва устуворро муайян кунед. Бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

Гул-гул шукуфтан, гули лола, дандон ба дандон мондан, дандони тилло, дар дил нақш бастан, дили модар, кор ҷӯшидан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Намуна:***

1. Дар гулзори рўйи ҳавлиамон гули лола бисёр мерўяд.
2. Ҷавон аз дидани ин гулистон гул-гул мешукуфт.

**Ибораҳо аз рўйи навъ ба наҳвӣ ва фразеологӣ ҷудо мешаванд.**

**Ибораҳое, ки ҷузъҳояшон маъноҳои ҷудогона доранд, *наҳвӣ* ном доранд. Ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ ва зарфӣ ибораҳои наҳвӣ ба шумор меравaнд.**

**Ибораҳое, ки ҷузъҳои онҳо дар якҷоягӣ барои ифодаи як маънӣ хизмат мекунанд, *ибораҳои фразеологӣ* номида мешаванд:** гули сари сабад, мурғи посўхта, чашм дўхтан, ба курта нағунҷидан.

**! Машқи 14.** Ибораҳои наҳвӣ ва устувори ҷумлаҳоро ёбед. Онҳоро дар алоҳидагӣ ба дафтаратон навишта, фарқашонро гўед.

1. Ман ду моҳи дигар дандон ба дандон монда дар ҳавлии Шарифҷон-махдум истодам. 2. Азбаски бойбача буд, дастархони кушодае дошт, баъзе шоирон ва мусиқанавозон ба он ҷо омада мерафтанд. 3. Хаёлоти пурмуболиғаро ҳар касе надорад. 4. Бахту саодати кас дар фароғат не, дар меҳнату заҳмат будааст.

**♦ Машқи 15.** Ҷадвалро бо навиштани ибораҳои устувор ва наҳвӣ пур кунед. Маънои ибораҳои устуворро дар қавс шарҳ диҳед ва ҷузъи тобеъкунандаю тобеъшавандаи ибораҳои озодро муайян кунед.

| Ибораҳои устувор | Ибораҳои наҳвӣ |
|---|---|
| Намуна: **ба даҳон об гирифтан** (гап назадан, хомўш будан) | **оби даҳон** (ҷузъи тобеъкунанда «об», ҷузъи тобеъшаванда «даҳон» аст) |
| | |
| | |

**♦ Машқи 16.** Ҷумлаҳоро хонда ибораҳои наҳвиро муайян кунед ва онҳоро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

1. Белро ба замин зер карда, хокро чаппа карда мепартофтаму димоғам чоқ мешуд. 2. Икром сонияе дасту по



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хўрда хомўш монд ва баъд ҷиддӣ ҷавоб дод. 3. Рўзи дигар сардори мактаб ўро дар назди муаллимон саркўб намуд ва меҳнаташро ба як пули пуччак баробар кард.

**?** *1. Чӣ гуна ибораҳоро наҳвӣ ва фразеологӣ меноманд?*
*2. Ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшаванда мансуби кадом навъи ибора аст?*
*3. Кадоме аз навъҳои ибора дар шакли яклухт маъноҳои маҷозии мухталифро ифода мекунад?*
*4. Ибораҳои наҳвӣ ва устувор аз ҳамдигар аз кадом ҷиҳат фарқ мекунанд?*

**Машқи 17.** Шашто ибораи наҳвӣ ва устувор интихоб кунед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед. Дар қавс маънои ибораҳои устуворро нависед. Ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибораҳои наҳвиро бо гузоштани аломати зарб **(x)** ва камонак муайян кунед.

## Хелҳои ибора

**♦ Машқи 18.** Ибораҳои ин ҷумлаҳоро ҷудо карда ба дафтаратон нависед. Бар болои ҷузъи тобеъкунандаи ибора аломати зарб (x) гузоред. Гўед, ки ибораҳо бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтаасту ба кадом навъи ибора мансубанд.

1. Гармии хуршед ба тан форам мерасид. 2. Замини дар офтоби тамуз бирёншуда баъди борони аввалини тирамоҳ нони нав аз танўр канда обзадагӣ барин накҳати димоғпарвар дошт. 3. Аз шиддати сармо барги бед барин меларзид. 4. Вай дар ҷойи бинои кўҳнаву фарсудаи мактаб як бинои хушрўи дуқабатаро диду дилаш аз шодӣ дар қафаси сина ба ҷастухез даромад (*аз повести «Ташнаи дидор»- и Э.Субҳон*).

**! Машқи 19.** Ибораҳои зерро вобаста ба ҷузъи тобеъкунанда ба гурўҳҳо ҷудо карда нависед.

Олимони тоҷик, аз шодӣ сусттар, дуи дигар, мани дилдода, аз ҳама аввал, дар ҷавонӣ хондан, бисёр устодона, таҷриба пайдо кардан, дигаре аз инҳо, чаҳор нафар, монанди сарв рост, хоки Ватан, дасти дўстон, аз шумо беҳтар, даҳуми октябри соли 2014, кадоме аз шарикдарсон, ба деҳа рафтан, якчанд соат пештар.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Ибораҳои исмӣ | Ибораҳои сифатӣ | Ибораҳои шуморагӣ | Ибораҳои ҷонишинӣ | Ибораҳои феълӣ | Ибораҳои зарфӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| хоки Ватан | аз шодӣ сусттар | дуи дигар | дигаре аз инҳо | ба деҳа рафтан | бисёр устодона |
| | | | | | |
| | | | | | |

**♦ Машқи 20.** Аз калимаҳои зерин ибораҳои сифатӣ, шуморагӣ ва ҷонишинӣ созед. Дар иборасозӣ бандаки изофӣ, пешванду пасвандро истифода баред.

Мо, инҳо, шумо, ҳама, чанд, ҳар, як, ҳар чиз, кадом, шиша, об, садаф, бист, дусад, ниҳоят, хеле, бағоят, зебо, баланд, хунук, дур, наздик, сафед.

***Намуна:*** гул барин нозук, яке аз онҳо.

**?**
1. *Ибора аз чӣ гуна ҷузъҳо таркиб меёбад?*
2. *Ҷузъи асосии ибора чӣ ном дорад?*
3. *Хели ибораҳоро вобаста ба кадом калима муайян мекунанд?*
4. *Ҷузъи тобеъкунанда аз ҷузъи тобеъшаванда чӣ фарқ дорад?*

**Машқи 21.** Аз рӯйи расми зерин бо интихоби ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ ва зарфӣ дар мавзӯи **«Компутер – яке аз воситаҳои технологӣ»** матне тартиб диҳед. Воситаи грамматикии ибораҳои бо алоқаи изофӣ ва вобастагӣ омадаро муайян кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ибораҳои исмӣ ва сифатӣ

**! Машқи 22.** Хонед, ибораҳои исмиро муайян карда ба дафтаратон нависед.

Фарзанди хушбахти Ватан, манзараи зебо, барги зард, вазифаи хонагӣ, орзуи дерина, қатори пеш, чархи осиё, бозии шавқовар, ба минбар баромадан, толори мактаб, дӯкони китоб.

**♦ Машқи 23.** Панҷто иборае исмӣ созед, ки ҷузъи тобеъшавандаи онҳо бо сифат, шумора, ҷонишин ва масдар ифода шуда бошад. Маънои онҳоро муайян кунед.

**! Машқи 24.** Ҷумлаҳои зерро аз назар гузаронед, ибораҳои исмиро муайян карда вобаста ба ҷузъи муайяншавада ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

1. Ман сатили об дар даст бо дили ҳаросон ва тани ларзон тез-тез ба хона медавам *(С.У.)*. 2. Дарстайёркунии ман бо ӯ ... ба муколамаи ҳақиқӣ, бо гуфтугузори тарафайн маънии дарсро фаҳмида гирифтан буд *(С.А.)*. 3. Ба адои вазифаи худ аз ҷону дил часпид *(Ф.Н.)*. 4. Шабро бо сӯҳбатҳои самимона ва ҳар гуна бозиҳои дилкушои замонаашон гузаронидани буданд *(Ҳ.К.)*.

**! Машқи 25.** Пандҳои зеринро хонед ва ибораҳои исмиро муайян карда ба дафтаратон нависед.

1. Рӯзи нек ба рӯзи бад мадиҳед!
2. Ҳозири вақт бошед, ки умри дубора нахоҳад буд.
3. Замони нохуширо ба ҳисоби умр машморед.
4. Ҷон фидои ёрони мувофиқ кунед!
5. Бар лаби ҷӯй ва канори ҳавз маст наравед, то (ин ки) ... дар ҳавз наяфтед! (аз рисолаи «Сад панд»-и У. Зоконӣ).

**♦ Машқи 26.** Аз байни ибораҳои зерин ибораҳои сифатиро муайян карда бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

Ҳазору як шаб, паррандаи шохчангол, асал барин ширин, шер барин далер, мани бечора, кадоме аз навозандагон, дури дилбазан, ширини ширин, чун шиша шаффоф, даҳ нафар аълочӣ, иншои тозанавис карда.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 27.** Бубинед, ки номи шоир аз ҳарфҳои номи гулҳои хушбӯю зеботарин мураттаб гаштааст. Ин гулҳо кадоманд? Аз рӯйи ҳарфҳои ин гулҳо номи чанд қаҳрамони асарро пайдо карда метавонед. Агар худ душворӣ кашед, ба кӯмак муаллимро даъват кунед.

## АЗ ГУЛ КИТОБ




**♦ Машқи 28.** Ибораҳои сифатие нависед, ки онҳо аз сифату сифат, аз пешоянду исму сифат, сифату пешоянду исм, зарфу сифат, аз исму пасоянду сифат таркиб ёфта бошанд.

**?**
1. *Чӣ гуна ибораро ибораи исмӣ меноманд?*
2. *Ҷузъи тобеъшавандаи ибораи исмӣ бо кадом ҳиссаҳои нутқ меояд?*
3. *Ибораи сифатӣ чист?*
4. *Вобаста ба кадом ҷузъ ибораро сифатӣ мегӯянд?*
5. *Ҷузъи тобеъшавандаи ибораи сифатӣ бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?*

**Машқи 29.** 15-то ибораҳои исмӣ нависед ва аз рӯйи ҷузъҳо тарзи ташкилашонро гӯед.

## Ибораҳои феълӣ

**! Машқи 30.** Аз байни ибораҳо ибораҳои феълиро ёфта ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки ибораҳои боқимонда чӣ гуна ибораҳоянд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Булбулвор хониш кардан, гуфтанӣ омадан, луғати забони модарӣ, хонандаи илмҷӯ, ҳавои тоза, оби зулол, аз ҳама беҳтар, кишвари бағоят зебо, ҳамеша кор кардан, барқосо рафтан.

♦ **Машқи 31.** Ибораҳои масдариро муайян кунед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед. Воситаҳои грамматикии он ибораҳоро номбар кунед.

Ҳунар ёд гирифтан, ош хӯрдан, гӯсфанд парво кардан, ба хондан рафтан, аз саҳро баргаштан, ба хӯрокхӯрӣ розӣ будан.

♦ **Машқи 32.** Ба ҷойи нуқта аз қавс ибораҳои феълии мувофиқро ёфта гузоред ва баъд аз он ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Модарам дар зери зардолузор ба худаш ҳам ба ман ҳам ... будааст. 2. Ҳама ба тарафи вай ... чашм дӯхтанд (*С.А.*). 3. Вай дар ҳамон ҳолати овезонӣ бо як даст ... бо душвории беҳад Шабрангро ақибнокӣ меронд (*С.У.*). 4. ... ба ҳавлии Оймулло тоқат накард (*Ҷ.И.*). 5. Роҳи мумфарш ба домани Боботоғ печида баромада, қабл аз ... ба мобайни кӯҳсор муддате лаб-лаби адири баланд кашола мешавад (*Ф.М.*).

(То ба расидан, ишорат кардагӣ, ворид шудан, ҷилови аспро гирифта, ҷой андохта монда).

**?** *1. Ибораи феълӣ чист ва он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?*
*2. Ибораи феълӣ бештар дар кадом шакл меояд?*
*3. Дар таркиби ибораи феълӣ кадом пешояндҳои номӣ дида мешавад?*

**Машқи 33.** Аз рӯйи расм давоми матни нотамомро нависед. Ба матн сарлавҳа интихоб кунед. Матн аз ҷиҳати мазмун ба кадом гурӯҳ дохил мешавад ва он аз чанд сархат иборат аст. Ба зери ибораҳои феълӣ хат кашед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Эй, мӯрчаи заиф! Туро аз он ҷиҳат дӯст дошта, меситоям, ки кориӣ ва ранҷбариӣ. Дар ҷустуҷӯйи дона ва расидан ба нишона аз ҳеҷ заҳмате намеҳаросӣ. Ҳамон рӯз донаро бо заҳмати зиёд баргирифта аз девор боло мерафтӣ, ҳамон рӯзе, ки роҳи ноҳамвор туро аз кор боз медошт ва чун ба болои девор мерасидӣ, дона аз даҳонат фурӯ меафтод, ҳеч медонӣ, ки чашми биное туро менигарист ва аз корат панд мегирифт? ...

## Ибораҳои содда ва мураккаб

**! Машқи 34.** Матнро хонед, ибораҳои соддаро ба тарафи чап ибораҳои мураккабро ба тарафи рости дафтаратон нависед ва фарқи онҳоро гӯед.

Ба муқобили ин манзараҳои табиии худрас, боғу шаҳрҳои обдор, ки бо сарфи маблағҳои гарон ва меҳнати бепоён ба вуҷуд омадаанд, ба назар оред, дар онҳо бисёр самараҳои олии меҳнатро мебинед, аммо ин гуна ҳусни табииро намеёбед (*С.А.*).

**! Машқи 35.** Ибораҳои мураккаби зерро хонед, вобаста ба таркиб ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

Хонаи хеле калон, давида омадани Гулрӯ, фикри баъзе рафиқон, ба кӯҳ баромадани онҳо, китоби хондаи ман, чанде аз онҳоро гирифта овардан, суратҳои дар девор овехтагӣ, рафиқи ба саёҳат рафтагӣ, завқкунон бо онҳо нигаристан, одамони ба мо дӯст, роҳи аз ин ҳам васеъ, ҷавобҳои аз шумо шунида.

**?**

1. *Ибора аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешавад?*
2. *Иборaи аз ду калимаи мустақили бо ҳам алоқаманд таркиб ёфта чӣ ном дорад?*
3. *Чӣ гуна ибораро ибораи мураккаб меноманд?*
4. *Ибораи содда ва мураккаб аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ мекунанд?*

**! Машқи 36.** Ибораҳои соддаи зеринро ба ибораҳои мураккаб табдил диҳед ва баъд аз он ҷузъҳои тобеъкунандаву тобеъшавандаи ибораҳои навиштаатонро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

Гули хушбӯ, донишомӯзи аълохон, асари пурмазмун, қалами ранга, роҳи мумфарш.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Намуна:***

Қалами рангаи харидкарда.

Қалами рангаи харидкардаи падар.

Қалами рангаи харидкардаи падар аз мағоза.

Қалами рангаи харидкардаи падар аз мағозаи навбунёд.

## ***Тест***

*1. Қисми грамматикие, ки ҷумларо ҳамчун воҳиди асосии нутқ ваибораро ҳамчун қисми ҷумла меомӯзад, чӣ ном дорад?*

а) наҳв б) морфология

б) сарф г) калимасозӣ

*2. Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно, ки аз рӯйи қоида ва қонунҳои таърихии забон бо ёрии воситаҳои грамматикӣ ба ҳам пайванд шуда, мафҳуми мураккаби ба ҳиссаҳо ҷудошавандаро ифода мекунад, чӣ ном дорад?*

а) ҷумла б) ибора

в) воҳидҳои грамматикӣ г) категорияҳои грамматикӣ

*3. Кадоме аз онҳо амалу ҳолат ва аломати предметро дар якҷоягӣ ифода мекунад?*

а) калима б) ҷумла

в) ибора г) таркиби калима

*4. Ибора аз чӣ гуна ҷузъҳо таркиб меёбад?*

а) тобеъкунанда ва тобеъшаванда

б) шарҳ ва ташреҳдиҳанда

в) тавзеҳ ва тафсилдиҳанда

г) такон ва такмилдиҳанда

*5. Калимаи тобеъкунандаву тобеъшаванда бо воситаи кадом бандак ба ҳамдигар алоқаманд мегардад?*

а) бандакҷонишинҳо б) бандаки феълӣ

в) бандаки хабарӣ г) бандаки изофӣ (и)

*6. Хонед ва муайян кунед: Яке аз хелҳои алоқаи тобеӣ буда, дар он як калима ба воситаи бандаки изофӣ ба калимаи дигар тобеъ шуда, онро аз ягон ҷиҳат муайян ва равшан мегардонад.*

а) алоқаи изофӣ б) алоқаи изофию пешояндӣ

в) алоқаи пасояндиву бандакҷонишинӣ

г) алоқаи мувофиқат

*7. Чист он? Яке аз хелҳои алоқаи тобеъкунӣ буда, дар таркиб пешоянду пасояндҳо дорад.*

а) алоқаи вобастагӣ б) алоқаи пайваст

в) алоқаи пешояндӣ г) алоқаи изофию пасояндӣ

*8. Хонед ва муайян кунед: «Яке аз намудҳои алоқаи тобеъ, ки дар асоси маънои луғавӣ, тартиби калимаҳо ва интонатсия ифода ёфта», чӣ ном дорад?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

а) алоқаи ҳамроҳӣ  б) алоқаи пешоянду пасояндӣ
в) алоқаи артиклӣ  г) алоқаи пасояндӣ

*9. Иборaҳое, ки ҷузъи онҳо ба осонӣ аз ҳам ҷудо мешаванд, чӣ ном дорад?*

а) ибораи наҳвӣ  б) ибораи фразеологӣ
в) ибораи устувор  г) ибораи озод ва устувор

*10. Иборaҳое, ки ҷузъҳои онҳо дар якҷоягӣ барои ифодаи як маънӣ хизмат мекунанд, чӣ ном дорад?*

а) ибораи фразеологӣ  б) ибораи наҳвӣ
в) ибораи синтаксисӣ  г) ибораи озод

*11. Гули сари сабад, мурғи посӯхта, чашм дӯхтан, ба курта нағунҷидан чӣ гуна иборaҳоянд?*

а) иборaҳои фразеологӣ  б) иборaҳои синтаксисӣ
в) иборaҳои озод  г) иборaҳои наҳвӣ

**Машқи 37.** Даҳто ибораи содда ва мураккаб интихоб кунед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед. Ба зери иборaҳои содда хати рост ва ба зери иборaҳои мураккаб хати мавҷнок кашед.

## Алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла

♦ **Машқи 38.** Аз калимаҳои зер иборaҳое созед, ки ҷузъҳои онҳо бо ҳамдигар ба воситаи алоқаи изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ омада бошанд.

Хушрӯ, вазнин, дилфиреб, шаршараҳо, баҳор, қалам, дирӯз, шинохтан, саросемавор, паридан, тез, гуфтан, тамоман, табассум, савлаткунон, деҳа, шогирд, тайёр, фикр, дониш.

! **Машқи 39.** Ҷумлаҳои мазкурро хонед ва пешоянду пасояндҳои даркориро гузоред.

1. Ман пагоҳӣ аз шаҳр баромада, то соати нӯҳ ... Вобканд расиданро тахмин карда будам. 2. Ҳар яке ... инҳо дӯст буд. 3. Магар ... тиҷорати ҳамсафарон кӯмак кардан худаш савоб нест? 4. Роҳ паймудан, ... адирҳои санглох убур кардан, ... дараҳои танг боло рафтану поён ҳамидан ... кӯталҳо дилгирамон мекард.

! **Машқи 40.** Иборaҳои зеринро бодиққат хонед ва бинед, ки воситаи алоқаи наҳвии ин иборaҳоро иваз кардан мумкин аст ё не, агар иваз нашавад, сабабашро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Китоби хондагӣ, шогирди беҳтарин, тез омадан, кӯҳна шарикдарсон, рафтагӣ одамон, давида даромадан, хеле наздик, дастхати машҳуртарин, яке аз дӯстон, шиша барин соф, фардои фирӯз, сад қадам дуртар, хонаводаи саодатманд.

**! Машқи 41.** Аз рӯйи ҷумлаҳои зер алоқаи пайваст ва тобеъро муайян кунед.

1. Рӯшноии нафиси моҳи пурра мисли пардаи ҳарир ба кӯчаю бомҳо ва рӯйи дарахтон густурда шуда буд (*Ҷ.И.*). 2. Гузаштаро бо имрӯза муқоиса карда бартариҳои ҳаёти кунуниро нишон дод (*Э.С.*). 3. Сомону Сорову Сорбонро аз боғча гирифта меоям (*М.М.*). 4. Ороиши хона ва дастурхонкашии давлатмандона Олимҷону Зебинисоро каму беш дар ҳайрат мемонанданд (*Ҳ.К.*).

**! Машқи 42.** Алоқаи изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва мувофиқатро ба хотир оварда ба ҳар яки онҳо дутогӣ мисол нависед. Гӯед, ки кадоме аз онҳо бо бандаки изофӣ ва кадоме бо пешоянду пасоянд омадааст.

**?**
1. *Алоқаи байни калимаҳо чӣ гуна мешаванд?*
2. *Чӣ гуна алоқаҳоро алоқаи пайваст ва тобеъ меноманд?*
3. *Кадом алоқаҳо хоси ибора ва ҷумла мебошад?*
4. *Воситаи алоқаи грамматикии алоқаи изофӣ кадом бандак аст?*
5. *Алоқаи изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ мансуби кадом воҳиди забон аст?*
6. *Алоқаи мувофиқатро ба воситаи мисолҳо фаҳмонед.*

**Машқи 43.** ***Супориши 1.*** Матни **«Баҳси нону намак»**-ро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

***Супориши 2.*** Мазмуни матнро дар хотир нигоҳ дошта нақле нависед.

***Супориш 3.*** Ибораҳои сифатиро ба дафтаратон нависед. Ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибораҳои мазкурро бо гузоштани ақрабак муайян кунед.

## БАҲСИ НОНУ НАМАК

Нону намак бо ҳам баҳс карданд. Нон худро хеле таъриф карда гуфт:

– Ман беҳтарин неъмат ҳастам. Ба одамон қувват мебахшам. Манбаи ҳаётам. Мардум маро чун гавҳараки чашм азиз дошта, рӯйи дастархон пеш аз ҳама анвоъҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мегузоранду бе ман як рӯз ҳам зиста наметавонанд. Боқадртарин мӯъҷиза ҳастам ва аз ин меболаму мефахрам. Аммо будану набудани туро касе пайхас намекунад. Мавқеъ надорӣ.

Худнамоӣ ва калонгапии нон ба намак сахт расиду гуфт:

– Худтаърифкунӣ ва кибру ғururро бад мебинам. Дар ҳақиқат, ту неъмати бебаҳоӣ ва аз ҳамаи неъматҳои мавҷуда болотару азизтарӣ. Дар арзиш аз симу зар, гавҳару ёқут ва лаълу марҷон қиматтарӣ, лекин дигаронро низ аз худ кам маҳисоб. Суханҳоят ба ман сахт расиданд. Маро наҳ назан, зеро барои бомазаву хуштамъ шудани ту саҳми ман ҳам калон аст.

Одамон бе ман хамир карда, нон намепазанд. Чунки нони бенамакро касе намехӯрад. Нон ба суханҳои намак бовар накарда, худро таъриф кардан гирифт.

– Бе нон ҷон, бе ҷон ҳаёт нест.

Намак қаҳр карду баромада рафт. Ногоҳ он бегоҳ ба хонаи соҳибхона меҳмонони олимақом омаданд. Мизбон хост хӯрок пазад, лекин намак набуд. Вай ба чор тараф одам фиристод, ки намак ёфта биёранд, аммо онҳо бо дасти холӣ баргаштанд. Соҳибхона маҷбур шуд, ки бенамак хӯрок пазад. Вай аз масолеҳи қиматбаҳо хӯрок ва аз орди аълосифат нонҳои равғанину ҷаззагин пухт. Таомҳо бисёр дилкаш буданд, вале касе намехӯрд. Меҳмонон бурдаи нонро гирифта, ба даҳон бурданд, аммо нони бенамак ба табъашон нафорид, ки онро рӯйи дастархон гузоштанд. Аз хӯрок ҳам касе нахӯрд. Соҳибхона шарм дошт ва бори дигар ба ҷустуҷӯйи намак баромад. Ниҳоят каме ёфта оварда, ба рӯйи дастархон гузошт. Меҳмонон, ки гурусна буданд, намакро ба рӯйи нону хӯрок пошида хӯрдан гирифтанд.

– Ана, дидӣ? – гуфт намак ба нон, бе ман нону хӯрок лаззате надорад. Ҳама вақт ҳақиқат ғалаба мекунад. Ҳоло худат дидӣ, ки қадри ман аз ту кам нест. Нон ба гапҳои намак гӯш дода, аз гуфтаҳои худ пушаймон шуда гуфт.

– Маро бубахш, дӯстам, дигар худнамоӣ намекунам.

Пас аз ин нону намак дӯст шудаанду одамон меҳмонони азизи худро ҳамеша бо нону намак пешвоз мегиранд (*аз маҷаллаи «Машъал», Хайринисо Ҷӯраева*).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷумлаҳои содда ва мураккаб

**! Машқи 44.** Ҷумлаҳоро хонед, аз ҷиҳати сохт ба ду гурӯҳ ҷудо карда нависед.

1. Забон василаи мубодилаи фикрии одамон аст. 2. Сухандону сухангӯ он бувад, ки ҳар чӣ гӯяд, мардумонро маълум шавад. 3. Хонандагон сухани рӯзномаро намунаи забони адабии имрӯзаи тоҷик мешуморанд ва гуфтору навиштори худро ба он қиёс мекунанд. 4. Мо ҳам мефаҳмем, ки ҳосилро ғундоштан зарур аст. 5. Дар дунё аз деҳқонӣ шуғли беҳтаре нест. 6. Дар амалӣ гардидани нақшаҳоятон барору комёбӣ орзумандам.

**! Машқи 45.** Матнро хонед, ҷумлаҳои содда ва мураккабро муайян кунед.

Зимистон ниҳоят хунук буд. Падару писар саҳарӣ барвақт хеста ба роҳ даромаданд. Барои мӯйсафед роҳгардӣ мушкил буд. Дар роҳи пурбарфу ях дам ба дам мелағжид. Писар ҳоли ногувори падарро дида дасташро гирифт ва мадад карда ӯро то роҳи калони мошингард, ки аз деҳа ягон се-чор километр меомад, бурд. Ду соат мошин поиданд. Аммо мурод ҳосил нашуд. Дар ин роҳ автобус намегашт (*аз повести «Ташнаи дидор»-и Э.Субҳон*).

**♦ Машқи 46.** Ҷадвалро бо навиштани ҷумлаҳои содда ва мураккаб пур кунед.

| Ҷумлаҳои содда | Ҷумлаҳои мураккаб |
|---|---|
| | |
| | |

**?**
*1. Ҷумла чист?*
*2. Ҷумла аз ибора чӣ фарқ дорад?*
*3. Кадом хели ҷумлаҳоро медонед?*
*4. Ҷумлаҳо аз рӯйи сохт ба кадом навъҳо ҷудо мешаванд?*
*5. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаи содда меноманд?*
*6. Ҷумлаи аз ду ва зиёда ҷумлаҳои содда таркибёфта чӣ ном дорад?*

**🔔 Машқи 47.** Ба ҷумлаҳои содда ва мураккаб сетогӣ мисол нависед. Воситаи алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷумлаҳои соддаи дутаркиба ва яктаркиба

**! Машқи 48.** Матнро хонед, хелҳои ҷумлаҳои соддаро аз ҷиҳати таркиб муайян кунед.

Ҳафт сол мешавад, ки ӯ хабарнигор аст. Дар ин муддат ба ҳама ноҳияҳои ҷумҳурият сафар кард. Бо одамони бисёре вохӯрд. Одаму олам дид. Баду неки ҳаётро бештару беҳтар мушоҳида кард, санҷид. Хайру шарро ба хубӣ фарқ мекардагӣ шуд, ба ғаму шодии мардум шарик гардид. Аз ин ҷиҳат худро хушбахт ҳис мекунад ва ба зиндагии худ шукр мегӯяд... Ӯ аз паи шӯҳрат намедавид, ҷавлонгоҳи васеъ намекофт. Одамонро аз рӯйи мансабу мартаба ва доираи фаъолияташон ба хурду бузург ҷудо намекард. Дар ақидае буд, ки хурдтарин одами ҳалолкору поквиҷдони ба нафъи мардум кор мекардагӣ сазовори эҳтиром аст (*аз повести «Ташнаи дидор»-и Э.Субҳон*).

**♦ Машқи 49.** Ҷумлаҳои соддаи ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ нависед. Ба зери сараъзоҳо хат кашед.

**! Машқи 50.** Хонед, ҷумлаҳои соддаи дутаркибаи хулласу тафсилиро дар алоҳидагӣ нависед.

1. Дар мо аз худ калонро эҳтиром мекунанд. 2. Офтоб баромад. 3. Сару рӯ ва аз миён болояшро бо оби сард шуст. 4. Борон борид. 5. Эҳтиром мекунӣ?. 6. Замин лой шуд. 7. Аз муаллим пурсид. 8. Китобро хонд.

**♦ Машқи 51.** Панҷто ҷумлаи соддаи хуллас нависед ва онро ба ҷумлаи соддаи тафсилӣ табдил диҳед.

***Намуна:*** 1. Ман гуфтам.

1. Ман шеърро гуфтам.
2. Ман шеърро аз ёд гуфтам.
3. Ман шеърро ба муаллим аз ёд гуфтам
4. Ман шеърро дар синф ба муаллим аз ёд гуфтам.

**♦ Машқи 52.** Ҷумлаи **«Вай ба обу арақ ғӯтида то хонаи худ расид»**-ро аз рӯйи намунаи **«Тарзу тартиби таҳлили наҳвии ҷумлаҳои содда»**-и дар зер додашуда таҳлил кунед.

### *Тарзу тартиби таҳлили наҳвии ҷумлаҳои содда*

1. Аз рӯйи асоси грамматикии ҷумла муайян кардани содда будани он.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Муайян кардани хели ҷумла аз ҷиҳати ифодаи мақсад: ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ.

3. Шарҳ додани таркиби ҷумла: дутаркиба ва ё яктаркиба, хуллас ва ё тафсилӣ.

4. Аз рӯйи асоси грамматикӣ муайян кардани аъзоҳои ҷумла.

***Мисол:*** Латифу Собирҷон бо дӯстон падруд гуфтанд.

***Намунаи таҳлил:***

1. Ҷумла аз ҷиҳати сохт содда аст.
2. Ҷумлаи соддаи ҳикоягӣ.
3. Ҷумлаи соддаи дутаркиба, дутаркибаи тафсилӣ.
4. Чӣ кор карданд? – падруд гуфтанд (хабар), киҳо? – Латифу Собирҷон (мубтадо), бо кӣ? – бо дӯстон (пуркунанда).

**?** *1. Ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати таркиб ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд?*
*2. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои соддаи дутаркиба меноманд?*
*3. Дар таркиби кадом навъи ҷумлаҳои содда яке аз сараъзоҳо иштирок мекунад?*
*4. Нисбат ба чӣ ҷумлаҳоро ҷумлаҳои соддаи дутаркиба ва яктаркиба мегӯянд?*

**Машқи 53.** Сето ҷумлаи соддаи дутаркибаи хуллас ва тафсилӣ нависед ва онро вобаста ба намуна таҳлил кунед.

## Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо

**♦ Машқи 54.** Ҷумлаҳоро хонед, ба зери сараъзоҳои ҷумла хат кашед.

1. Оби нилуфарии дарёи Сир оромона ҷорӣ мешуд (*А.Ш.*). 2. Табиат сарзамини моро гӯё чун намоишгоҳи азими ҳамаи намуди кӯҳҳо офаридааст (*Р.Ҷ.*). 3. Офтоби дурахшон дар осмони нилгун хуррамона нур мепошид (*Ҷ.И.*). 4. Зал аз гулдуроси ханда ба ларза даромад (*Э.С.*).

**♦ Машқи 55.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери мубтадо хат кашед. Гӯед, ки мубтадо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтааст.

1. Рӯзи дигар ӯ ба шаҳр рафт. 2. Онҳо рафтанду дар дилу дидаи дӯстон ҷойи худро гузоштанд. 3. Ӯ дар ҳақиқат дӯстони беғаразу покният ва ҳамақида пайдо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

карда буд. 4. Икром чандин бор бо падару модар ва тағои духтарак вохӯрда дар хусуси зиндагӣ ва таҳсили ӯ гуфтугӯ кард. 5. Нодон айб мекунад, доно худаш мефаҳмад.

♦ **Машқи 56.** Мубтадои ҷумлаҳои зерро вобаста ба **«Тарзу тартиби таҳлили наҳвии мубтадо»** таҳлил кунед.

1. Одамҳо бaромада ӯро таъриф мекарданд. 2. Ояндагон торафт зиёд мешуданд. 3. Вай қоидаҳои ин бозиро мухтасар фаҳмонд.

***Тарзу тартиби таҳлили наҳвии мубтадо***

1. Мубтадои ҷумла ва ба кадом савол ҷавоб шудани он.
2. Ифодаёбии мубтадо бо ҳиссаҳои нутқ.
3. Сохти мубтадо: содда, таркибӣ, чида.
4. Ҷойи мубтадо дар ҷумла.

**?** *1. Мубтадо чист? Вай ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?*
*2. Мубтадо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?*
*3. Ҷойи мубтадо дар ҷумла чӣ гуна аст?*

**! Машқи 57.** Матнро хонед, мазмунашро баён кунед. Мубтадои ҷумлаҳои соддаро бо гузоштани аломати шартӣ ва саволҳо муайян намоед.

## ДӮСТ

Дӯстони вафодор чор хеланд: дӯсти мададгор, дӯсти шарики ғаму шодӣ, дӯсти маслиҳатгар, дӯсти ғамгусор.

– Дӯсти мададгор дӯстест, ки молатро ҳимоя мекунад. Дар душвориҳо кӯмак мерасонад.

– Дӯсти шарики ғаму шодӣ сирри туро пинҳон медорад. Дар парешонҳолию бадбахтиҳоят ва хурсандию хушҳолият бо ту ҳамроҳ мешавад.

– Дӯсти маслиҳатгар дӯстест, ки туро аз кирдору рафтори бад нигоҳ медорад. Ӯ туро ба корҳои нек равона мекунад.

– Дӯсти ғамгусор аз бадбахтиат хушҳол намешавад. Аз хушбахтиат хушбахт аст. Ӯ намегузорад, ки дигарон туро ғайбат кунанд.

Ҳар инсонро рафиқ, дӯст – бародару хоҳари ҳақиқӣ зарур аст. Вақте ки шумо дар ҳолати хатару парешонҳолию дармондагӣ қарор мегиред, он гоҳ ба қадри дӯст мерасед. Дӯстон ҳам барои ҳамин вуҷуд доранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Хабар. Хабарҳои номӣ ва феълӣ

♦ **Машқи 58.** Шеърро хонед, хабарро муайян карда ба зераш хат кашед. Ҷой ва хели хабарро гӯед.

### БОЗГАШТ

Чун ниҳодам пои худро бар сари хоки Ватан,
Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.
Муддате будам агарчи дур, аммо ёди он
Мевазонидам ба сар боди фараҳноки Ватан.
Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ,
Боз мехонам суруди тозае дар гӯши ӯ.
Боз мегирам нафас ман аз ҳавои беғубор,
Боз менӯшам ман об аз чашмаи пурҷӯши ӯ.
Шодам, аммо меҳӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.
Халқи ҳиндуи ситамкашро расон аз мо салом,
Эй суруди ман, агар дорӣ ту ҳам болу паре.
Ман аминам, мерасад ҳар як садои мо ба ӯ,
Ҳар як овози пур аз меҳру вафои мо ба ӯ.
Кӯҳсорон ҳеҷ натавонанд садди раҳ шаванд,
Мебарад бӯйи муаттарро ҳавои мо ба ӯ.

*М. Турсунзода*

! **Машқи 59.** Дар ҷумлаҳои зерин хабарҳои номӣ ва феълӣ бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтаанд, муайян кунед. Бандакҳоро эзоҳ диҳед.

1. Ман духтари озоди сарзамини озодам (*Ҳ.К.*). 2. Шикастани шохи дарахтон дар ҳама ҷо, аз ҷумла, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳам ҷиноят аст (*Р.Ҷ.*). 3. Бод ҳеҷ намевазид, шаб хомӯш, ором ва бесадо буд. 4. Ҳар бача муносиби қадаш дар қатор ҷой гирифт, ҷойи ман саввум ё чорум буд (*С.У.*).

! **Машқи 60.** Ҷумлаҳоро хонед ва бо гузоштани савол хабарҳои номию феълиро дар алоҳидагӣ нависед.

1. Дар шаҳру деҳот бинокорони гулдаст бисёр биноҳои серошён бунёд кардаанд. 2. Зодгоҳам бо ному ҷойҳои таърихиаш дар байни мардум машҳур гардидааст. 3. Хонаи вай дар деҳаи атрофи бозор, пушти растаи дӯконҳои матоъфурӯшӣ буд. 4. Аз кишвари дур ҳар сари вақт ба



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хона занг мезадам. 5. Ҳаво – соф ва беғубор. 6. Сокина бештар аз ҳарвақта меҳру муҳаббат ва лутф пайдо мекард. 7. Рӯз кайҳо нисф шудааст. 8. Меҳмонон як-як пайи ҳам даромада меомаданд. 9. Каломи бадеъ – сухани нав, аҷиб, нотакрор. 10. Боди сарди тирамоҳ ба машоми Хусрав бӯйи форами гиёҳу меваҳои хушк ва харбузаро расонд.

**?** *1. Хабар ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад ва он чиро ифода мекунад?*

*2. Хабар ғайр аз феъл боз бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?*

*3. Хабари феълӣ бо кадом ҳиссаи нутқ ифода меёбад?*

*4. Чӣ гуна хабарҳоро хабарҳои номӣ меноманд?*

**Машқи 61.** Хабари ҷумлаҳои зерро вобаста ба **«Тарзу тартиби таҳлили наҳвии хабар»** таҳлил кунед.

1. Бӯйи муаттари гулу буттаҳои шабнамзада ба димоғ зад. 2. Нурҳои заррину ҳанӯз камқуввати Офтоб бо шаддаи кокулони маҷнунбед ба бозӣ даромаданд.

***Тарзу тартиби таҳлили наҳвии хабар***

1. Хабари ҷумла кадом аст ва он ба кадом савол ҷавоб мешавад?

2. Хели хабар: номӣ ё феълӣ (агар номӣ бошад, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст).

3. Сохти хабарҳои номӣ ва феълӣ.

4. Ҷои хабар дар ҷумла.

## Мувофиқати хабар бо мубтадо

**! Машқи 62.** Ҷумлаҳоро хонед, хабар ва мубтадоҳои таркиби онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки мувофиқати хабар ва мубтадо аз рӯйи кадом бандак ва шахсу шумора ба амал омадааст.

1. Ҳар кадоми онҳо бо ишорати тасдиқ сари худҳошонро болою поён ҷунбониданд (*С.А.*). 2. Ӯро аз куҷо як бесабрии кӯдакона фаро гирифт (*Ф.Н.*). 3. Шумо ба ин нону об, коғазу қалам оварда диҳед (*Ҳ.К.*). 4. Суханҳои мӯйсафед хаёлҳои Шодиро зеру забар карданд (*Ҷ.И.*).

**! Машқи 63.** Порчаро хонед, мубтадо ва хабарҳои таркиби онро муайян карда ба зерашон хат кашед. Шахсу шумора ва бандакҳоро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Модари зор он рӯзҳои мудҳишро ҳаргиз аз лавҳи хотир дур карда наметавонад. Рӯзона бо кори давлат дода мешавад. Бо як-ду каси дилаш об мехӯрдагӣ ҳамсӯҳбат шуда, дарди дил мекунад. Вале чун шаб пардаи сиёҳи худро ба рӯйи олам паҳн мекунад, хотираҳо дари кошонаи андешаҳои ӯро беибо мекӯбанд. Ба торҳои дили нозуку дардманду ғамқаринаш беибо нохун мезананд. Боз ӯ ёди он рӯзҳои мудҳиш мекунад. Ба рӯҳи арвоҳи Гулсарааш фотиҳа мефиристад. Қарибиҳои саҳар хобаш мебарад *(аз маҷаллаи «Машъал»)*.

♦ **Машқи 64.** Аз рӯйи хабар ва бандакҳо соҳиби амали ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро муайян кунед.

1. Дар мавзӯи **«Забондонӣ - ҷаҳондонӣ»** иншо навиштем. 2. Шарҳи ин калимаро аз кадом луғат ёфтӣ? 3. Ба хабаргирии аҳволи модаркалонам рафтам. 4. Китобро ба даст гирифта ба китобхонааш рафт.

🔔 **Машқи 65.** **Ҷӯянда-ёбанда**. Кӣ бисту панҷ касбу амал, ё ҳунарҳоеро ёфта метавонад, ки бо ҳарфи «а» сар мешаванд.

## Аъзоҳои пайрави ҷумла Муайянкунанда

**! Машқи 66.** Ба ҷойи нуқтаҳо аз қавсайн калимаҳои мувофиқро ёфта гузоред, ба вазифаи кадом хели муайянкунандаҳои изофӣ омадани ин калимаҳоро эзоҳ диҳед.

1. Боғи ... як майдончаи ... дошт (*А.Д.*). 2. Маҷлиси ... торафт меҷӯшид. 3. Аробакаши ... суруди ... -ро бе ҷавоб нагузошт. 4. Имрӯз он ... ва мазаи ... кифоя аст. 5. Моҳи ... буд, аз ҳаво борони ... меборид (*С.А.*). 6. Устухонҳои баъд аз он ... скелети ... -ро бутун карданд (*Р.Ҷ.*). 7. Ҳар як сухани ... дар бораи ҷингиламӯям ба мани ... як қабат гӯшт меафзуд (*Ҳ.К.*).

(нон, ӯ, тунд, сахт, пирсол, мо, феврал, қаландарон, баровардашудагӣ, духтарак, барфрезадор, хоколуд).

**! Машқи 67.** Ҷумлаҳоро хонед, муайянкунандаҳои изофӣ ва беизофиро бо муайяншавандаҳояш алоҳида-алоҳида нависед.

1. Падару модари ҳоҷӣ аз кадом гӯрҳо қарзу қавола карда як табақ палав, як ҷома оварда ба мактабдор доданд. 2. Бечора модари фирефташуда зориву тавалло кар-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

да оби дидагонашро резонд (*Р.Ҷ.*). 3. Инро гуфта Восеъ боз ба тараддуди рафтан афтода буд (*С.У.*). 4. Ин гўсфандон ... дар баҳорон дар мавсими тўл ба ободонӣ наздик оварда шуда буданд (*С.А.*). 5. Ниҳоят зебо: чашмҳои шаҳло, мўйҳои ҳамчун солики занбўр сиёҳ, рўйи монанди шир сап-сафед дошт (*Б.Р.*).

**! Машқи 68.** Ҳалқаи тилло. Муродифи **«ҳалқаи тилло»**-ро ёбед. Аз панҷ ҳарфи он номи меваи хушлаззате хонда мешавад, ки он ба тамоми дардҳо давост. Агар аз пеш ҳарфе ба номи ин мева зам кунед, боз муродифи калимаи **«ҳалқа»** ҳосил мешавад.

**?** *1. Муайянкунанда чист ва ба кадом савол ҷавоб мешавад?*
*2. Муайянкунанда аз ҷиҳати сохт ва алоқа чӣ гуна мешавад?*
*3. Муайянкунандаи изофӣ ва муайянкунандаи беизофӣ чист?*

**Машқи 69.** Ҷумлаҳои муайянкунандадор нависед ва онро вобаста ба **«Тарзу тартиби таҳлили наҳвии муайянкунанда»** таҳлил кунед.

***Тарзу тартиби таҳлили наҳвии муайянкунанда***

1. Муайянкунандаи ҷумла ва ба кадом савол ҷавоб шудани он.
2. Муайянкунанда аз ҷиҳати сохт ва тарзи алоқа: муайянкунандаи изофӣ ё беизофӣ.
3. Ҷойи муайянкунанда дар ҷумла.

## Пуркунанда

**♦ Машқи 70.** Калимаҳои зерро дар ҷумла ба вазифаи пуркунандаҳое кор фармоед, ки ба саволҳои **киро? чиро? ба кӣ? ба чӣ?** ҷавоб шаванд.

Талабаҳо, муаллим, дарс, савол, вазифа, китоб, дафтар.

**! Машқи 71.** Порчаро хонед. Ҷумлаҳои пуркунандадорро ҷудо карда нависед. Ба кадом калима тобеъ шудани онҳоро эзоҳ диҳед.

Рўзи якшанбе бозори Конибодом серодам мешавад. Дар ин ҷо, ба қавли модари Шодӣ, ғайр аз ҷони одамизод, ҳама чизро харидан мумкин аст. Ҳозир, ки охирҳои моҳи сентябр аст, махсусан, растаҳои мевафурўшӣ тамошобобанд. Дар ин ҷо намунаи ҳама гуна меваҳои хушлаззати кишвари тоҷиконро, ки шўҳрати умумиҷаҳонӣ пайдо кардаанд, дучор карда метавонем (*А.Б.*).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

♦ **Машқи 72.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери пуркунандаҳои бевосита як хат ва ба зери пуркунандаҳои бавосита ду хат кашед.

1. Аз рӯйи қавли вай дар Бухоро бо писари қозии Ғиждувон қозӣ Абдулвоҳид шарикдарс будааст. 2. Диққати ман бо ин маслиҳати он дӯстам аз ҳуҷра додан ё надодани он одам зиёдтар ба номи ӯ кашида шуд (*С.А.*). 3. Кампир аз набераааш ҳар рӯз гапҳои дар умраш нашунидаи наву тозаро мешунид (*Р.Ҷ.*). 4. Одинамоҳ-хола дар рӯзҳои аввали ҷудоӣ аз қарибонаш бо ҳаёти ғарибона розӣ нашуд (*Ҳ.К.*). 5. Ба инҳо ба қадри ҳол хизмат мекунам *(Ф.М.)*.

**?** *1. Пуркунанда чист?*
*2. Пуркунанда ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?*
*3. Пуркунанда ба кадом аъзои ҷумла тобеъ мешавад?*
*4. Пуркунандаи бевосита ва бавосита чист?*

**Машқи 73.** Шеърро хонед, пуркунандаҳоро муайян карда вобаста ба **«Тарзу тартиби таҳлили наҳвии пуркунанда»** таҳлил кунед.

## МОДАР

Ба нураш гарчи ин хуршеди ховар
Фаро гирад ҷаҳонеро саросар,
Намегардад валекин он баробар
Ба ин пурқувватӣ бо меҳри модар!

Фақат модар ба ҳар гармову сармо,
Ҳамеша бар сари гаҳвораи мо,
Напӯшида даме ду чашм шабҳо,
Бупарвард ӯ чу ҷон бигрифта дар бар.

Вуҷудаш чун ба фарзанд аст пайванд,
Варо хонад ба худ ҷону ҷигарбанд.
Агар хоре занад бар пои фарзанд,
Дили модар шавад ғамгин муқаррар.

Барои фикру ёди пурумедаш,
Барои ҳурмати мӯйи сафедаш,
Ба ҷон ҳам ҳурмату иззат кунедаш,
Набошад то ки чашмаш ҳеҷ гаҳ тар!

*А. Шукӯҳӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Тарзу тартиби таҳлили наҳвии пуркунанда***

1. Пуркунандаи ҷумла ва ба кадом савол ҷавоб шудани он.

2. Хели пуркунанда: бевосита ё бавосита.

3. Таркиби пуркунанда: содда ё тафсилӣ.

4. Ҷойи пуркунанда.

## Ҳол ва хелҳои он

♦ **Машқи 74.** Ҷумлаҳои дар таркибашон ҳол доштаро хонед, ба воситаи гузоштани савол хели ҳолро муайян кунед.

1. Онҳо хомӯшона роҳ мегаштанд (*П.Т.*). 2. Рухи тобони Офтоб кам-кам аз соя баромад (*С.У.*). 3. Ин ҳол ба асаби вай боз ҳам сахттар таъсир кард (*Ҷ.И.*). 4. Акнун мӯрчагон аз паи рӯзгори худ ҷунбуҷӯле доранд (*Ф.М.*). 5. Дар зери дарахти чормағзи калон падарам маро нигарон аст (*С.*). 6. Ба ҳамин мулоҳиза ӯ низ ночор роҳи хонаи худро пеш гирифт (*С.А.*).

♦ **Машқи 75.** Ҳолҳои ба саволҳои **чӣ тавр? кай? дар куҷо? аз куҷо? то куҷо? чаро? аз чӣ сабаб? бо чӣ мақсад? барои чӣ?** ҷавобшавандаро нависед. Гӯед, ки дар байни онҳо чӣ фарқияте ҳаст.

! **Машқи 76.** Ҷумлаҳоро хонед, ҳоли тарзи амал, ҳоли микдору дараҷа ва ҳоли монандиро бо калимаҳои эзоҳдиҳандаашон нависед. Фарқи онҳоро гӯед.

1. Ман бо ҳамин мулоҳиза таклифи падарро бо хурсандӣ қабул кардам. 2. Дар як соат як қаламдон маро ду бор аз ҳад зиёд хурсанд кард. 3. Аз торикии шаб фоида бурда як-як, ду-ду ба найзорҳои дуртар аз шаҳр ҷойгир шуданд (*С.А.*). 4. Монанди талабаи мактаб аз имтиҳон гузаштам (*Ҳ.К.*). 5. Аз тарқишу роғҳои дару тиреза ғуввасзанон шамол медаромад (*Ф.Н.*).

♦ **Машқи 77.** Ҷумлаҳоро хонед, ба зери ҳол хат кашед ва ҷойи онҳоро дар ҷумла муайян кунед.

1. Маҳмуд пояшро оҳиста ба оби тағора ғӯтонд ва ором гирифта, ба нуқтаи номаълум нигоҳ карда монд (*П.Т.*). 2. Аз мобайн як моҳ фурсат гузашт (*Ҷ.И.*). 3. Онҳо бо вуҷуди бесаводӣ шашмақомро бо ғазалҳои классикӣ аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

падару бобояшон даҳан ба даҳан омӯхта буданд (*С.А*). 4. Ман вайро надида аз Тӯс рафта наметавонистам (*С.У.*).

♦ **Машқи 78.** Ба ҳар як навъи ҳол мисол нависед ва яке аз онҳоро дар асоси **«Тарзу тартиби наҳвии ҳол»** таҳлил кунед.

### *Тарзу тартиби таҳлили наҳвии ҳол*

1. Ҳоли ҷумла ва ба кадом савол ҷавоб шудани он.
2. Муайян кардани хели ҳол: тарзи амал, монандӣ, миқдору дараҷа, замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф.
3. Гузоштани аломати шартӣ.

**?** *1. Ҳол чист ва он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?*
*2. Кадом хелҳои ҳолро медонед?*
*3. Навъҳои ҳол аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ доранд?*

## Такрор (чоряки якум)

**?** ***Савол ва супоришҳо***

*1. Ҷумла аз ибора чӣ фарқ дорад?*
*2. Кадом тарзҳои алоқаи таркиби ҷумларо медонед?*
*3. Кадом навъи алоқа ба ибора ва ҷумла хос аст?*
*4. Сараъзоҳои ҷумла аз аъзоҳои пайрави ҷумла чӣ фарқ доранд?*
*5. Чанд хели хабарро медонед?*
*6. Кадом бандакҳоро медонед?*
*7. Кадом вақт дар байни мубтадову хабар аломати тире гузошта мешавад?*
*8. Муайянкунанда чанд хел мешавад?*
*9. Муайянкунанда бо кадом ҳиссаи нутқ ифода мешавад?*
*10. Воситаи алоқаи муайянкунандаву муайяншавандаро номбар кунед?*
*11. Баёния аз муайянкунанда чӣ фарқ дорад?*
*12. Баёния чанд хел мешавад?*
*13. Ҳол чист?*
*14. Кадом хели ҳолро медонед?*
*15. Аъзоҳои содда, таркибӣ ва тафсилии ҷумла аз якдигар чӣ фарқ доранд?*
*16. Мавзӯъҳои гузаштаро такрор намуда, бо интихоб намудани ибора ва ҷумла таҳлили наҳвӣ гузаронед.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE
http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ҶУМЛАҲОИ СОДДАИ ЯКТАРКИБА

## Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба

**! Машқи 79.** Ҷумлаҳои соддаи дар ҷадвал додашударо хонед, хелашонро муайян карда ба ҷои нуқтаҳо нависед.

| Т.р. | . . . | . . . |
|---|---|---|
| 1. | Хоки Ватан-аз мулки Сулаймон хуштар. | Пеш аз таом даст мешўянд. |
| 2. | Сухан оинаи марди сухангўст. | Ўро ба некӣ ёд мекунам. |
| 3. | Оқилон аз паи нуқат наравaнд. | Таклифи мўйсафедро пазируфтам. |
| 4. | Фатҳи коинот чашмаи илҳоми ўро борҳо ба ҷўш оварда буд. | Бо эҳтироси баланд шеър мехонд. |
| 5. | Ман бо аломати ризо сар ҷунбонидам. | Матни ғазалро пурра бо эҳсоси ҷавонмардӣ сурудам. |
| 6. | Ҳарорати шеъри оташбори устод маҳфили адабии моро гармтар кард. | Аз қисмати эҷодии Низоми Ганҷавӣ, Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Собир ва саромадони барҷастатарини адабиёти форсу тоҷик ақида мерондем. |
| 7. | Вай бо забони назми оташбор, орзую омолу майли иҷтимоии мардуми заҳматкашро ифода менамуд. | Борҳо дар сўҳбати ин ду марди хирадманди ҳамдарду ҳаммаслак ва бародарони ҷонӣ иштирок доштам. |

**♦ Машқи 80.** Ба ҷумлаҳои соддаи яктаркиба панҷто мисол ёбед ва ба дафтаратон нависед. Ба кадом шахс тааллуқ доштани хабари ҷумлаҳои навиштаатонро муайян кунед.

***Намуна:*** 1. Ба ҳаёти мустақилона қадам мемонӣ (*Ф.М.*). 2. Масъалаи интизомро ба рўзномаи маҷлис монданд (*Э.С.*).

***Эзоҳ:*** **Қадам мемонӣ** – хабари ҷумлаи якум мебошад. Бандаки феълии -ӣ шахси дуюми танҳоро муайян кардааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Монданд** – хабари ҷумлаи дуюм мебошад. Бандаки феълии **-анд** шахси сеюми ҷамъро ифода мекунад.

**! Машқи 81.** Хабарҳои ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро муайян карда ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки кадоме аз онҳо дар аввал ва кадоме аз онҳо дар охири ҷумла омадааст.

1. Сӯхтам дар оташи ҳиҷрони ёр,
   Оташи ғам кард хокистар маро.

*М. Миршакар*

2. Китоби дигаре бигрифтам аз сандуқ,
   Зи авроқи нигоринаш бигаштам мот,
   Муқова зарҳалӣ, аҳсан ба саҳҳофаш,
   Шудам мафтуни сеҳри панҷаи хаттот.

*А. Бобоҷон*

**♦ Машқи 82.** Аз силсилаи ҷумлаҳо сето ҷумлаи яктаркибаро интихоб карда, онро ба ҷумлаи дутаркиба табдил диҳед. Дар вақти табдилдиҳӣ чиро ба эътибор гирифтед?

1. Ба роҳ даромадем (*М.Б.*). 2. Дар даромадгоҳи қишлоқ аз бачаҳо манзили Шодиро пурсид (*Ҷ.И.*). 3. Дар теппаҳои бекас танҳо мерафт ва менолид (*Ҷ.И.*). 4. Муаллими мактаби миёна ҳастам (*Ҳ.К.*). 5. Ҳавлияшро медонӣ (*Р.Ҷ.*). 6. Ба боғ меравем (*Р.Ҷ.*). 7. Ҷӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд *(Мақол)*. 8. Беморро сиҳат кардан даркор (*Ф.М.*).

***Намуна:*** Ба роҳ даромадем – Мо ба роҳ даромадем.

**! Машқи 83.** Ҷумлаҳоро хонед, онҳоро аз ҷиҳати таркиб ба ду гурӯҳ ҷудо карда нависед. Баъд аз он мубтадои ҷумлаи соддаи яктаркибаро аз рӯйи хабари он муайян кунед. Гӯед, ки шумо мубтадои дар ҷумлаи соддаи яктаркиба зикрнаёфтаро аз рӯйи кадом аъзои ҷумла ва бандак муайян кардед.

1. Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон кӯҳистон бо вазидани бодҳои баҳорӣ аз фаровонии сабзаи навхез монанди дарёи пуроб мавҷ мезад (*С.А.*). 2. Дар дами пирӣ як орзу, ҳавасатро бинам, мегӯям (*Ҷ.И.*). 3. Ҳар ду ҳам хомӯш монданд. (*Ҷ.И.*). 4. Фикрамро ба вай гуфтам (*Ҳ.К.*). 6. Ба гирдогирди гулзор райҳон кошта буданд (*С.У.*).

**?** 1. *Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои соддаи яктаркиба меноманд?*
2. *Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба аз кадом ҷиҳат аз ҷумлаҳои соддаи дутаркиба фарқ мекунад?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*3. Дар таркиби кадом навъи ҷумлаҳои содда яке аз аъзоҳои ҷумла иштирок мекунад?*

**Машқи 84.** Ҳашто ҷумлаи соддаи яктаркиба нависед. Дар мисолҳои навиштаатон аз сараъзоҳо кадоме бештар истифода шудааст?

## Гурӯҳи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба

Ҷумлаҳои муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс, унвонӣ **гурӯҳи ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро** ташкил медиҳанд. Ҳар яке аз гурӯҳҳои ҷумлаҳои соддаи яктаркиба хусусиятҳои ба худ хоси грамматикӣ доранд. Чунончи, ҷумлаи муайяншахс ба воситаи хабарҳои феълии шахси якум ва дуюми танҳову ҷамъ ба вуҷуд омада шахс-соҳиби амали иҷрошударо ошкоро нишон медиҳад. Хабари ҷумлаи бешахс бошад, аз асоси замони гузашта, шахси сеюми танҳо ва феъли ёридиҳандаи, «бояд», «боист» меояд, ташкил меёбад. Дар он мубтадо нест ва он аз мазмуни ҷумла ҳам фаҳмида намешавад.

**! Машқи 85.** Ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро хонед ва онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед. Кадоме аз хабари ҷумлаҳо шахси якуми танҳову ҷамъро ифода кардааст?

1. Аз хурдӣ ба омӯхтани шеър шавқу ҳавас пайдо кардаам. 2. Барои пурра фаҳмидани панду андарзи бузургон кӯшиш кардем. 3. Аз субҳ то шом хизмат кардаанд. 4. Иншоро пурмазмун ва таъсирбахш навиштаӣ. 5. Ҷашнро пуртантана гузаронидаед. 6. Калонсолонро ҳурмат мекунем. 7. Маънои калимаи «маънавият» ва «маърифат»-ро дуруст бояд бигӯям. 8. Бародари ман бошӣ, баробари ман бош (*Зарбулмасал*). 9. Аз чароғи илму нури маърифат синаро пурнур мебояд намуд. 10. Ранҷи худу роҳати ёрон талаб (*Зарбулмасал*).

**! Машқи 86.** Матнро хонед, ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро ба дафтар нависед. Хабари ҷумлаи соддаи яктаркиба чӣ гуна бандакро қабул кардааст? Соҳиби амал шахси чандум аст?

Бори аввал Айниро соли 1950 дар Душанбе сари минбар дидам. Ӯ дар як ҷамъомади ҷавонон нутқ мекард. Ман Айнии зиндаро дидам, тамоми вуҷуд ҳушу гӯш шуда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

суханҳояшро чида мегирифтам, ба қаду қомат, тарзи либоспӯшӣ, риши зебои кулӯтааш менигаристам, ҷозибаи суханаш сеҳрам карда буд. Ёд дорам, ки вай ба аҳли маҷлис «рафиқо» гуфта муроҷиат мекард, дигарон бошанд «рафиқон» мегуфтанд...

Ин шиносоии аввалин буд. Минбаъд ба тақозои кор Айниро аз дуру наздик дар маҷлису мулоқотҳо бештар медидам ... (*Аз китоби «Оламафрӯз»-и Холмурод Шарифов*).

**?** *1. Хелҳои ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро номбар кунед.*
*2. Кадом хели ҷумлаи яктаркиба ба воситаи хабарҳои феълии шахси якум ва дуюми танҳову ҷамъ ба вуҷуд омада шахс-соҳиби амали иҷрошударо нишон медиҳад?*
*3. Хабари кадом навъи ҷумлаи яктаркиба аз асоси замони гузашта – шахси сеюми танҳо ва феъли ёридиҳандаи «бояд», «боист» меояд?*

**Машқи 87.** Хабари кадом ҷумлаҳои соддаи яктаркиба дар шакли содда ва кадомаш дар шакли таркибӣ омадааст. Бандакҳои феълӣ ва хабариро номбар карда, шахсу шумораи онҳоро фаҳмонед.

1. Барои Ватан мардона ҷон медиҳанд. 2. – Дигар ин суханро ба забон намегирӣ. 3. Китобҳоро ба болои миз мондаанд.

## Ҷумлаи муайяншахс

**! Машқи 88.** Бандакҳои феълӣ ва шахсу шумораҳои феълро ба хотир оварда онро ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки кадоме аз он бандакҳо ба ҷумлаи муайяншахс мансубият дорад. Бо бандакҳои феълӣ оид ба ҷумлаи муайяншахс мисолҳо нависед, ки он шахси якум ва дуюми танҳову ҷамъро фаҳмонад.

**Ҷумлаи яктаркибаи бемубтадое, ки амал ба воситаи хабарҳои шахси якум ва дуюми танҳою ҷамъ ба вуҷуд омада шахсони муайянро далолат мекунад, *ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс* ном дорад.**

*Мисол.* 1. Барои Ватан ҷонро фидо мекунем. 2. Шеърро равон ва таъсирбахш хондаӣ. 3. Дирӯз аз аҳволи модаркалонам хабар гирифтам.

Сабаби муайяншахс номида шудани ин ҷумлаҳо дар он аст, ки хабари ҷумла бандакҳои феълии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шахсӣ дошта, кӣ будани иҷрокунандаи амалро муайян мекунад. Дар мисоли якум **соҳиби амал** ба восиатаи бандаки феълии **-ем** ифода ёфтааст, ки ба шахси якуми ҷамъ алоқаманд аст. Дар мисоли дуюм **соҳиби амал** шахси дуюми танҳо буда, он ба воситаи бандаки феълии **-ӣ** ва дар мисоли сеюм **соҳиби амал** шахси якуми танҳо буда, он ба воситаи бандаки феълии **-ам** ифода ёфтааст.

**! Машқи 89.** Ҷумлаҳои муайяншахсро аз рӯйи ифодаи шахсу шумора ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед. Кадоме аз онҳо дар шакли ҷамъ ва кадоме аз онҳо дар шакли танҳо омада, шахси якум ва дуюми танҳову ҷамъро ифода кардаанд.

1. Ба хонаи онҳо гоҳ-гоҳ хабар меовардам. 2. Дам ба дам ба зиёрати Хусраву бибии Хиромон ҳам меравем. 3. Аз гуруснагию зиндадаргӯрӣ гоҳ-гоҳ ба вартаи ноумедӣ меафтодам (*И.Н.*).

**♦ Машқи 90.** Матнро хонед ва ҷумлаҳои муайяншахсро ёфта ба дафтаратон нависед.

Хурд будӣ, навозишат карданд. Хандидӣ. Завқидӣ. Қоҳ-қоҳ задӣ. Кӯдакона ноз кардӣ. Модар модарона бӯсид. Падар падарона саратро сила кард. Чашмонат лахча барин медурахшиданд. Рухсорат себи сурх барин метобид. Ҳаёт васиқаи балоғатро ба дастат дод. Замини куҳансол оғӯши худро ба ту боз намуд. Ситораҳо хандиданд. Офтоб пеш-пеши ту рақс кард. Замон аз ҷавлонгоҳи худ ҷой, давра шамшери бурро дод. Аср талаби қонуниашро пешниҳод намуд.

Ҳақ дошт.

Давидӣ. Ҷаҳидӣ. Наъра задӣ.

Ин баҳори умрат, навбаҳори соли дурахшонат буд (*Ҳ. Карим*).

**! Машқи 91.** Аз қавс бандакҳои феълии ифодакунандаи шахси якум ва дуюми танҳову ҷамъро интихоб карда ба ҷойи нуқтаҳо гузоред:

**(-ем, -ӣ, -анд, -ам, -ед, -етон).**

1. Саҳарӣ ҳамроҳи писарам пайванд кард... (*Б.О.*). 2. Корро нимкора монда рафт.... 3. Барои аз устодашон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳолпурсӣ кардан баргашт.... 4. Вазифаи хонагиро бори аввал мустақилона тайёр кард.... 5. Ба пирамард Акмал – бобо ёрмандӣ кард.... 6. Аз кӯпрук якбора гузашт....

**?** *1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаи муайяншахс меноманд?*
*2. Дар кадом навъи ҷумлаи соддаи яктаркиба шахси якум ва дуюми танҳою ҷамъ шахсони муайянро далолат мекунанд?*
*3. Ҷумлаи муайяншахс бештар бо кадом бандакҳо меояд?*
*4. Соҳиби амали ҷумлаи муайяншахс аз рӯйи кадом соҳаи (воҳиди) забон дониста мешавад?*

**Машқи 92.** Муайян кунед, ки ҷумлаҳои муайяншахси хабарҳояшон ишорашуда бо кадом бандакҳои феълӣ омадаанд. Онҳо чӣ гуна шахсу шумораҳоро ифода кардаанд? Ба воситаи он бандакҳо боз якчандто ҷумлаи соддаи яктаркибаи муайяншахс тартиб диҳед.

1. Дар ин вақт ба зиракии саг қоил шудам (*С.А.*). 2. Бо ёрии котибон ба китобати ҷойҳои зарурии он пардохт (*А.А.*). 3. Вақфи мударрисиро монанди пенсия хӯрда мехобидааст (*С.А.*). 4. Рӯзона гаранг барин гаштам (*Б.О.*).

## Ҷумлаи номуайяншахс

**Ҷумлаи яктаркибае, ки хабари он ба воситаи феъли шахси сеюми ҷамъ ифода меёбад, *ҷумлаи номуайяншахс* номида мешавад.**

Хабари ҷумлаи номуайяншахс амали аз тарафи шахси номаълум иҷрошуда ва ё иҷрошавандаро мефаҳмонад: Гӯсфандҳоро куштанд, дегҳоро шинонданд, танӯрҳоро афрӯхтанд, шӯрбои серравғани лабчасп ва завғораи гарми дастсӯзро тайёр карданд *(С.А.)*.

1. Ба роҳи мумфарш баромадаанд.
2. Ба мошини сабукрав савор шудаанд.
3. Парчами Ўзбекистонро баланд бардоштаанд.

**♦ Машқи 93.** Бандаки феълии шахси сеюми ҷамъро ба хотир оред ва бо ёрии он панҷто ҷумлаи номуайяншахс нависед.

**! Машқи 94.** Мақолу зарбулмасалҳоро хонед ва мазмунашро шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо ба кадом хели ҷумлаҳои соддаи яктаркиба мисол шуда метавонанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд. 2. Дӯст мекушаду дар офтоб намепартояд. 3. Зарро дар оташ, одамро дар меҳнат месанҷанд. 4. Навбат, ки ба мо расид, «бале»-ро «бало» навиштанд. 5. Нафси бад балои ҷон гуфтаанд. 6. Қадам барин қад ёфтаму дилам барин дил наёфтам. 7. Ба дарахти мевадор санг мезананд.

♦ **Машқи 95.** Аз саҳифаи рӯзнома ё маҷаллаи дӯстдоштаатон оиди ҷумлаҳои номуайяншахс мисолҳо интихоб кунед. Онҳоро бо мисолҳои шарикдарсатон муқоиса кунед.

**?** *1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои соддаи номуайяншахс меноманд?*
*2. Хабари ҷумлаи номуайяншахс чӣ гуна амалро ифода мекунад?*
*3. Мақолу зарбулмасалҳо бештар ба кадом навъи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба мисол шуда метавонанд?*

**Машқи 96.** Оид ба ҷумлаҳои номуайяншахс аз асарҳои хондагиатон ва «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» даҳто мисол интихоб карда ба дафтаратон нависед. Баъд аз он хабари ҷумлаҳоро муайян карда ба зерашон ду хати рост кашед.

## Ҷумлаи умумишахс

**Ҷумлаҳои яктаркибаи бемубтадое, ки бо хабари феълӣ ифода ёфта иҷрокунандаи амал ба ҳамаи шахсҳо як хел муносибат дорад, *ҷумлаи умумишахс* ном дорад.**

Хабари ин гуна ҷумлаҳо бо шахси дуюм ва сеюм ифода мегарданд. Бештарини ҷумлаҳои умумишахс дар шакли зарбулмасалу мақолҳо истифода мешаванд.

1. Дарди худ пеши дардмандон бигӯ. *Зарбулмасал*
2. Кори накарда ба карда машуморед. *Панд*
3. Мазан бе тааммул ба гуфтор дам,
«Накӯ гӯ, агар дер гӯйӣ, чӣ ғам». *С. Шерозӣ*
4. Мардумро ба гуфтор шиносанд.

**! Машқи 97.** Мақолу зарбулмасалҳои ба ҷумлаҳои умумишахс мисолшавандаро хонед, мазмунашро маънидод кунед.

1. Худозада бошу арвоҳзада не. 2. Бад макун, ки бад афтӣ, Чоҳ накан, ки худ афтӣ. 3. Шаф-шаф гуфтана шафтолу гӯй. 4. Аввал гиребони худ бибӯй, Баъд айби дига-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рон биҷӯй. 5. Ангура хӯру боғаша напурс. 6. Аз навкиса қарз макун, қарз кунӣ ҳам, харҷ макун. 7. Кам-кам хӯру ҳар дам хӯр. 8. Забонро покиза нигоҳ дор. 9. Дил мекашад, по меравад. 10. Шутурро бо кафлес об намедиҳанд.

**! Машқи 98.** Аз силсилаи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ҷумлаҳои умумишахсро ҷудо карда ба дафтаратон нависед.

1. Бесабаб, аз худ рафтӣ, аз халқ рафтӣ, нагуфтаанд. 2. Қоидаҳои ҳаракати роҳро вайрон накунед!. 3. Барои дамгирӣ ба деҳаашон баргашт. 4. Магар нашунидаӣ - «Дидӣ, ки нашуд, мон, ки равад», гуфтаанд бузургон. 5. Бо ду ҷӯрааш ба кӯмак шитофт. 6. Салларо биёр гӯйӣ, калларо меорад. 7. Пеш аз таом даст мешӯянд.

**♦ Машқи 99.** Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки кадоме аз ҷумлаҳои умумишахс ба тасвири табиат бахшида шудааст?

1. Зимистонро аз як рӯзаш тарс. 2. Дидадаро шав, ба дида ҷо шав. 3. Агар дил кунӣ, оламро гул кунӣ. 4. Каҷ шину рост гӯй (*Зарбулмасалҳо*). 5. Одами табиатдӯст бадқаҳл намешавад.

**?**
1. *Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои соддаи яктаркибаи умумишахс меноманд?*
2. *Ҷумлаи умумишахс аз дигар гурӯҳҳои ҷумлаҳои соддаи яктаркиба бо кадом ҷиҳат фарқ мекунад?*
3. *Хабари ҷумлаи умумишахс асосан бо кадом ҳиссаи нутқ ифода меёбад?*

**🔔 Машқи 100.** ***Супориши 1.*** Шеърро хонед ва дар мавзӯи **«Ватан садҳо қаҳрамон дорад»** иншо нависед.

***Супориши 2.*** Аз матни иншои навиштаатон ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахсро интихоб карда бо кадом бандак ва сиғаҳои феъл ифода ёфтани хабари онҳоро фаҳмонед.

***Супориши 3.*** Гӯед, ки хабари кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба амали аз тарафи шахси номаълум иҷрошуда ва ё иҷрошавандаро ифода кардааст.

Ба қонуни ҳақиқат месароям, то ки ҷон дорам.
Ба зидди душманонам мебароям, то ки ҷон дорам.
Ватан дорад чунин қонун, ки бо вай фахрҳо карда,
Ҳамегӯяд, ки қонуни ягона дар ҷаҳон дорам.
Агар аз қаҳрамонӣ гап равад, бо сарфарозиҳо
Ватан гӯяд, ки ман садҳо ҳазорон қаҳрамон дорам.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар дар бораи илму ҳунар сӯҳбат шавад ҷӯшон,
Ватан гӯяд: ҳазорон инженеру шоирон дорам,
Ватан шуд модари мушфиқ, азизу меҳрубони ман,
Наметарсам зи душман иқтидор аз дӯстон дорам.

*М. Миршакар*

## Ҷумлаи бешахс

**♦ Машқи 101.** Ҷумлаҳоро хонед ва аз байни онҳо ҷумлаҳои бешахсро муайян карда ба дафтаратон нависед.

1. Фарзанди падар мабош, фарзанди башар бош (*Зарбулмасал*).
2. Кори вазнинтарини рӯзгорро мефармуданд (*Б.О.*).
3. Шояд ҳамин тавр бошад (*Р.Ғ.*).
4. Дӯст хор шуду ба дида нахалид (*Зарбулмасал*).
5. Одам аз гул нозук, аз санг сахт (*Зарбулмасал*).
6. Тағоиям баъд аз се рӯз акаамро овард (*С.А.*).
7. Бори нахуст бо худ танҳо буд (*Г.*).

**Ҷумлаҳое, ки дар онҳо мубтадо нест ва онро аз мазмуни ҷумла ҳам фаҳмида намешавад, *ҷумлаҳои бешахс ном* доранд.**

Дар ҷумлаҳои соддаи бешахс хабар, одатан, дар шакли таркибӣ меояд. Феъли асоси ин гуна ҷумлаҳо аз асоси замони гузашта шахси сеюми танҳо буда, феъли ёридиҳандааш дар шакли **бояд, набояд, боист, мебоист** меояд.

Дар ҷумлаҳои бешахс ҷойи ёридиҳандаи **бояд** қатъӣ ва устувор нест. Вай гоҳо пеш аз феъли асосӣ ва гоҳо аз феъли асосӣ ҷудо шуда меояд, ки ин ба тарзи ифода вобаста буда, дар ҳар ду ҳолат маънои ҷумла як хел мемонад:

Ба чашми хирад дид **бояд** ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон.

*А. Рӯдакӣ*

Ба мардӣ имтиҳон **боист** додан,
Вафодорӣ нишон **боист** додан.

*А. Лоҳутӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Инчунин хабари ҷумлаҳои бешахс бо ҷузъи номӣ – масдар ва калимаҳои **модалии даркор, лозим, зарур, мумкин, шарт, раво, боистан, шоистан** ва ғайра ифода меёбад.

**♦ Машқи 102.** Бо феълҳои ёридиҳандаи **бояд**, **набояд**, **боист**, мебоист ҷумлаҳои бешахс нависед. Мисолҳои навиштаатонро бо мисолҳои навиштаи шарикдарсатон муқоиса кунед. Ҳангоми муқоиса ба ҷойи истеъмоли феъли ёридиҳандаи **бояд** эътибор диҳед. Чиро мушоҳида кардед, фаҳмонед.

**! Машқи 103.** Ҷумлаҳоро хонед, хабари ҷумлаҳои бешахсро муайян кунед. Гӯед, ки хабари ҷумлаҳои бешахс бо кадом калима ва феълҳои модалӣ ифода ёфтааст. Ба зери онҳо хат кашед.

1. Мурдаҳоро ёд бояд кард, ёд!. 2. Зист бояд бо ғаму ёди дигар (*Г.*). 3. Ӯро метавон пайрави Абӯали Сино гуфт (*С.А.*). 4. Дар шӯъла як шамшер мебояд кашид (*А.Л.*). 5. Инчунин директори мактаб рафиқ Салимовро ба шаҳр фиристодан лозим (*Ҷ.И.*). 6. Захми табар меравад захми сухан не (*Зарбулмасал*). 7. Ба ман олам не, одам даркор. Ба ман асп не, аспсавор даркор (*Р.Ғ.*). 8. Машъал бояд чун булӯр равшан бошад (*Ҳ.С.*).

**♦ Машқи 104.** Бо калима ва феълҳои модалии **зарур**, **лозим**, **даркор**, **шарт**, **шоистан**, **боистан** ҷумлаҳо тартиб диҳед. Ҷумлаҳои тартибдодаатон кадом гурӯҳи ҷумлаҳои содаи яктаркибаро ташкил додаанд, гӯед.

**♦ Машқи 105.** Ҷумлаҳои бешахсро дар шакли ҷумлаҳои содаи дутаркиба ва ҳам дар шакли ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс нависед.

1. Сарирро аз кор пеш кардан лозим. 2. Қасос гирифтан кори хуб нест. 3. Ӯро аз марг наҷот додан даркор. 4. Ба шумо бовар кардан мушкил (*Ҷ.И.*). 5. Наход ки ӯро аз ин кори нанговар баргардонида нашавад. 6. Илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард (*Зарбулмасал*).

***Намуна:*** Сарирро аз кор пеш кардан лозим – Ҳашмат Сарирро аз кор пеш кардан мехоҳад – Сарирро аз кор пеш кардан мехоҳӣ?

**♦ Машқи 106.** Даҳто ҷумлаи дутаркиба интихоб кунед ва он ҷумлаҳоро ба ҷумлаҳои бешахс баргардонида нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Намуна:*** Мо ба роҳ даромадем – Ба роҳ бояд даромад.

**?** *1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои бешахс меноманд?*
*2. Дар ҷумлаҳои бешахс хабар одатан дар кадом шакл меояд?*
*3. Ҷумлаҳои бешахс бо кадом феълҳои ёридиҳанда меояд?*
*4. Дар ҷумлаҳои бешахс ҷойи феъли ёридиҳандаи* ***«бояд»*** *чӣ гуна аст?*

**Машқи 107.** Ба дафтаратон даҳто ҷумлаи бешахс нависед. Аввал онҳоро ба ҷумлаи соддаи дутаркиба, сонӣ ба ҷумлаҳои соддаи яктаркибаи муайяншахс табдил диҳед. Гӯед, ки дар вақти табдилдиҳӣ кадоме аз сараъзоҳо ихтисор шудаанд ва кадом бандакҳои феълӣ шахсро аниқ нишон додаанд.

***Намуна:*** Аз одами нодон набояд ранҷид – Қобил аз ин одами нодон наранҷид – Аз ин одами нодон наранҷид.

## Ҷумлаи унвонӣ

**! Машқи 108.** Матнҳоро хонед, ҷумлаҳои унвониро муайян карда ба дафтаратон нависед.

1. Самарқанд. Тантанаҳои наврӯзӣ дар Афросиёб. Ҳама ҷоро авҷи хандаву шӯхӣ, рақсу суруд фаро гирифтааст... Ҷавоне ба саҳна давида медарояд ва мардумро ба сайли Афросиёб даъват мекунад. 2. Бешазор. Аз дур ароба, ошхонаи сайёр, пулемёт ба чашм мерасад. 3. Исфаҳон. Саройи Султон Малики Салҷуқӣ. Қабулхона. Дар пешгаҳ ва ду тарафи хона дарҳои нақшу нигордор. Дар тарафи чап барои подшоҳ ва вазиру уламо курсиҳои махсус гузошта шудаанд. Парда кушода мешавад, лекин саҳна як муддат холӣ меистад. Аз кунҷи хона Ибн Китфӣ баромада меояд (*Р. М.*).

**Ҷумлаҳои соддаи яктаркибае, ки дар он предмет ва ё воқеа номбар шуда, вале дар бораи он чизе гуфта намешавад, *ҷумлаҳои унвонӣ* ном дорад.**

Ҷумлаҳои унвонӣ дар шакли калима ва ё ибора ифода гардида, ба предмете ишорат мекунад, ки амали минбаъда ба он алоқаманд аст:

1. **Айёми тобистон.** Офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост баромада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм намуда буд *(С.А.)*. 2. **Хомӯшӣ.** Берунӣ дастна-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

висашро аз зери болин мебарорад *(С.У.)*. 3. **Эй Офтоб!** Ту ба он фахр кардӣ, ки шоҳи табиат ҳастӣ *(П. Т.)*.

Ҷумлаҳои унвонӣ **содда ва тафсилӣ** мешаванд.

Ҷумлаи унвонии содда аз як калимаи мустақилмаъно ташкил меёбад. Ҷумлаи унвонии тафсилӣ аз ибора иборат мешаванд.

**! Машқи 109.** Ҷумлаҳои унвонии ифодакунандаи макон ва замонро муайян кунед. Гӯед, ки кадоме аз он ҷумлаҳо дар шакли ибора омадааст?

1. **Нишопур.** Офтоб аз болои бомҳо нурҳои аввалинашро ба пошидан шурӯъ мекунад. 2. **Бегоҳӣ,** соат ба шаш наздик шуда истодааст. 3. **Охирҳои тирамоҳ.** Дар нӯги дарахтон ягон-ягон баргҳои тиллоӣ ба назар мерасанд. 4. **Марв**. Расадхона. Субҳ медамад. Аз дур дар тумани нимторик ҳаракати ходимони расадхона ба чашм мерасад (*Р.М.*). 5. **Субҳ**. Ҳавои тоза ба тан роҳат мебахшад. 6. **Дараи Ниҳон!** Дар ин асно кӯҳе ба назараш омад, ки дараи онро «Дараи Ниҳон» мегуфтанд (*С. А.*). 7. **Хона.** Дар нимторикӣ ашёҳои он базӯр ба чашм мерасид.

**♦ Машқи 110.** Даҳто ҷумлаи унвонӣ тартиб диҳед, ки онҳо ҷой, замон ва фаслҳои солро ифода карда бошанд.

***Намуна:*** 1. Хонақоҳ. Ҳуҷраи саҳнаш васеъ, ки шарқона ҷиҳозонида шудааст (*Р.М.*). 2. Фасли зимистон. Гарчанд то даромадани чилла боз як ҳафта дар пеш бошад ҳам, ҳаво туфкуну яхкун буд (*Ҳ.С.*).

**! Машқи 111.** Ҷумлаҳои унвониро хонед ва онҳоро ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки калима ва ибораҳои ишоракардашуда дарои чӣ гуна тобиши маъноианд?

1. **Аэродром**. **Золи тобистона**. Аз дур овози ғур-ғури моторҳо шунида мешавад (*Р.М.*). 2. **Охирҳои зимистон**, барфҳои обшудаистода манзараи назаррабоеро ҳосил кардаанд. 3. **Пагоҳирӯзӣ**, ҳангоме ки шавҳараш ба кор равона шуд, Муҳаббат, бо хаёли он ки ногаҳон касе даромада наояд, дари хонаро занҷир карду мактубро гирифта аз таҳти дил диққат карда ба хондан шурӯъ намуд. 4. **Таҳхона**. Сабзавотҳои бо тартиб дар болои тахтаҳо чидашуда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳолати табиии хешро як хел нигоҳ дошта буданд. 5. **Саҳаргоҳон**. Мо, ғолибони мусобиқаи шоҳмот, ба зиёфати тантанавии ҳокими шаҳр иштирок намудем. 6. **Лой**. Шалап-шалапи садои пой шунида мешуд (*Ҳ.К.*).

**! Машқи 112.** Матнро бодиққат хонед. Аз он ҷумлаҳои унвониро ҷудо карда ба дафтаратон нависед. Тобиши ифодаи маънии онҳоро фаҳмонед.

Шаб. Ҳама ҷо торик. Аз дур овози чир-чирак базӯр ба гӯш мерасад. Шамоли форами баҳорӣ бошад ба тан ҳузур мебахшад. Хаёл андешаҳои инсонро ба дури дуриҳо гирифта мебарад ва ҷилави орзуҳои ӯро сар медиҳад.

Сукунат. Лаҳзаҳое, ки овози чир-чирак ҳам хомӯш шуда, замину замон ба қаъри хомӯшӣ ғарқ мешаванд ва инсон ҳамчун ягона мавҷудоти зинда ба як маром нафас мегирад.

**?**
1. *Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои унвонӣ меноманд?*
2. *Ҷумлаҳои унвонӣ аз ҷиҳати сохту таркиб чӣ гуна мешаванд?*
3. *Ҷумлаи унвонии содда аз чанд калимаи мустақилмаъно ташкил меёбад?*
4. *Ҷумлаи унвонии тафсилӣ асосан бо кадом воҳиди забон таркиб меёбад?*

**Машқи 113**. Матнро хонед, аз таркиби он ҷумлаҳои унвониро муайян намуда, содда ё худ тафсилӣ буданашро номбар кунед.

## АЙЁМИ ШАҲДРЕЗ

Бачаҳои азиз! Ҳамаамон шоҳидем, ки баъд аз тобистон фасли тирамоҳ фаро мерасад. Ин айёмест, ки деҳқон ҳосили заҳматашро хирман мекунад. Тирамоҳро фасли заррин низ меноманд.

Тирамоҳ, ту аҷаб фасли гуворои! Зеро ту бароямон чандин хушиҳо овардӣ. Иди истиқлоли миллӣ. Оғози соли таҳсил, ҷашни Меҳргон, бозори фаровон...

Аз ту ҳама шодкомист, чунки ангури шаҳдбори ҳусайнӣ, шибирғонӣ, тагобӣ..., анори туршу ширин, хурмою анҷири асалӣ, пистаю чормағзҳои болаззат ва дигар меваҳоро болои дастархони мо меорӣ.

– Магар ин кори ту нест, тирамоҳ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Не, наход надонед? Охир ин кори Бобои Деҳқон аст! Маҳсули заҳмати марди деҳқон аст, ки ман обрӯманду шумо баҳраманд.

– Узр мепурсем, тирамоҳи заррин! Қариб буд баҳори нозанинро фаромӯш кунем ва меҳнату заҳмати кишткардаи Деҳқонбобоpo нодида бигзарем. Хайрият ба ёди мо овардӣ. Тирамоҳ, медонӣ чӣ? Аз ту хоҳиш мекунем, ки ҳар сол ҳамин хел пурнеъмату фаровон биёӣ, ҳамаи хушии мо аз файзу баракати туст, тирамоҳи файзбахш!

– Ба ин ваъда медиҳам. Бигзор гуфти шумо шавад, хайр, то соли дигар!

*Бозор Боронов*

## Ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ

**Ҷумлае, ки барои тасдиқи фикри гуфташуда хизмат мекунад, *ҷумлаи тасдиқӣ* номида мешавад.**

Ҷумлаҳои тасдиқӣ ба воситаи ҳиссачаҳои тасдиқии **ҳа**, **бале**, **оре** меоянд.

**Ҷумлае, ки маҳз барои инкори фикри гуфташуда хизмат мекунад, *ҷумлаи инкорӣ* номида мешавад.**

Ҷумлаи инкорӣ ба воситаи ҳиссачаи инкории **не, на** меояд.

Ҷумлаҳои инкорӣ ба воситаи ҷонишинҳои инкории **ҳеҷ, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз** ва бо феъли инкории **нест** ифода мегарданд:

– Ҳамсоя, мабодо-ку намак надоред?
– Нест! (*П.Т.*).
– Дар назди ту ҳоло кӣ буд?
– Ҳеҷ кас! (*С.*).

Ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ бештар дар муколама ба кор бурда мешаванд.

**! Машқи 114.** Ҷумлаҳоро хонед ва онҳоро ба гурӯҳҳои тасдиқӣ ва инкорӣ ҷудо карда нависед.

1. Оре, «исботу асоси нав» аз Латиф Воҳидов баромад. 2. Бале, дида будам. 3. – Не, саломат бошед. 4. – Ҳа, аризаи ман, камтар дардманд шуда мондам ... (*Ф.Н.*). 5. Албатта, ҷойи хушобу ҳаво, софу салқин ... Бале, духта-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рам, бале!. 6. Бале, ман вайро мешинохтам (*Ҳ.А.*). 7. – Не, не, – раис, ки аз дарду алам дуд мекард, якбора оташ гирифт. – Не, ин гапи бачаҳо не, гапи худат (*М.С.*). 8. Бале, ман бо шумо риштаи дўстиро мустаҳкам карданиам. 9. Не, не, ин кори шумо ба куҳансолони деҳаамон маъқул нахоҳад шуд.

**♦ Машқи 115.** Дар порчаи шеърӣ фикр чӣ гуна ифода ёфтааст, фаҳмонед. Баъд аз он бо ҳиссачаҳои тасдиқии **ҳа, бале, оре** ҷумлаҳо нависед.

Бале, Сино на аз он гашт машҳур,
Ки бар сар салла, бар тан ҷомае дошт.
Ливои илму донишро чу хуршед
Ба фарқи асри торикаш барафрошт.

*М. Миршакар*

**♦ Машқи 116.** Бо ҳиссачаи инкории **на** ва **не** ҷумлаҳои инкорӣ тартиб диҳед. Гўед, ки онҳо аз ҷумлаҳои тасдиқӣ чӣ фарқ доранд?

**! Машқи 117.** Ҷумлаҳоро хонед, тасдиқӣ ё инкорӣ буданашонро исбот кунед ва ба ду гурўҳ ҷудо карда ба дафтаратон нависед.

1.– Боз хобатон набурд магар, ҳамсоя?
– Бале, – гуфтам дар ҷавоб, – Чандин шаб ин ҷониб хобам намебарад (*Б.О.*).
2. – Оппоқ-тоға, шумо-мӣ?
– Ҳа, духтарам, меҳмон омаданд қабул кунед (*Р.М.*).
2. – Худам... худам... гунаҳкор, дадеш... Хайр, маро маломат накунед.
– Не, чӣ маломат мекунам? (*Р.Ҳ.*).
3. – Ин бозичаро шумо аз ақли худ баровардед?
– Не, – гуфт ў, – калонтарин ин обкашакро бобои ман, ки Сайид Аҳмадхоҷа... сохта буданд (*С.А.*).
5. – Ту ба ҷойи Самад баромад кардӣ?
– Оре, ҳамин тавр шуда монд.
6. – **Ҳа, бале.** Гап дар бораи ана ҳамон очерк меравад, хоҳарам (*Ҳ.С.*).

**! Машқи 118.** Сето ҷумлаи соддаи яктаркиба интихоб кунед ва онро вобаста ба тарзу тартиби таҳлили синтаксисии ҷумлаи соддаи яктаркиба таҳлил кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Тарзу тартиби таҳлили наҳвии ҷумлаҳои соддаи яктаркиба***

1. Ба воситаи савол муайян кардани яке аз аъзоҳои ҷумлаи соддаи яктаркиба.

2. Муайян кардани гурӯҳи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба.

3. Муайян кардани воситаҳои грамматикӣ: бандакҳо, феълҳои модалӣ, калимаҳои ёридиҳанда, ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ.

4. Ифодаи шахсу шумора ва ё ин ки мансубияти амали иҷрошуда ба шахс.

5. Муайян кардани сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумлаи соддаи яктаркиба.

6. Бо аломатҳои шартӣ нишон додани тарзи ташкили ҷумла.

***Мисол:*** Ҳамроҳи муаллим ба музейи таърихии шаҳрамон рафтем.

***Намунаи таҳлил:***

1. **Рафтем** ба саволи **чӣ кор кардем?** ҷавоб шудааст, ки он яке аз аъзоҳои ҷумлаи соддаи яктаркиба мебошад. Мубтадои ҷумла нест.

2. Ҷумлаи соддаи муайяншахс мебошад, ки соҳиби амал шахси якуми ҷамъ **-мо** мебошад.

3. Дар ҷумлаи соддаи муайяншахс бандаки феълии **-ем** ифодагари шахси якуми ҷамъ аст.

4. Соҳиби амал шахси якуми шумораи ҷамъ мебошад.

5. **Чӣ кор кардем?** — рафтем (хабар), **ба куҷо?** — ба музейи таърихии шаҳрамон (ҳоли макон), **ҳамроҳи кӣ?** — ҳамроҳи муаллим (пуркунанда).

**?**
*1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои тасдиқӣ меноманд?*
*2. Ҷумлаҳои тасдиқӣ бо кадом ҳиссачаҳо меоянд?*
*3. Кадом ҳиссачаҳо барои тасдиқи фикр интихоб карда мешаванд?*
*4. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои инкорӣ меноманд?*
*5. Ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ дар чӣ гуна нутқ кор фармуда мешаванд?*

**Машқи 119.** *Супориши 1.* Дар асоси мазмуни расм дар ҳаҷми 80–100 калима матне тартиб диҳед.

*Супориши 2.* Дар матн ҷумлаҳои соддаи дутаркиба ва яктаркибаро бештар кор фармоед.

*Супориши 3.* Ҷумлаҳои соддаи дутаркиба ва яктаркибаро дар алоҳидагӣ нависед.

*Супориши 4.* Яке аз ҷумлаҳои соддаро интихоб карда таҳлил кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Такрори ҷумлаҳои соддаи яктаркиба

### *Савол ва супоришҳо*

1. *Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои соддаи яктаркиба меноманд?*
2. *Ҷумлаи соддаи яктаркиба аз ҷумлаи соддаи дутаркиба аз кадом ҷиҳат фарқ дорад?*
3. *Гурӯҳи ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро номбар кунед.*
4. *Кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба бо бандакҳои феълии -ам, -ӣ, -ем, -ед (-етон) омада бевосита шахси якуму дуюми танҳо ва ҷамъро ифода мекунад?*
5. *Ҷумлаи муайяншахс чист?*
6. *Кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба ба воситаи сиғаи амрӣ ва хабарӣ омада шахси якуму дуюми танҳо ва ҷамъро аниқ нишон медиҳад?*
7. *Чӣ гуна ҷумларо ҷумлаи номуайяншахс меноманд?*
8. *Хабари ҷумлаи номуайяншахс чӣ гуна амалро ифода мекунад?*
9. *Таърифи ҷумлаи умумишахсро гӯед.*
10. *Ҷумлаи умумишахс аз ҷиҳати шакл ба кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба наздик аст?*
11. *Ба ҷумлаи бешахс таъриф диҳед.*
12. *Кадоме аз ҷумлаҳои соддаи яктаркиба бо феълҳои ёридиҳандаю калимаҳои модалии бояд, боист, зарур, лозим, даркор, мумкин ва ғайра меояд?*
13. *Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаи унвонӣ меноманд?*
14. *Дар кадом навъи ҷумлаи соддаи яктаркиба мубтадо баъзан бо муайянкунанда меояд?*
15. *Бо интихоби мисолҳо содда ва тафсилӣ будани ҷумлаҳои унвониро исбот кунед.*
16. *Кадоме аз ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ба воситаи калима, ибораҳои ба аъзоҳо ҷудонашаванда омада тасдиқ ва инкорро ифода мекунад?*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*17. Бо интихоби ҳиссачаҳои «бале» ва «не» ҷумлаи тасдиқию инкорӣ тартиб дода фарқияти онҳоро фаҳмонед.*

## Тест

*1. Ҷумлаи содда аз ҷиҳати таркиб ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешавад?*

а) дутаркиба ва яктаркиба
б) яктаркиба
в) дутаркиба
г) содда ва мураккаб

*2. Қатори ҷумлаи соддаи яктаркибаро муайян кунед.*

а) Мо ба сайргоҳ рафтем.
б) Ман ба кори модарам ҳамеша ва ҳар доим ёрӣ мерасонам.
в) Дирӯз. Шабнишинии адабӣ-бадеӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти устод С. Айнӣ баргузор гардид.
г) Чархи таърих ҳамеша пеш меравад.

*3. Хонед ва ба ҷойи нуқта ибораи мувофиқро ёфта гузоред: «Ҷумлаи соддае, ки аз як сараъзо ва ё як сараъзою калимаҳои эзоҳдиҳанда иборат аст, ... чӣ номида мешавад»*

а) ҷумлаи соддаи яктаркиба
б) ҷумлаи соддаи дутаркиба
в) ҷумлаи мураккаб
г) ҷумлаи мураккаби пайваст

*4. Ҷумлаҳои «Китобу дафтарро баровварда ба дарс омода шавед» ва «Фарзанди хушбахти диёри соҳибистиқлол ҳастам» чӣ гуна ҷумлаҳои соддаи яктаркиба аст?*

а) номуайяншахс
б) бешахс
в) умумишахс
г) муайяншахс

*5. Хабари кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба ба воситаи бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ ифода меёбад?*

а) номуайяншахс
б) муайяншахс
в) умумишахс
г) бешахс

*6. Дар ҷумлаи соддаи бешахс хабар, одатан, дар кадом шакл меояд?*

а) таркибӣ
б) содда
в) ҷида
г) пай дар пай

*7. Дар ҷумлаи бешахс ҷойи ёридиҳандаи «бояд» чӣ гуна аст?*

а) қатъӣ ва устувор нест
б) қатъӣ
в) устувор
г) муқаррар

*8. Кадом ҷумлаи унвонӣ дар баёни маънӣ замони амалро ифода кардааст?*

а) Лой. Шалап-шалапи садои пой шунида мешуд.
б) Субҳ. Офтоб баромада истодааст.
в) Як боғ. Атрофаш бо девори пастаке иҳота шудааст.
г) Мардум. Бахри беҳбудии ҳаёт кӯшиш мекунанд.

*9. Кадоме аз ин ҳиссачаҳо барои тасдиқи фикр корбаст мешаванд?*

а) ҳа, бале, оре
б) не, на
в) фақат, танҳо
г) ана, мана

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ҶУМЛАҲОИ НОПУРРА ВА ПУРРА

## Маълумот дар бораи ҷумлаҳои нопурра ва пурра

**Ҷумлае, ки ягон аъзояш гуфта нашудаасту онро аз маънои умумии ҷумла, шароити нутқ муайян кардан мумкин аст, *ҷумлаи нопурра* меноманд.**

Ҷумлаҳои нопурра бештар дар гуфтугӯ истифода мешаванд. Дар ҷумлаҳои соддаи нопурра зикр нашудани ҳама гуна аъзои ҷумла, ҳамчунин омадани танҳо яке аз аъзоҳои ҷумла мумкин аст.

**Ҷумлае, ки дар он ҳамаи аъзоҳои зарурӣ мавҷуд буда, бе матни дигар ва шароити нутқ ҳам мазмуни он равшан фаҳмида мешавад, *ҷумлаи пурра* ном дорад.**

Ҷумлаҳои соддаи пурра хулласу тафсилӣ ва дутаркибаву яктаркиба мешаванд.

**! Машқи 120.** Хонед, ҷумлаҳои пурраашро ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки онҳо аз ҷумлаҳои нопурра аз кадом ҷиҳат фарқ доранд.

1. – Ин ба ту чӣ гуфт?
   – Ҳеҷ чӣ.
2. – Хушрӯй-а? – хаёломез гуфт Хиромон.
   – Кӣ?
   – Шаҳрамонро мегӯям.

3. Ризои модар – ҳам фарзу ҳам суннат. 4. Як барги печхӯрдаи хушки бед ба рӯйи об афтодааст (*Р.Ҷ.*). 5. Пагоҳии дигар корвон ба роҳ баромаданӣ буд (*С.У.*). 6. Моҳамсояи девордармиён (*Ф.М.*).

**! Машқи 121.** Ҷумлаҳои соддаи пурраро хонед ва онҳоро ба ду гурӯҳ: хуллас ва тафсилӣ ҷудо карда нависед.

1. Ман забони модариамро дӯст медорам. 2. Мо дирӯз бо шоирони диёрамон ҳамсӯҳбат шудем. 3. Дониш – ча-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

роғи ақл. 4. Зарина бо навмедӣ ба ҳаёт қадам мемонад. 5. Насиҳати волидайн раҳнамои зиндагист. 6. Шарикдарсам омад. 7. Ман мехонам. 8. Себ пухтааст. 9. Маънои калимаҳои «рейтинг ва тест» - ро дуруст шарҳ дод.

**! Машқи 122.** Ҷумлаҳои пурра ва нопурраро хонед ва онҳоро дар алоҳидагӣ ба дафтаратон нависед.

1. Саҳарӣ деҳаро ҳама дар оғўши дуду оташ медиданд (*Ф.Н.*). 2. Дар ин гуфтори устод ҳам ҳақиқату ҳам ҳикмат буданд (*Р.Ҷ.*). 3. Ў он ҳуҷраро бо ҳамаи озуқааш ба ману Ҳайрат супурдан хост (*С.А.*).

1. – Ба он ҷо кӣ рафт?
– Падарам.
2. – Ҳотам чӣ кор кард?
– Омад.
3. – Ту худро чӣ тавр ҳис мекунӣ?
– Бад не.
4. – Вай бояд дар ин ҷо монад.
– Ман намедонам.
5. – Шумо, домулло, палавро бо қошуқ мехўред ё бо даст?
– Албатта, бо қошуқ (*Р.Ҷ.*).

**?**
*1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои нопурра меноманд?*
*2. Ҷумлаҳои нопурра бештар дар чӣ гуна матн истифода мешаванд?*
*3. Маънои пурраи ҷумлаҳои нопурра аз кадом ҷумла фаҳмида мешавад?*
*4. Чӣ гуна ҷумларо ҷумлаи соддаи пурра меноманд?*
*5. Ҷумлаҳои соддаи пурра аз ҷиҳати таркиб чӣ гуна мешаванд?*
*6. Ҷумлаи соддаи пурраи хуллас ва тафсилӣ гуфта чӣ хел ҷумлаҳоро мегўянд.*

**Машқи 123.** Шашто ҷумлаи пурраи яктаркиба ва дутаркиба нависед. Аъзоҳои ҷумларо муайян карда ба зераш хат кашед.

## Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои нопурра

**! Машқи 124.** Аломатҳои китобати мувофиқро дар мавридаш гузошта, ҷумлаҳои пурра ва нопурраро ба дафтаратон нависед.

Муллораҳмати сартарош ба сухан даромада гуфт
Дар баҳси илмӣ кӣ ғолиб баромад



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Маънии ин зарбулмасалу мақолҳои халқиро фаромўш макун

Шукуфтани гули лола аз омадани баҳор хабар медиҳад

Баъд аз хатми мактаб ба куҷо хондан меравӣ

Ба литсей

Хиромон ба хонаи модаркалонат кай рафтӣ

Дирўз

Дар охири ҷумлаҳои соддаи пурра бо қоидаи маъмул аломатҳои нуқта, савол ва хитоб гузошта мешавад.

Пеш аз ҷумлаи соддаи нопурра дар муколама аломати тире ва дар охир аломати нуқта гузошта мешавад.

**♦ Машқи 125.** Ба саволҳо бо ҷумлаи нопурра ҷавоб нависед. Ба гузоштани аломатҳои ист дар муколама риоя кунед.

Номат чист? Дар синфи чандум мехонӣ? Кадом фанҳоро дўст медорӣ? Аз он фанҳо баҳои чанд мегирӣ? Маҳфили адабии он фанҳо дар кадом рўзҳои ҳафта гузаронида мешавад? Аз ашъори кадом шоирони классик шеър аз ёд медонӣ? Аъзои оилаатон чанд нафаранд? Баъд аз дарс бо чӣ кор машғул мешавӣ?

***Намуна:*** – Номат чист?

– Фирдавс!

– Дар синфи чандум мехонӣ?

– Ҳаштум. ...

**♦ Машқи 126.** Муколамаро хонед, ҷумлаҳои нопурраро ба пурра баргардонед.

– Ассалому алейкум, Сардорҷон!

– Валейкум ассалом.

– Аз куҷо омада истодаед?

– Аз сафар.

– Ба сафар кай рафта будаед?

– Як моҳ пеш.

– Сафарро дар кадом шаҳр гузаронидаед?

– Дар Бухоро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Кадом обидаҳои таърихии Бухороро дидаед?
– Арк, мақбараи Сомониён.
– Ба зиёрати мутасаввуфони бузурги бухороӣ кадом рӯзҳо рафтаед?
– Рӯзи ҷумъа.

? *1. Аз рӯйи қоидаи маъмул дар охири ҷумлаҳои соддаи пурра чӣ гуна аломатҳои китобатӣ гузошта мешавад?*
*2. Дар муколама ҷумлаҳои соддаи нопурра бо гузоштани кадом аломатҳо навишта мешавад?*
*3. Ҷумлаҳои соддаи нопурра чӣ хел ба ҷумлаҳои соддаи пурра табдил дода мешаванд?*

**Машқи 127.** *Супориши 1.* Аз интернет бо ёрии воситаҳои алоқа аз асарҳои хондагиатон матне интихоб кунед ва дар асоси мазмуни он ҳикоячае нависед.
*Супориши 2.* Ҷумлаҳои соддаи пурра ва нопурраро дар алоҳидагӣ рӯбардор кунед.
*Супориши 3.* Ду ҷумлаи соддаи нопурраро интихоб карда ба ҷумлаи соддаи пурра табдил диҳед.



hp.eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО

## Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо

**! Машқи 128.** Мисолҳоро хонед, ҷумлаҳои чидааъзоро муайян карда ба дафтаратон нависед.

1. Вай шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Шаҳрисабз ва Хоразмро на як бору ду бор, балки чандин борҳо тамошо кардааст. 2. Аз борхалтаи ба хоку лой олудааш нони қокшуда, гўштпораи бўйоварда ва як даста пиёз баровард. 3. Онҳо асири худро кашолакунону лагадкўбон гирифта меомаданд. 4. Дар кўча на як одаме, на ҳайвоне ва на мошине ба назар мерасид.

**♦ Машқи 129.** Аз маҷмўи ҷумлаҳо ҷумлаҳои чидааъзоро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед.

1. Каримбой шитоб накарда ба сўйи ҷанггоҳ мерафт. 2. Аз шиддати дарду алам ва ноилоҷӣ худро ҷойи гузоштан намеёфт. 3. Сардор Карим, Восит, Элдор, Нурҷамол ва Зиёдуллоро ба наздаш даъват намуд. 4. Онҳо аз оқибати кори кардаашон он қадар ҳам огоҳ набуданд, аз ин рў бепарво мегаштанд. 5. Шавҳари Садаф молу чизҳояш ва ҳавлии калонро ба нархи арзон фурўхт.

✵ **Ҷумлае, ки дар он яке аз аъзоҳо (мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ё ҳол) ё чанд аъзо чида шуда омадааст, *ҷумлаҳои чидааъзо* ном дорад.** *Масалан:* Хондан ва мутолиа намудани адабиёти бадеӣ бисёртар диққати ўро ҷалб менамуд.

Аъзоҳои чида дорои чунин хусусиятҳои маъноӣ ва грамматикӣ мебошанд: а) ба як аъзои ҷумла тобеъанд; б) аз як хели аъзоҳои ҷумла иборат буда, ба як савол ҷавоб мешаванд; в) баробарҳуқуқ буда, ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг алоқаманд мешаванд; г) ҳар як аъзои чида метавонад тафсил ёбад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 130.** Ба ҷойи нуқта аз дохили қавсайн аъзоҳои чидаи мувофиқро ёфта гузоред ва онҳоро ба дафтаратон нависед. Ба кадом савол ҷавоб шудани аъзоҳои чидаро гӯед.

1. Вай сӯйи ҳаммом шитофт, аз ақибаш ... ва ... ҳам саросема равон шуданд (*С.У.*). 2. Шаб торик, борону барф меборад, дар лойи замин ... то миён меғӯтад (*С.А.*). 3. Ҳайкалҳо хеле..., ҷо-ҷо ...(*С.У.*). 4. Мо талабагон бар рӯйи санги яхмонанд... ё нишаста такрор кардан гирифтем (*С.А.*). 5. ... ва ... шамъҳои калон месӯхт (*С.А.*).

(хӯрда шуда...кафидааст; дар чойхонаҳо... дӯконхонаҳо; Рӯдакӣ, Балъамӣ, Муродӣ... Форооловӣ; чорзону... дузону; аспу одам)

**?** 1. *Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои чидааъзо меноманд?*
2. *Хусусиятҳои маъноӣ ва грамматикии ҷумлаҳои чидааъзоро номбар кунед.*
3. *Аъзоҳои чидаи якхелаи таркиби ҷумлаҳои чидааъзо тобеи чанд аъзои ҷумла мебошанд?*
4. *Воситаи алоқаи аъзоҳои чидаро гӯед.*

**Машқи 131.** Аз асари хондагиатон порчае интихоб кунед. Ҷумлаҳои чидааъзои бо сараъзо ва аъзоҳои пайрави чида омадаро дар алоҳидагӣ номбар кунед. Хусусияти маъноӣ ва грамматикиашонро бо назардошти банди 6-и маълумоти назариявӣ маънидод кунед.

## Мубтадоҳои чида

**♦ Машқи 132.** Матнро хонед, ҷумлаҳои чидааъзое, ки дар таркибашон мубтадоҳои чида доранд, муайян карда ба дафтаратон нависед.

Духтарча тозон ба хона рафт. Дониш ҳавлиро аз назар гузаронид. Хонаву деворҳо фатарот, ду-се бех гули рӯйи ҳавлӣ хушку зард шуда буданд. Дониш ба ҳавлии берун баромад. Дару равзанаи хурди хоначаи Ҳоҷарой маҳкам буд, девори даҳлези он яктарафа шуда буд ва аз берун як болору танба онро аз афтодан бозмедошт. Дар ин хона ҳамоно касе истиқомат намекунад. Маълум буд, ки аз даводавии корҳои бой дасти Қосим ба нигоҳубини ҳавлӣ намерасад. Чанд сол пеш, вақте ки Нуруллою Кумуш, Ҳоҷарой дар ин хонача истиқомат мекарданд, рӯйи ҳавлӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тозаву озода дару девор андовидаю пардозида буд (*аз «На ситораҳо мерезад»-и Расул Ҳодизода*).

**! Машқи 133.** Аз силсилаи ҷумлаҳои чидааъзо мубтадоҳои чидаро муайян кунед ва гӯед, ки мубтадоҳои чида бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтааст.

1. Бинии борик, мӯйи сиёҳи расида, бурути навдамида, рӯйи камгӯшти ӯ ба қадри баландшавии оташ намоён мешуданд. 2. Вай сари бараҳнаи ёрашро мемолид, мебӯсид. 3. Вай-ҷавони хушрӯй, хушфаҳм. 4. Кӯҳҳо, обшорҳо, чашмасорон, ҷӯю дарёҳо, чарогоҳу киштзорҳо – ҳамаашон зебо. 5. Пӯшоки зимистонии онҳо аз куртаи пешкушо, ҷома, кафшу маҳсӣ ва саллаҳои ранг ба ранг иборат буд. 6. Шунавандагон, шиносон, дӯстдоштагонашонро зиёд мекарданд (аз романи *«Одамони ҷовид» – и Р. Ҷалил*).

**♦ Машқи 134.** Шашто мисол нависед, ки мубтадои чида ба воситаи исми хос ва ҷинс ифода ёфта бошад.

**Мубтадоҳое, ки пай дар пай омада ба як савол ҷавоб мешавад, *мубтадои чида* ном доранд.** Мубтадоҳои чида бо исм, ҷонишин ва масдар ифода меёбанд.

**! Машқи 135.** Ба ҷойи нуқта аз қавс воситаи алоқаи синтаксисии мубтадоҳои чидаи ҷумлаҳои чидааъзоро ёфта гузоред ва он ҷумлаҳоро ба дафтаратон нависед.

1. Карим... Барот, Савдо... Комил ... Ислом аз саросемагӣ ва тарс дар ҷояшон шах шуда монданд. 2. Ҳамин вазифа ба ман, ба ту ... ба Карим супорида шудааст. 3. Хоҳар... бародарам якрӯймолӣ себ ... анор оварданд. 4. Хола ... аммаам баъди як моҳи зимистон ба меҳмонӣ омаданд. 5. Дар Бухоро ... Тошканд маро дӯстонам интизор буданд.

**(-у, ва, -ю).**

**?**
*1. Чӣ гуна мубтадоро мубтадои чида меноманд?*
*2. Мубтадҳои чида яке аз таркибҳои чидаи кадом ҷумла ба шумор меравад?*
*3. Мубтадоҳои чида бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?*

**Машқи 136.** Аз асарҳои хондагиатон ҷумлаҳои чидааъзое интихоб кунед, ки дар таркиб мубтадоҳои чида дошта бошанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтани мубтадоҳои чидаро гӯед. Воситаи алоқаи наҳвиашонро низ номбар кунед.

## Хабарҳои чида

**♦ Машқи 137.** Хонед, ҷумлаҳои чидааъзое, ки дар таркиб мубтадои чида ва хабари чида доранд, дар алоҳидагӣ нависед.

1. Ҳайкалҳо хеле хӯрда шуда, ҷо-ҷо кафидааст (*С.У.*). 2. Аз шунидани ин хабар ӯ телбавор гоҳ мегиристу гоҳ механдид. 3. Ӯ сурхчарӯ, мешчашм, хурмоириш, баландабрӯ ва дарозмижгон буд (*С.А.*). 4. Тағоиҳоям – Қурбонниёз, Равшанниёз ва Ниёзхон ҳам дар байни ҳашарчиҳо буданд (*С.А.*). 5. Донишу Савдою Сарир аз ҳаёҳую пурғулғула... ҳайрону бесаришта берун баромада буданд (*Р.Ҳ.*). 6. Ҳама ёру бародар, падару фарзанд барин мебошем (*Ҳ.И.*).

**♦ Машқи 138.** Бо хабарҳои чида шашто мисол нависед. Баъд аз он ҷумлаҳои чидааъзоро ба ҷумлаҳои ғайричида табдил диҳед.

✵ Хабар ҳангоми чида шудан амал, ҳолат ва ё аломатҳои гуногуни як мубтадо ва гоҳо якчанд мубтадоро дар яке аз замонҳо ва ё дар замонҳои гуногун нишон медиҳад. Хабарҳои чида байни худ ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг алоқаманд шуда, муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода менамоянд. Хабарҳои чида номӣ ва феълӣ мешаванд.

**! Машқи 139.** Аз ҷумлаҳои чидааъзои зерин хабарҳои чидаи номӣ ва феълиро дар алоҳидагӣ нависед. Воситаи алоқаи синтаксисиашон (пайвандак ва оҳанг)-ро номбар кунед.

1. Бачадор будам, ҳамаи вақти маро Мухтор мегирифт: ӯро мехӯрондам, мепӯшондам, менӯшондам, мехобондам (*С.У.*). 2. Вай сухани маро намефаҳмидагӣ шуд, гоҳ мегирист ва гоҳ механдид (*С.У.*). 3. Ду бародари ӯ, ки ҳамин Наврӯз ва Ҳамид аст, кори маро кардан гирифтанд (*С.А.*). 4. Одамон ба назди ҷӯй меомаданду мерафтанд ва боз меомаданд. 5. Нақлиёти асосӣ дар шаҳр автобусу таксӣ буд.

**♦ Машқи 140.** Ҷумлаҳоро ба дафтаратон нависед. Хабари феълии чида бо кадом шаклҳои ғайритасрифии феъл омадааст, муайян кунед. Сипас ба шаклҳои ғайритасрифии феъл мисол нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Яраи чирккардаю бўйгирифтаистодаро буридан ва бастан лозим буд. 2. Вай танаи дағал шикастаи дарахтҳои зардолуро бо латта сахт печонда ва баста буд. 3. Куштан даркор набошад ҳам, -гуфт Ўрмонполвон, – онҳоро сахт гирифтан, таъзир кардан, ҳабс намудан ва ба зиндон фиристодан даркор аст, мегўям (*С.А.*).

**?** *1. Хабарҳои чида байни худ ба воситаи кадом пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд?*
*2. Воситаи алоқаи хабарҳои чида ғайр аз пайвандакҳо боз чист?*
*3. Хабарҳои чидаи номӣ ва феълӣ гуфта чӣ гуна хабарҳоро мегўянд?*

**Машқи 141.** ***Супориши 1.*** Дар мавзўи **«Хулқи хуб»** иншо нависед.
***Супориши 2.*** Аз матни иншо ҷумлаҳои чидааъзоеро интихоб кунед, ки дар таркиб сараъзо ва аъзоҳои пайрави чида дошта бошанд.
***Супориши 3.*** Саволи аъзоҳои чидаро муайян кунед ва ба зери аъзоҳои чида хат кашед.
***Супориши 4.*** Гўед, ки аъзоҳои чидаи таркиби ҷумлаҳои чидааъзо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтааст.

## Такрор (чоряки дуюм)

### *Тест*

*1. Ҷумлаи муайяншахсро ёбед:*
а) Барои Ватан мардона ҷон медиҳанд.
б) Дарахти бесамар беҳ аз фарзанди носолеҳ.
в) Соле, ки накўст, аз баҳораш маълум.
г) Боз ба моҳ нигаристам.

*2. Ҷумлаи яктаркибаи бемубтадое, ки амал ба воситаи хабарҳои шахси якум ва дуюми танҳою ҷамъ ба вуҷуд омада шахсони муайянро далолат мекунад, чӣ ном дорад?*
а) муайяншахс б) номуайяншахс
в) бешахс г) умумишахс

*3. Соҳиби амалу аломати хабари ҷумлаи муайяншахси «Бо ин одам шинос будам» шахси чандум аст?*
а) шахси якум б) шахси дуюм
в) шахси сеюм г) шумораи танҳо, шахси дуюм

*4. Хабари кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба амали аз тарафи шахси номаълум иҷрошуда ва ё иҷрошавандаро мефаҳмонад?*
а) номуайяншахс б) бешахс
в) умумишахс г) муайяншахс

*5. Ҷумлаҳои яктаркибаи бемубтадое, ки бо хабари феълӣ ифода ёфта иҷрокунандаи амал ба ҳамаи шахсҳо як хел аст, чӣ ном дорад?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

а) умумишахс б) номуайяншахс
в) бешахс г) унвонӣ

6. *Ҷумлаҳои соддаи яктаркибае, ки дар он предмет ва ё воқеа номбар шудааст, чӣ ном дорад?*

а) пурра б) нопурра
в) тасдиқӣ г) унвонӣ

7. *Ҷумлае, ки барои тасдиқи фикри гуфташуда хизмат мекунад, чӣ ном дорад?*

а) чидаазъзо б) аъзоҳои истисноӣ
в) тасдиқӣ г) инкорӣ

8. *Ҷумлае, ки маҳз барои инкори фикри гуфташуда хизмат мекунад, чӣ ном дорад?*

а) тасдиқӣ б) унвонӣ
в) инкорӣ г) умумишахс

## Муайянкунандаи чида

♦ **Машқи 142.** Аз матн хели ҷумлаҳои чидаазъзоро муайян кунед ва онҳоро дар алоҳидагӣ нависед.

Музаффар хест ва ҳозиронро ба нигоҳи тези шикофандааш аз назар гузаронида ба хонаи дарун даромад. Меҳмонон як-як аз меҳмонхона баромаданд. Донишу Абдуқодирбек аз дарвозаи маҳкама баромада рост ба кӯчае, ки ба ҳавлии нузул кардаашон мебурд, равон шуданд. Дониш хомӯш мерафт. Абдуқодир мефаҳмид, ки муомилаи сард ва итоби амир ба Дониш сахт расидааст. Аммо ҳозир ҷойи ба Дониш тасаллӣ додан набуд, шояд худи Дониш гап кушояд.

– Ин Порсохоҷа кӣ ва чӣ кора бошад? – тахмини Абдуқодир дуруст баромад. Аҳмад худаш гап сар кард. – Кай ба Бухоро омадааст, ки зуд ба ҷаноби олӣ гапашро маъқул карда тавонистааст? (*аз «На ситораҳо мерезанд»-и Расул Ҳодизода*).

✵ **Якчанд муайянкунандаи пай дар пай омада, ки ба як муайяншаванда тобеъ шуда ба як хел савол ҷавоб мешавад, *муайянкунандаҳои чида* ном доранд.** Масалан: Порчаҳои абрҳои парокандаи сафеду сурху зарду бунафштоб ... ба осмони кабуд зинати рангоранг медоданд *(С.А.)*.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муайянкунандаҳои чида гоҳо ба воситаи пайвандакҳои гуногун ва баъзан бо оҳанг ба якдигар алоқаманд мешаванд.

♦ **Машқи 143.** Дар мавзӯи **«Кишварам – ту зебоӣ»** матне тартиб диҳед, ки дар он муайянкунандаҳои чида бештар ба назар расаду воситаи алоқаи наҳвиашон пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг бошад.

♦ **Машқи 144.** Аз силсилаи ҷумлаҳо ҷумлаҳои чидаазъои дар таркиб муайянкунандаҳои чида доштаро интихоб кунед. Гӯед, ки муайянкунандаи чида бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтааст.

1. Ӯ одами пешонакушода, хушзабон, хушмуомила ва як дараҷа ширинкор ҳам буд (*С.А.*). 2. Сафар баҳонаву узре оварда наметавонист, ки аз ин фармоиши бой халос шавад. Фақат беморию бемадории модараш буд, ки гумон кард шояд ба гӯши вакили харҷ дарояд (*Р.Ҳ.*). 3. Муҳимтарин ва асоситарин кори он ҳомии Қарокӯл чорводорӣ буд (*Ҷ.И.*).

**?** *1. Чӣ гуна муайянкунандаҳоро муайянкунандаҳои чида меноманд?*
*2. Воситаҳои алоқаи муайянкунандаҳои чидаро гӯед?*
*3. Муайянкунандаҳои чида бештар бо кадом ҳиссаи нутқ меоянд?*

**Машқи 145.** Ҳикояро хонед, ҷумлаҳои мубтадо, хабар, муайянкунандаҳои чида доштаро дар алоҳидагӣ нависед. Дар хона аз рӯйи ин ҳикоя нақли хаттӣ навишта мубтадо, хабар, муайянкунандаҳои чидаро ба кор баред.

## ПАДАРАМ

Ман дар бораи аҳвол ва характери падарам, ки бо вуҷуди дар хурдсолӣ аз ӯ ҷудо шуданам дар ҳаёти ман таъсири бузург гузоштааст, боз қадаре истодан мехоҳам: падарам муллоҳои расмиро-имомҳо ва раисҳоро бисёр бад медид ва онҳоро ҳар вақт ба нодонӣ ва ноинсофӣ нисбат дода айб мекард. Аз қозиҳо танҳо қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарирро ва аз имомҳо баъзе касонеро, ки ман онҳоро надида будам, дӯст медошт.

Дар деҳот ҳар вақт дар миёни падарам ва имомҳо ҷанҷол мехест, лекин ӯ аз ин ҷанҷолҳо ғолиб шуда мебаромад. Чунки «масъалаҳои нӯгирӯймолиро» – масъалаҳоеро, ки баъзе касон барои ғолиб омадан дар мунозира ёд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гирифта мемонданд, чистонҳо, муаммоҳо ва ҳисоби абҷад барин чизҳоро, ё маънии баъзе шеърҳоро, ки фаҳмидани он ба донистани ягон воқеа мавқуф аст, медонист, муллоҳои расмии деҳот бошанд, ин гуна чизҳоро намедонистанд, баъзеи онҳо ҳатто саводи алифбоӣ ҳам надоштанд. Ана бо ин гуна масъалаҳо ӯ муллоҳои деҳотро мағлуб мекард ва «нодон» гуфта дар пеши рӯяшон таҳқир менамуд (*аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ*).

## Пуркунандаи чида

♦ **Машқи 146.** Матнро хонед ва баъд аз он гӯед, ки дар он чӣ гуна сараъзо ва аъзоҳои пайрави чидаро мушоҳида кардед. Ҷумлаҳои чидааъзои дар таркиб пуркунандаҳои чида доштаро ба дафтаратон нависед.

Яке аз роҳзанон, ки ҳамчунин ҷавшану кулоҳдор буд, ба Виркан дарафтид. Виркан араби миёнсоли зеботалъат ва хушсавлатеро дар баробари худ дид, ки ба гумон саркардаи роҳзанон буд, ришу бурути кӯтоҳи базеб, чашмони калону сиёҳи шарорафишон дошт, аз ваҷоҳаташ шуҷоат meборид. Дуяшон бо ниҳояти тундӣ ва шиддат шамшерзанӣ карданд. Ба зудӣ дасту гардан, китфу ронҳои ҳар ду хунин гашт. Дар айни задухӯрд, чокирони пешгарди корвон ҳам даррасиданд ва ба роҳзанони латхӯрдаву талафдода дарафтиданд... Дар ин асно аз Нӯфарн, хоҷаи Виркан, рафторе ба зуҳур омад, ки ҳеҷ кас ва алалхусус, Виркан мунтазири он набуд.

Хоҷа чӣ гуна бо роҳзанон ҷангидани ғуломашро назора карда буд, ҳоло вай нохост Виркани саропо дар гарду регу хун олударо оғӯш карда, аз сару пешониаш бӯсида ба ситоиш даромад (*аз «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзода*).

✵ **Дар ҷумла ду ва ё зиёда пуркунанда паи ҳам омада, ба як хабар алоқаманд ва ба як савол ҷавоб шавад, *пуркунандаи чида* ном дорад.** Чунончи: Гулбибиро мо намегӯем, ки **аз дебо қабо, аз қатрон пироҳан, аз зарбофт камзӯл, аз махмал калтача, аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овеза ва гарданбанд, аз зари холис дастпона ва аз алмос ангуштарин** дошт (*С.А.*).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Пуркунандаҳои бевосита ва бавосита дар ҷумла чида шуда, байни худ ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг алоқаманд гашта, хабари ҷумларо аз ҳар ҷиҳат эзоҳ медиҳанд.

**! Машқи 147.** Пуркунандаҳои бевосита ва бавоситаи чидаро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед ва гӯед, ки воситаи алоқаи наҳвии онҳо кадом пайвандакҳо аст.

1. Баъди ду рӯз бозаргони бухороӣ Виркани нокому номуродро ба ватани худ гирифта бурд (*С.У.*). 2. Ин калимаи «нотинҷ» на фақат барои Гулрӯ ва модари ӯ, балки барои ҳамаи аҳолии қишлоқ ҳам фаҳмо буд (*Р.Ҷ.*). 3. Ӯ сандалича, бигизу сӯзан, муму ресмонро ба халта андохта, маҳала ба маҳала гашта, пойафзоли кӯҳнаи мардумро дарбеҳ мекард (*Р.Ҷ.*). 4. Дар ҳақиқат, Бозор ба ин қадар ноумедӣ, ба ин қадар ҳасрат ва ба ин қадар бадбинӣ ҳақ дошт (*С.А.*). 5. Ҳоҷати гап нест, ки ман бисёр хафа шуда будам ва ҳам худамро ва ҳам муҳаррирро, ҳам он духтараки шаттоҳро мазаммат мекардам (*Толис*).

**♦ Машқи 148.** Мустақилона матне тартиб диҳед, ки дар таркиби он пуркунандаҳои чида мавҷуд бошанд. Воситаи алоқаи калимаҳои чидаро фаҳмонед.

**?**

1. *Пуркунандаи чида гуфта чӣ гуна пуркунандаҳоро меноманд?*
2. *Пуркунандаҳои чидаи бевосита ва бавосита аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ мекунанд?*
3. *Ба пуркунандаҳои чида мисолҳо гӯед ва воситаи алоқаи онҳоро номбар кунед.*

**Машқи 149.** Хонед, ҷумлаҳои чидааъзое, ки дар таркиб пуркунандаи чида доранд, ба дафтаратон нависед.

Сипоҳиёни пиёдаву савораи ҳарду тараф гурӯҳ-гурӯҳ дар ҳар ҷо -ҳар ҷо гарми ҳарбу зарб буданд. Наниманча аз канораи онҳо ё ки аз фосилаҳои байни гурӯҳҳо мегузашту медавид.

Дар часпочаспӣ бо сарбозон куртааш пора-пора шуда, мӯяш парешону жӯлида гашт, вай дар миёни гарди ғализе, ки размгоҳ ва размоварон ғарқи он буданд, гоҳ нопадид ва гоҳе боз падидор мегашту медавид. Ӯ дар пеш, дар масофаи ду-се парвози тир аз майдони ҷанг, байни чодирҳои бисёр чодири калонеро, ки дар болояш байрақи сабзе



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бо нақши қурси моҳу ситора пар мезад, медид, медонист, ки бошишгоҳи амир он ҷост, ба ҳамон сӯ тохт (*аз «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзода*).

## Ҳоли чида

♦ **Машқи 150.** Аз силсилаи ҷумлаҳо, ҷумлаҳои дар таркиб ҳоли чида доштаро муайян намуда, таҳлили наҳвӣ кунед.

1. Ӯ бо ҳусну таваҷҷӯҳ, бо эҳсосоти меҳрубонона ба беморонаш нигоҳ мекард. 2. Ба молу давлат, зару зевари дунё ҳавас надошт. 3. Ҷавобгарон рост хеста нолону ларзон ба пеши дарича омаданд. 4. Талу теппаҳо, долу дарахтон баъди як курта борони дишаба ҳусни худро дигар карда буданд. 5. Мор барин борик шуда, полвонвор худро ба ҳар тараф зада, калавида, шаттаи сангҳоро хӯрда, базӯр нафас кашида мехезад. 6. Мурғон ва булбулон бо савту сурудҳои худ ҳаёти зафарёбанда, табиати сабзшаванда, водии ба нашъунамо дароянда, баҳори гул-гул шукуфандаро табрик намуданд.

**! Машқи 151.** Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки ҳоли чида бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтааст. Ҳоли чидае, ки бо пайвандак ва оҳанг алоқаманд шудааст, дар алоҳидагӣ нависед.

1. Восеъ фардо ё пасфардо ба Балҷувон, ба ихтиёри ҳоким фиристода хоҳад шуд (*С.У.*). 2. Ҷарроҳ аз саросемагӣ ё аз камтаҷрибагии худ пои Маҳмудро нодуруст бурида буд (*П.Т.*). 3. Ӯ афсонаҳои бисёре медонист, ки ҳар шабу ҳар рӯз ба ман нақл менамуд (*И.*). 4. Аввал, ҳамин ки шумо Саидпаҳлавон, чун одами ростқавл, чун одами боэътибор шинохта шудаед (*Ҷ.И.*).

**! Машқи 152.** Аз силсилаи ҷумлаҳо ҷумлаҳои чидааъзои дар таркиб ҳоли чида доштаро муайян кунед. Гӯед, ки ғайр аз ҳол боз кадом аъзоҳои ҷумла чида шудааст.

1. Ман намегӯям, ки Карим, Ҳикмат ва Арслон баъди ин ҷанҷол пагоҳ ё фардо меоянду муамморо ҳал карда меравананд. 2. Вай ва модараш ҳар шабу ҳар рӯз илтиҷою зорӣ мекарданд, ки фарзандонашон баргарданд. 3. Ҳаким аз рӯйи нодонию бадҷаҳлияш тез-тез ба фалокате гирифтор мешуд. 4. Онҳо дашту биёбон, кӯҳу кӯтал, деҳу дарё гузашта ба шаҳри савдогар расиданд (*«Афсонаҳои халқи*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*тоҷик*»). 5. Писарчаю духтарчаи ба ваҳм афтода гоҳе газвак кашида, гоҳе хазида ба хонаашон наздик мешуданд.

**Машқи 153.** Матне тартиб диҳед, ки дар ҷумлаҳои таркиби он ҳоли замон, макон, сабаб ва мақсад чида шуда бошанд. Саволи ҳоли чидаро аз рӯйи навъҳо муайян кунед ва фарқияти онҳоро аз ин ҷиҳат фаҳмонед.

## Пайвандакҳо ва оҳанг дар ҷумлаҳои чидаазо

**♦ Машқи 154.** Пайвандакҳои нонавишта ва афтида мондаи ҷумлаҳои чидаазоро ёфта, он ҷумлаҳоро дар шакли пурра ва дуруст ба дафтаратон нависед.

1. Рубоб, дойра думбак ба ҳам ҷӯр шуданд (*С.А.*). 2. Ҳама шитоб мекунанд: ин ду ҷавон, оби пурғалаён, баргҳои дарахтон (Толис). 3. Инженер техники водопроводгузаронандаро аз куҷо ёфтан мумкин аст? – гуфта пурсидааст (*С.А.*). 4. Ман дар ин ҷо на меҳмон, як аъзои оилаи мутаваллӣ барин шуда мондам (*С.А.*). 5. Ин гаронӣ дар ман аз мизоҷам не, аз аҳволи тумани Шофирком омад, гуфт падар... (*С.А.*).

**! Машқи 155.** Дар ҷумлаҳои зер кадом навъи пайвандакҳо барои ба вуҷуд омадани ҷумлаҳои чидаазо ҳамчун воситаи наҳвӣ хизмат кардаанд.

1. Асадбек бо бародарашу дӯсташ Аҳмад ё рӯзи душанбе, ё рӯзи сешанбе даромада меояд. 2. Суханҳои боасоси Президентамон дар ҳама ҷо: дар хонаводаҳо, ташкилоту корхонаҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ гарму ҷӯшон муҳокима карда мешуданд. 3. Нозим бо вуҷуди бадбинӣ ва бадҷаҳлии худ оқибат боз маҷбур мешуд ба Зевар гардан фарорад (*С.У.*). 4. Арбоб Рӯзӣ бошад, имрӯз ё фардо заминашро аз дастонаш зада мегирад (*С.А.*).

Аъзоҳои чидаи ҷумла ба ҳамдигар ба воситаи се навъи пайвандакҳои пайвасткунанда: *пайиҳам* **(ва, -у, -ю;** *хилофӣ* **(аммо, вале, лекин, балки)**; *ҷудоӣ* **(ё, ё ки, ё ... ё)** алоқаманд мешаванд.

Пайвандакҳои *пайиҳам*: **ва, -у, -ю** аъзоҳои чидаи ҷумларо алоҳида ва ё ҷуфт-ҷуфт ба ҳам мепайванданд. Пайвандаки **ва** одатан пеш аз охирин аъзои чида меояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Пайвандакҳои *хилофӣ*: **аммо, вале, лекин, балки** аъзоҳои чидаи ҷумларо ба ҳам пайваста, хилофи яке будани дигареро далолат мекунанд.

Пайвандакҳои *ҷудоӣ*: **ё, ё ки, ё ... ё** аъзоҳои чидаи ҷумларо ба ҳам пайваста, ба имконпазирии яке аз онҳо далолат мекунанд. Пайвандакҳои ҷудоӣ бештар бо охирин аъзои чида истеъмол мешаванд. Пайвандаки **ё** баъзан бо ҳар кадом аъзои чида омада, таъкидро ҳам ифода мекунад.

Аъзоҳои чидаи ҷумла дар навишт бо аломати вергул ва ҳангоми нутқ бо оҳанг (интонатсия) ҷудо карда мешавад.

**♦ Машқи 156.** Ҷумлаҳои чидаазвое нависед, ки сараъзоҳои чида ба воситаи пайвандакҳои ва, -у (-ю) бо ҳам алоқаманд шуда бошанд. Мавқеъ ва мавриди истеъмоли пайвандакҳоро фаҳмонед.

**?**
1. *Аъзоҳои чида бо кадом навъҳои пайвандаки пайвасткунанда пайваст мешаванд?*
2. *Вазифаи пайвандаки **ва** дар ҷумлаҳои чидааъзо чӣ гуна аст?*
3. *Дар ҷумлаҳои чидааъзо пайвандакҳои хилофӣ чӣ гуна вазифаро адо мекунанд?*

**Машқи 157.** ***Супориши 1.*** Порчаҳои шеъриро хонед, дар асоси мазмуни он бо навиштани эпиграфи **«Ӯзбеку тоҷик як халқест, ки ба ду забон ҳарф мезананд»** бо интихоби мавзӯъ иншо нависед.

***Супориши 2.*** Дар матни иншо бештар ҷумлаҳои чидааъзоро ҷо дода воситаи алоқаи наҳвии аъзоҳои чидаро муайян кунед.

***Супориши 3.*** Гӯед, ки кадоме аз онҳо бо пайвандак ва кадоме бо оҳанг алоқаманд гардида чида шудааст.

Фарқи ҳама мардумони дигар осон,
Аммо мо ба ҳам шуда чунон ҳам наздик.
Бинанда чунин суол орад ба миён,
Эй, ҷӯра, бигӯ, ту ӯзбек, ё тоҷик?

*Б. Раҳимзода*

Ӯзбеку тоҷик элим тоҷи сари якдигаранд,
Ду азиз фарзанди як мулку падар як модаранд.
Ул бири олтин узукдир, ҳам ҷавоҳир кӯз бири,
Бингарӣ, пайванди як обу гилу як гавҳаранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳазрати Жомий, Навоий – меҳрининг сарчашмаси,
Дар сухангӯйӣ тавонояндy бас афсунгаранд.
Не балолар бошидан довруғ солиб ўтганда ҳам,
Дӯстиро ҳамчу ганҷи бебаҳо мепарваранд.
Эътиқод, меҳру вафо бобида ғоят беназир,
Дар симои маърифат ҳар ду дурахшон ахтаранд.
Оқибат байроғини, дўстим, қўлингдан бермагил,
Ин ливоро то ҷаҳон боқист, бо ҳам мебаранд.

*Ў. Ҷамол*

## Калима ва ибораҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидаазъзо

❋ Дар ҷумлаҳои чидаазъзо пеш ва ё баъд аз аъзоҳои чида калима ё иборае оварда мешавад, ки вазифаи вай аъзоҳои чидаро ба тарзи хулоса ва ё умумӣ нишон додан аст.

Аъзоҳои чида ва калимаҳои хулосакунанда ба як савол ҷавоб мешаванд.

*Мисол:* Дар ин боғ ҳар гуна меваҳо: себ, анор, зардолу, шафтолу ва нок ҳаст. Дар ин мисол пеш аз аъзоҳои чида- себ, анор, зардолу, шафтолу ва нок ибораи хулосакунанда- ҳар гуна меваҳо омадааст, ки вазифаи вай аъзоҳои чидаро ба тарзи умумӣ нишон додан мебошад.

**! Машқи 158.** Аз қавс ба ҷойи сенуқтаҳо калима ва ибораҳои мувофиқро ёфта гузоред ва ба зери онҳо хат кашед.

1. Мо имрӯз ... кор мекунем: мехонем, менависем, муҳокима мекунем, сӯҳбат мегузаронем (*Н.М.*). 2. Вай ҳам ... мекунад: мехонад, меғундорад, бор мекунад (*Р.Ҷ*). 3. ... : пухтупаз, шустушӯй ва рӯфтурӯбро тамоман акаам мекард ва ман ба қадри қувватам ба ӯ ёрӣ медодам (*С.А.*). 4. Дар як сӯ харбуза ва тарбуз мисли кӯзаҳои асал, дар як сӯ ... : ҳусайнӣ, шибирғонӣ, тоифӣ, ҷавз ва ғайра чу хӯшаҳои лаълу ёқуту марвориди обдор (*Ҷ.И*).

(Корҳои ҳуҷраро, ҳар хел, се корро, ангурҳои рангоранг).

**! Машқи 159.** Хонед ва гӯед, ки воҳидҳои хулосакунанда ва аъзоҳои чида бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Дастархон бо анвои нозу неъматҳо чунончи, бо нонҳои машҳури Самарқанд: осиёӣ, пӯлодӣ, ширмол, бо нишоллою мураббоҳои гуногун, бо меваҳо: ангури ҳусайнӣ, себ, турунч ва амсоли инҳо оро дода шуда буд (*А.Д.*). 2. Мардуми шаҳр: косибон, ҳунармандон, хизматчиён, савдогарон ва дӯкондорҳо, мактаббачаҳо, муаллимҳо, мансабдорҳо, нозирҳо ва миршабҳо – ҳама дар хоб будаанд. 3. Аз сӯйи қишлоқ ... овози ҳайвонот: ... бузу гӯсфанду гову хару асп шунида шуд (*Ҷ.И*).

♦ **Машқи 160.** Ҷумлаҳои зеринро бодиққат аз назар гузаронед ва баъд аз он воҳидҳои хулосакунанда, аъзоҳои чидаро номбар кунед.

1. Шудгори тирамоҳӣ, аз решаю алафҳои бегона тоза кардани пахтазорҳо, ба саҳро пошидани поруи маҳаллию нуриҳои маъданӣ, яхобмонӣ ва обёриҳои пеш аз кишт, сихмолакунӣ – умуман, тамоми корҳои саҳроӣ як рӯз ҳам суст нашуда давом кардаанд. 2. Машқҳои ҳарбӣ: шамшербозӣ, милтиқпаронӣ, аспдавониро нафақат бачаҳо, ҳатто калонсолони қишлоқ ҳам тамошо мекарданд. 3. Овози торафт баланд шуда истодаи карнаю сурнай тамоми шаҳрро фаро мегирифт. Зану мард, пиру ҷавонони бешумор – ҳама саросема ба тарафи кӯчаи марказии шаҳр мешитобиданд.

♦ **Машқи 161.** Ҷумлаи чидаазъоро навишта гиред. Ба зери калимаҳои хулосакунанда хат кашед.

Ман худ ба худ фикр мекардам, ки агар сабаби ин ном бесаводии мардум бошад, пас беҳтар мешуд, ки ба тамоми қаламрав Ғофилобод ном медоданд, чунки дар он аз ҳар ҳазор кас як кас базӯр босавод ё дурусттараш кӯрсавод буд.

Ба қатори фазилатҳои амирободҳо, файзободҳо, нурободҳо ва «ободҳои» дигари замони кӯҳна ба ҷуз бесаводӣ боз бисёр фалокатноктарин маразҳои оммавӣ: вабо, чоғарии (ғурии) гулӯҳо ва амсоли инҳо ҳам медаромаданд.

🔔 **Машқи 162.** Аз асарҳои хондагиатон панҷто мисол интихоб кунед, ки дар он калима, ибораҳои хулосакунанда ва ҳам аъзоҳои чида ҷо дошта бошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Аломатҳои китобат дар калима ва ибораҳои хулосакунанда

**Калимаҳои хулосакунанда аз аъзоҳои чида пеш омада бошанд, пас аз он ду нуқта, агар пас аз аъзоҳои чида омада бошанд, пеш аз он аломати тире гузошта мешавад.**

***Мисолҳо:*** 1. Дар кӯҳсор ҳайвоноти ваҳшӣ: гург, рӯбоҳ, хирс ва бабрҳо мешаванд. 2. Мардон, занон, бачаҳо – ҳама дар киштзор буданд. ***Эзоҳ:*** Баъд аз аъзоҳои чидаи ҷумла ва пеш аз калимаҳои хулосакунанда калимаҳое низ истифода мешаванд, ки маънои ҷамъбастӣ, маҳдудӣ доранд: хулоса, хулласи калом, ҷамъ, умуман ва ғайра. Пеш аз ин гуна калимаҳо тире ва пас аз аъзоҳои чида вергул гузошта мешавад.

***Мисол:*** Онҳо дар доираи дидбонии худ на танҳо одамонро, ҳатто шапалакҳои шабпари дар ҳаво парвозкунандаро, моҳиҳои дар об гардандаро, кирмҳои дар мағзи хок ҳаракаткунандаро – хулоса, ҳар ҷой ва ҳар чизи ҷунбандаро бо пухтагӣ ва ҳушёрӣ аз назар мегузарониданд (*С.А.*).

**Баъд аз калимаҳои хулосакунандаву пеш аз аъзоҳои чидаи ҷумла калимаҳои масалан, чунончи ва ғайра истифода мешаванд. Пеш аз аъзоҳои чида ду нуқта гузошта мешавад.**

***Мисол:*** Барои сафар баъзе чизҳо, масалан: ҳамроҳи мувофиқ, китоби хуб, қутбнамо зарур аст.

**! Машқи 163.** Ҷумлаҳоро хонед, воҳидҳои хулосакунандаро муайян кунед ва ба зераш хат кашед. Гӯед, ки пеш ва пас аз онҳо чӣ гуна аломат гузошта мешавад.

1. Қади навраста, рӯйи ҳуҷаста, зулфи шикаста, абрӯйи пайваста – ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтода буданд (*С.А.*). 2. Осиёбони солхӯрда ... бегоҳӣ хӯрҷини Восеъро бо хонааш бурда, дар он ду – се рӯза тӯшаи роҳ: чаппотӣ, гӯштӣ, пистаю чормағз андохта овард (*С.У.*). 3. Ҳамааш: хурду калон, пиру ҷавон аз корбарии ӯ садҳо бор розӣ ҳастанд (*Ф.Н.*).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

♦ **Машқи 164.** Бо калима ва ибораҳои **хулоса**, **хуллас**, **хуласи калом, ҷамъ, аз он ҷумла, умуман** ҷумлаҳои чидаазо тартиб диҳед.

**! Машқи 165.** Баъд аз воҳидҳои хулосакунанда, инчунин дар байни аъзоҳои чида аломатҳои мувофиқ гузоред. Ҷумлаҳоро ба дафтаратон нависед.

1. Ман аз гулзор **гулҳои рангоранг сафед сурх зард** чидам. 2. **Шоиру нависандагон Мӯъмин Қаноат Муҳиддин Хоҷаев Юсуфҷон Акобиров Бозор Собир** ... дар бораи нақшаҳои эҷодии худ ба рафиқони ҳамқаламашон ахбор доданд. 3. Ин навъ ҷонварҳо **ба ҳама чиз ба либос ба рӯй ба мӯй** мечаспанд.

♦ **Машқи 166.** Ҷумлаҳои чидааъзои дар таркиб мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳоли чида доштаро интихоб карда аз рӯйи намуна онҳоро таҳлил кунед.

***Тартиби таҳлил***

1. Ба воситаи савол муайян кардани сараъзо ва аъзои пайрави чида.

2. Муайян кардани воситаи алоқаи наҳвии аъзоҳои чида.

3. Ёдрас кардани бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтани аъзоҳои чида.

4. Бо аломати шартӣ нишон додани тарзи ташкил (структура)-и ҷумлаи чидааъзо.

***Мисол:*** Ӯ қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абӯмуслимро аз ёд медонист (*С.А.*).

***Намунаи таҳлил:***

1. Ибораи **«қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш, Абӯмуслимро»** ба саволи чиро? ҷавоб мешавад, ки он пуркунандаи чида мебошад.

2. Пуркунандаи чида бо оҳанг ва инчунин бо пайвандаки пайвасткунандаи **ва** бо ҳам алоқаманд гаштааст.

3. Пуркунандаи чида бо исм ифода ёфтааст.

4. **Чӣ кор мекард?** – медонист (хабар), **кӣ?** – ӯ (мубтадо), **чиро?** – қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш, Абӯмуслимро (пуркунанда), **чӣ тарз?** – аз ёд (ҳол).

***Мисоли дигар:*** Осмон кабуд ва соф буд *(Р.Ҷ.).*

***Намунаи таҳлил:***

1. **«Кабуд, соф буд»** ба саволи **чӣ хел буд?** ҷавоб мешавад, ки он хабари чида мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Хабари дуюм **«соф буд»** ба хабари якум **«кабуд буд»** ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи **ва** алоқаманд гардида чида шудааст. Феъли ёвари **«буд»** дар охир омадааст, ки он ба ҳар ду хабари чида тааллуқ дорад.

3. Хабари чида бо **сифат** ифода ёфтааст.

4. **Чӣ хел буд?** – кабуд ва соф (хабар), **чӣ** – осмон (мубтадо).

**♦ Машқи 167.** Аз ҳарфҳои **с, е, д, н, у, қ, т, а, с, в, л, т, и, р, х, т, о, б** ҳашто калима тартиб дода мешавад. Агар ин ҳарфҳоро баъд аз ҳарфи аввал дар катакҳо дуруст гузошта тавонед дар кроссворди **«Ҳашт ганҷ»** истилоҳҳои ба аломатҳои китобат алоқадорро мехонед.

### «ҲАШТ ГАНҶ»




**🔔 Машқи 168.** Дар мавзӯи **«Ман бо ватани соҳибистиқлолам – Ӯзбекистон мефахрам»** иншо нависед. Дар матни иншо бештар калима ва ибораҳои хулосакунанда, инчунин аъзоҳои чидаи ҷумларо кор фармоед.

## Такрори ҷумлаҳои чидааъзо

**?** ***Савол ва супоришҳо***

1. *Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои чидааъзо меноманд?*
2. *Ҷумлаҳои чидааъзо ба кадом савол ҷавоб мешаванд?*
3. *Аъзоҳои чида бо кадом пайвандакҳо бо ҳам алоқаманд мешаванд?*
4. *Дар байни аъзоҳои чида ғайр аз пайвандакҳо кадом аломатҳои китобат истифода мешаванд?*
5. *Дар ҷумлаи чидааъзо ғайр аз як аъзои ҷумла боз дигар аъзои ҷумла низ чида шуда метавонад ё не?*
6. *Алоқаи аъзоҳои чида аз алоқаи ҷузъҳои ибора чӣ фарқ дорад?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*7. Дар байни аъзоҳои чида чӣ хел аломат мондан мумкин аст?*
*8. Истифодаи пешоянду пасоянд ва феъли ёридиҳандаву бандаки хабариро дар ҷумлаҳои чидааъзо эзоҳ диҳед.*
*9. Чӣ гуна калима ва ибораҳоро хулосакунанда меноманд?*
*10. Дар байни калимаҳои хулосакунанда ва аъзоҳои чида чӣ хел аломатҳо мондан лозим аст?*
*11. Панҷто ҷумлаи чидааъзо нависед ва онҳоро ба ғайричида табдил диҳед.*

## Тест

*1. Ҷумлаи чидааъзоро муайян кунед.*
а) Марди деҳқон донаи гандумро тонна шавад гуфта ба замин мепошид.
б) Дасти одамизод – гул.
в) Қадри зарро заргар медонад.
г) Фарзандони соҳибистиқлоли Ватанам – Ўзбекистон дар мактаб ва донишкадаю донишгоҳҳо таҳсил мегиранд.
*2. Дар ҷумлаи чидааъзои «Дар он ҷо баззозҳо, чойфурўшҳо ва шоҳифурўшҳо дўкондорӣ мекарданд» кадом аъзои ҷумла чида шуда омадааст?*
а) мубтадо
б) хабар
в) пуркунанда
г) ҳол
*3. Аъзоҳои чидаи дохили ҷумла чӣ гуна калимаҳо ба шумор меравaнд?*
а) баробарҳуқуқ
б) нобаробарҳуқуқ
в) тобеъ
г) сохта, содда, тобеъ
*4. Воситаи алоқаи наҳвии ҷумлаҳои чидааъзоро муайян кунед:*
а) бандакҳо, тире, нуқта вергул
б) пешванду пасванд
в) аломати савол, хитоб, нуқта
г) пайвандакҳои пайваст ва оҳанг
*5. Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумлаи «Ў қасдан ё ин ки саҳван он корро вайрон карда мефиристонад» кадом пайвандак ҳамчун воситаи алоқаи наҳвӣ омадааст?*
а) пайиҳам
б) хилофӣ
в) тобеъ
г) ҷудоӣ
*6. Пеш аз аъзоҳои чида ва баъд аз калимаҳои хулосакунанда чӣ гуна аломат гузошта мешавад?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

а) дунуқта
б) тире
в) вергул
г) нуқта

*7. Агар калима ва ё ин ки ибораи хулосакунанда баъд аз аъзоҳои чида омада бошад, чӣ гуна аломат гузошта мешавад?*

а) тире
б) хитоб
в) нуқтавергул
г) сенуқта

*8. Таърифро хонед ва ба чӣ мансуб буданашро муайян кунед: «Дар ҷумлаи чидааъзо пеш ва ё баъд аз аъзоҳои чида калима ё иборае оварда мешавад, ки вазифаи вай аъзоҳои чидаро ба тарзи хулоса ва умумӣ нишон додан аст».*

а) калима ва ибораҳои туфайлӣ
б) аъзоҳои чида
в) калима ва ибораҳои хулосакунанда
г) аъзоҳои истисноӣ ва иловагӣ

*9. Калимаи хулосакунандаи ҷумлаи чидааъзои «Дар як сӯ харбуза ва тарбуз мисли кӯзаҳои асал, дар як сӯ ангурҳои рангоранг: ҳусайнӣ, шибирғонӣ, тоифӣ, ҷавз ва ғайра чун хӯшаҳои лаълу ёқуту марвориди обдор дошт»-ро муайян кунед:*

а) ангурҳои рангоранг
б) рангоранг
в) ҳусайнӣ, шибирғонӣ, тоифӣ, ҷавз
г) лаълу ёқуту марворид

*10. Дар ҷумлаи «Аз сӯйи қишлоқ овози ҳайвонот: бузу гӯсфандону гову хару асп шунида мешуд» воҳиди хулосакунанда ва аъзои чида бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст?*

а) бо зарф
б) бо сифат
в) бо феъл
г) бо исм

http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# АЪЗОҲОИ ИСТИСНОИИ ҶУМЛА

## Маълумоти умумӣ дар бораи аъзоҳои истисноии ҷумла

**Калима ва ибораҳое, ки ҳамчун илова истеъмол гардида, маънои умумии ҷумла ва ё ягон аъзои онро возеҳу аниқ мекунанд, *аъзоҳои истисноӣ* ном доранд.**

Аъзоҳои истисноӣ дар навишт аз дигар аъзоҳои ҷумла бо вергул ва тире ҷудо карда мешаванд.

Аъзоҳои истисноӣ дар ҷумла барои шарҳу эзоҳ ва мушаххас (конкрет) намудани аъзоҳои ҷумла истифода мешаванд.

*Мисол: 1.* Вай – **Шодӣ** пеш аз ҳама бояд ба қонеъ кунонидани деҳқон кӯшиш кунад (*Ҷ.И.*).

2. Ҳайвонҳо аз шимол ба ҷануб, **ба тарафи лаби дарёи Аму,** нигоҳ карда медавиданд (*С.А.*).

Дар мисоли якум калимаи **вай** мубтадои ҷумла буда, калимаи **Шодӣ** барои шарҳу эзоҳи ҳамин мубтадо (вай) оварда шудааст, ки аъзои истисноии ҷумла ба шумор меравад. Дар мисоли дуюм ибораи **«ба тарафи лаби дарёи Аму»** аъзои истисноии ҷумла аст, ки он калимаи **ҷануб** -ро шарҳ додааст.

Ба вазифаи аъзои истисноӣ на фақат калимаю ибораҳо, балки ҷумлаҳои яклухт ҳам омада метавонанд: Ман ба газетаи «Овози тоҷик» аз аввал **(ин газета чанд сол боз нашр мешавад)** обунаам.

Аъзоҳои истисноӣ мисли саразъо ва аъзоҳои пайрави ҷумла ба як оҳанг талаффуз нашуда, оҳанги махсус доранд. Барои гӯшхарош нашуданашон гӯянда онҳоро нисбат ба рафти оҳанги умумии ҷумла пасттар ва бо фосилаи муайян талаффуз мекунад.

***Аъзои истисноии ҷумла ду хел мешаванд:***

1. Баёнияи истисноӣ.
2. Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 169.** Ҷумлаҳоро хонед, аъзои истисноии ишора кардашударо ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки онҳо аз аъзоҳои муқаррарии ҷумла чӣ фарқ доранд?

1. Лутфия – **меҳрубони ман** дар равшании лампа дарз дӯхта менишаст (*Ҷ.И.*). 2. Чакраҳои калон-калони борон ба болои бом ва тирезаҳо нақоразанӣ мекунанд (*Р.Ҷ.*). 3. Хаёли вай, танҳо ба як ҷо – ба **Дараи Ниҳон**, ба Гулнор банд буд (*С.А.*). 4. Хонаи хола гӯё ҳусни дигаре гирифт (*П.Т.*). 5. Ман фарзандони деҳро тарбият хоҳам кард, духтаронро аз банди нодонӣ ва занҷири ҷаҳолат наҷот хоҳам дод **(инро мегуфту аз шодӣ аз чашмонаш ашк мерехт)** (*П.С.*). 6. Чашмони дурахшонаш дар зери абрӯвони сиёҳ монанди ситораи рӯз чашми бинандаро мебурд (*С.А.*).

**♦ Машқи 170.** Ҷумлаҳои ба таври муқоиса навишташударо бодиққат хонед ва гӯед, ки аъзоҳои иловашуда чӣ зарурат ва вазифа доранд. Дар мавзӯи **«Ҳар рӯзатон наврӯз бод»** матне тартиб диҳед.

1. Мо аз хона баромада ба ҳавлии бобоям рафтем.

Мо – **падар ва писар** аз хона баромада ба ҳавлии бобоям рафтем (*С.А.*).

2. Пирамарди ваҳмдида ҳар рӯзу ҳар соат нигарон будани худро изҳор мекард.

Пирамарди ваҳмдида – **падари духтар** ҳар рӯзу ҳар соат нигарон будани худро изҳор мекард (*Ҳ.К.*).

3. Онҳо ҳам ба назди мо омаданду ба хӯроκхӯрӣ нишастанд. Онҳо ҳам ба назди мо – **ба айвони равони чойхона** омаданду ба хӯроκхӯрӣ нишастанд (*П.Т.*).

4. Аз ҳавлии мо чанд хона онсӯтар дӯсти деринаи падарам истиқомат мекард.

Аз ҳавлии мо чанд хона онсӯтар, **дар паҳлуи дӯкони собиқаи Усто Додобой,** дӯсти деринаи падарам – **Қаҳҳор амаки шикорчӣ** истиқомат мекард (*С.У.*).

**?**
1. *Аъзоҳои истисноии ҷумла чист?*
2. *Аъзоҳои истисноӣ бо гузоштани кадом аломатҳо навишта мешаванд?*
3. *Аъзоҳои истисноӣ дар ифодаи матлаб бо чӣ мақсад интихоб карда мешаванд?*
4. *Навъи аъзоҳои истисноии ҷумларо номбар кунед.*
5. *Аъзоҳои истисноии ҷумла ғайр аз калима ва ибора боз бо кадом воҳиди забон омада метавонанд?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 171.** Аз асарҳои хондагиатон ба аъзоҳои истисноии ҷумла мисолҳо интихоб кунед, ки онҳо дар шакли калима, ибора ва ҷумла омада бошанд.

## Баёнияи истисноӣ

Баёнияҳои истисноӣ барои возеҳу аниқ кардан ва чун муайянкунанда шарҳу эзоҳ додани ягон аъзои ҷумла хизмат мекунанд. Баёнияҳои истисноӣ мазмунан бо муайяншавандаи худ муродиф мебошанд ва якдигарро иваз карда метавонанд:

1. Ӯ ба устоди худ – **Абдураҳмони Ҷомӣ** муроҷиат карда, аз вай илтимос намуд (*С.А.*). 2. Ӯро – **Фирӯзаро** тамом бекас монондан намехоҳад (*Ч.И.*). 3. Ошноям – **Ҷӯра Холдоров** гапҳояшро тамом накарда гиря карда фиристод (*Ҳ.К.*).

Дар навишт баёнияҳои истисноӣ ба воситаи тире ё вергул ҷудо карда мешаванд.

**! Машқи 172.** Ҷумлаҳоро хонед, аломатҳои истро гузоред, баёнияҳои истисноиро эзоҳ диҳед.

1. Ҳомидхоҷа хоҳарзодаи шавҳараш бемордорӣ мекард (*С.А.*). 2. Яке аз аввалин рӯзномаҳои марказии тоҷикӣ «Бедории тоҷик» дар ҳамин матбааи ҷумҳурии навташкилёфта чоп мешуд (*А.Д.*). 3. Кампир Одинамоҳ имшаб дар куҷо будани худро надонист (*Ҳ.К.*). 4. Модари Алӣ кампири қадпаст ва миҷҷморуқ аз шунидани суханҳои Шодӣ хомӯш монду ба фикр фурӯ рафт (*Ч.И.*).

**♦ Машқи 173.** Байтҳоро нависед, баёнияҳои истисноиро ёфта, вазифа ва аломатҳои исти онро гуфта диҳед.

Эй Днепро, модари поки Тарас,
Назди ту имрӯз меҳмон омадам.
Аз лаби дарёи Панҷи беқарор —
Аз Бадахшон, аз Бадахшон омадам.
*М. Қаноат*

3- он пеш, ки овардам сипоҳе —
Чун даври замона кинахоҳе.
*А. Ҷомӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба кӯи гадоён — дараш хона буд,
Зараш ҳамчу гандум ба паймона буд.
*С. Шерозӣ*

Гирифтанд аз эшон фаровон асир —
Зану кӯдаки хурду барнову пир.
*А. Фирдавсӣ*

Эй дурри шарар зи баҳри кавнайн,
Фарзанди азиз — қудратулайн
Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.
*Б. Ҳилолӣ*

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон — мурувват, бо душманон мадоро.
*Ҳ. Шерозӣ*

**?** *1. Чӣ гуна баёнияро баёнияи истисноӣ меноманд?*
*2. Баёнияи истисноӣ бо муайяншавандаи худ чӣ гуна хусусият зоҳир менамояд?*
*3. Баёниҳои истисноӣ бо гузоштани кадом аломатҳо навишта мешаванд?*
*4. Баёнияи истисноӣ бо кадом аъзоҳои ҷумла ифода меёбад?*

**Машқи 174.** Ба баёнияи истисноӣ ҳафтто мисол нависед. Хусусияти хоссаи баёнияҳои истисноиро бо муайяншавандаҳояш шарҳ диҳед.

## Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ

Калима, ибора ва ҷумлаҳои истисноии эзоҳӣ маънои ягон аъзо ё мазмуни умумии ҷумлаи асосиро аниқу мушаххас намуда, гоҳо ба таври илова шарҳ медиҳанд.

Чунончи: 1. Чоштгоҳ ба мо як лаб нони қоқ **(зиёдатии сари дастархон ва ҳар хел нонпораҳои равғанолуд ва кӯҳнаро)**-ро доданд (*Ҷ.И.*). 2. Дар ҳамин вақт ин одам **(маҷрӯҳро нишон дода)** аз фарёди ман бедор шуда, чӣ гап гӯён ба пеш давид (*С.А.*).

Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ аз дигар аъзоҳо бо вергул, қавс ҷудо карда мешавад.

Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ аз баёнияҳои истисноӣ аз он ҷиҳат ҳам фарқ доранд, ки бо эзоҳшавандаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

худ муродиф ба шумор намераванд. Ин ҳодисаро дар мисоли «Модарам ба духтарчааш ҳар рӯз ширбиринҷ, угро ва кабоб **(аз гӯшти гӯсфанд)** пухта медод» бевосита мушоҳида мекунем.

Аъзоҳои истисноии ҷумла гоҳо бо калимаҳои эзоҳии **яъне, махсусан, мисли, монанди, алалхусус, аз ҷумла** ва ғайра ҳамроҳ меоянд:

1. Шаҳрҳои ҷумҳурии мо, **алалхусус, Самарқанду Бухоро,** хеле зебост. 2. Дар синфи мо шаш нафар хонанда, **аз ҷумла, Гулнор,** бо баҳои панҷ мехонад.

**! Машқи 175.** Хонед, баёнияи истисноӣ ва аъзои истисноии эзоҳиро нишон диҳед, муайян кунед, ки онҳо ба шарҳу эзоҳи кадом аъзоҳои ҷумла омадаанд.

1. Ман дар он вақт фаҳмидам, ки Ҳайрат чаро шоирӣ ва шеъри худро аз одамон, хусусан, аз шоирон ва шеършиносони он замон пинҳон медоштааст (*С.А.*). 2. Амакам, акои шумо, маро бераҳмона мезад (*Ҳ.К.*). 3. Дар қишлоқи Сомғар, дар хонаи Мисрибону – модари Исмоил Ҳамзаалиев нишастаем (*Р.Ҷ.*). 4. Даруни дарвоза – роҳрав ва рӯйи ҳавлии хиштфарши он низ бо фонусҳо ва лампаҳо равшан буд (*Ҷ.И.*).

**! Машқи 176.** Ҷумлаҳоро нависед, аъзоҳои истисноиро бо аломатҳои ист ҷудо кунед.

1. Дар рӯйи суфа дар болои кӯрпача мизбони мо соҳиби ҳавлӣ устои косагар чорзону зада менишаст (*С.А.*). 2. Бегоҳии рӯзи истироҳат тамоми аъзоёни оила хурду калон дар гирди стол ҷамъ омада таом мехӯрданд *(А.Д.)*. 3. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик дар он ҷо корнамоӣ кард (*С.А.*).

**♦ Машқи 177.** Бо калимаҳои эзоҳии яъне, махсусан, хусусан, монанди, аз ҷумла, алалхусус мисол нависед.

***Намуна:*** Шунавандагон, хусусан ҷавонон, бо шунидани ин ҷавоб табассуми истеҳзоомез карда мемонданд.

**♦ Машқи 178.** Оид ба аъзоҳои истисноии эзоҳӣ панҷто мисол нависед ва ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки аъзоҳои истисноии эзоҳиро бо гузоштани кадом аломатҳо навистед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?

*1. Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ чӣ гуна хусусият доранд?*
*2. Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ аз кадом ҷиҳат аз баёнияҳои истисноӣ фарқ мекунанд?*
*3. Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ одатан бо гузоштани кадом аломатҳо навишта мешаванд?*
*4. Аъзоҳои истисноии ҷумла баъзан бо кадом калимаҳои эзоҳӣ меоянд?*

**Машқи 179.** Агар бо ҳаракати ақрабаки соат бистто истилоҳҳои ба наҳв тааллуқдорро дар даруни катакчаҳои хурду калон нависед, шумо соҳиби калидчаи қулфкушо мешавед. Бо он калид қулфро кушода дар саҳифаҳои китоб истилоҳҳои асосии наҳвиро механед.

## КРОССВОРДИ «КАЛИДЧАИ ҚУЛФКУШО»




### Тест

*1. Кадоме аз ҷавобҳо барои равшану возеҳ намудани аъзоҳои муқаррарии ҷумла хизмат мекунад?*

а) воҳидҳои туфайлӣ
б) ҷумлаҳои чидааъзо
в) аъзоҳои истисноии ҷумла
г) аломати тире

*2. Аъзоҳои истисноии ҷумла аз аъзоҳои ҳақиқии ҷумла бо чӣ гуна аломатҳои китобат ҷудо карда мешаванд?*

а) бо тире ва вергул
б) бо нуқта ва хитоб
в) бо савол ва вергул
г) бо нуқтавергул

*3. Агар аъзои истисноии ҷумла аъзои муқаррариро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ дода, равшан гардонад, оид ба он ягон ахбори иловагие диҳад, ё ин ки ҳамон аъзоро амиқ намояд, аз ду тараф бо чӣ гуна аломат ҷудо карда мешавад?*

а) бо нуқта
б) бо вергул
в) бо савол
г) бо хитоб



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Навиштани мақолаи публитсистӣ

**! Машқи 180.** ***Супориши 1.*** Аз рӯзномаи «**Овози тоҷик**» мақолаи публитсистӣ интихоб кунед.

***Супориши 2.*** Калима ва ибораҳои дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ тааллуқдошта ва истилоҳҳои услуби публитсистиро муайян карда, ба дафтаратон нависед.

**♦ Машқи 181.** ***Супориши 1.*** Дар ҳаҷми 130 калима мақолаи публитсистӣ нависед ва ба он сарлавҳа гузоред.

***Супориши 2.*** Дар матни мақола калима ва ибораҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодиро кор фармоед ва ба зерашон хат кашед.

***Супориши 3.*** Дониши омӯхтаатонро ба хотир оварда оид ба услуби публитсистӣ маълумот диҳед. Гӯед, ки услуби публитсистӣ аз дигар услубҳои забон аз кадом ҷиҳат фарқ мекунад.

## Муайянкунандаи истисноӣ

❋ ***Муайянкунандаи истисноӣ ду хел мешавад:***

1. Муайянкунандаи истисноии бо исм ифодашаванда: Дар он тарафи ҷӯй киштҳои сабзавотӣ **(сабзӣ, пиёз, карам)** ва полезӣ **(харбуза, тарбуз, зомуча, каду)** паҳн шуда рафт (*С.А.*).

2. Муайянкунандаи истисноии бо сифат ифодашаванда: Мошинсаворони мо ба бинои калони бошукӯҳе вохӯрданд, **хиштин** ва **сафед** (*С.У.*).

**! Машқи 182.** Ҷумлаҳои дар таркиб муайянкунандаи истисноӣ доштаро муайян кунед ва ба дафтаратон нависед.

1. Мо падар ва писар аз хона баромада ба ҳавлии бобоям рафтем. 2. Дар рӯйи суфа дар болои кӯрпача мизбони мо – соҳиби ҳавлӣ, устои косагар чорзону зада менишаст. 3. Ба назди онҳо як ҷавон омада нишаст, хушсару либос. 4. Вай зане буд миёнақад, чашму абрӯсиёҳ. 5. Сандалии меҳмонхона бо оташи ҳезуми зардолу сахт гарм шуда буд.

**♦ Машқи 183.** Ҷумлаҳоро хонед, ба зери муайянкунандаҳои истисноӣ ва муқарарӣ хат кашед. Фарқият ва умумияти муайянкунандаи истисноӣ ва муқарарариро фаҳмонед.

1. Чакраҳои калон-калони борон ба болои бом ва тирезаҳо нақоразанӣ мекунанд (*Ҷ.И.*). 2. Ана ҳамин хел



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

одам аст, ӯ бепарво, гапнодаро, тарбиянодида. 3. Ӯ як одами миёнақади сергӯшт ва гарданкӯтоҳ (*С.А.*). 4. Дар пеши чашми ӯ ситораи нуқрагини панҷгӯша ҷило медод (Ф.Н.). 5. Кӯҳҳои сарбаландаш, оби софу ширинаш, насими дилписандаш, гулҳои нозанинаш, ба кас илҳом мебахшанд (*Ҳ.К.*).

**?** *1. Муайянкунандаи истисноӣ чанд хел мешавад?*
*2. Муайянкунандаи истисноӣ асосан бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?*
*3. Муайянкунандаи истисноӣ аз муайянкунандаи муқаррарӣ чӣ гуна фарқ мекунад?*

**Машқи 184.** Шашто ҷумлаи муайянкунандаи истисноии бо исм ва сифат ифодаёфта тартиб диҳед. Воситаи алоқа ва тобиши маъниашро гӯед.

## Пуркунандаи истисноӣ

**! Машқи 185.** Пуркунандаҳои истисноӣ ва муқаррариро номбар кунед ва ба зерашон хат кашед. Ҷумлаҳои дар таркиб пуркунандаи истисноӣ доштаро ба дафтаратон кӯчонед.

1. Сахӣ хайр кунад, хасисро дарди сар мегирад. 2. Ин сӯҳбати гарму ҷӯшон риштаҳои робитаи онҳоро ба ҳамдигар абадӣ кард (*Р.Ҷ.*). 3. Ман дар он вақт фаҳмидам, ки Ҳайрат чаро шоирӣ ва шеъри худро аз одамон, хусусан аз шоирон ва шеършиносони он замон пинҳон медоштааст (*С.А.*). 4. Аз хӯрданиҳо нон ва мавиз, қандалот ва печа ба навбат дастархонро зинат медод (*Ф.Н.*). 5. Мақсудҷон кулӯххои танбусӣ (тамузӣ), яъне кулӯххои офтоби тобистонхӯрдаи хуб хушкидаро оварда, ба даруни ёмҳо рехт ... (*С.А.*).

**! Машқи 186.** Сохту таркиби пуркунандаҳои истисноӣ ва муқаррарии ишора кардашударо муайян кунед.

1. Яхёхоҷа бо либоси муллоёнаи **оддӣ, бо ҷомаи зеҳбори майданақш ва бо саллаи сафеди хурд** мегашт (*С.А.*). 2. Вай дарҳол **ба изҳори дарди кӯҳнаи худ — дарди тарбод** сар кард (*Ҷ.И.*). 3. Насими бӯйи муаттари гулҳои зебоманзараи дарахтони каччабодом, **зардолу** ва **шафтолуро** ба машом меоварад (*Р.Ҷ*). 4. **Дасти ӯро** зи банд канду биронд (*М.Р.*). 5. Ин латифаро ба онҳо, **ба муштоқони**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**афсона** ҳикоя кардам. 6. Он ҳезумкаш ҳанўз **сухани худро** тамом накарда буд, ки бо даҳшати аз одат берун ҳаво гулдуррос зад (*С.А.*).

**?** *1. Фарқият ва умумияти пуркунандаҳои истисноӣ аз муқарраpӣ дар чист?*
*2. Пуркунандаҳои истисноӣ аз ҷиҳати сохту таркиб чӣ гуна мешавад?*
*3. Пуркунандаи истисноӣ бештар бо кадом навъи ибораҳо меоянд?*

**Машқи 187.** Аз асари бадеӣ шашто ҷумла нависед, ки дар таркиб пуркунандаи истисноӣ дошта бошад.

## Ҳоли истисноӣ

**! Машқи 188.** Ҳоли истисноиро ба гурўҳҳо ҷудо карда нависед.

1. Ман ўро ду сол пеш аз мулоқот дар деҳаи Регзор, дар шиннипазхона дида будам. 2. Ҳар рўз, баъд аз фориғи дарсаш ба хонаи ман омада ошамро мепазад (*С.А.*). 3. Воҳид, рангаш канда, ҷаста аз ҷой хест. 4. Дар як рўз, камаш кори бист ҷуфт барзаговро ба сомон мерасонед. 5. Падарам, ба шарти баргашта омадани мо, розигии худро изҳор кардааст *(С.Т.)*.

**♦ Машқи 189.** Ҷумлаҳои дар таркиб ҳоли истисноӣ дошта тартиб диҳед, ки он тобиши маънои **замонӣ, маконӣ, сабабӣ** ва **мақсадиро** ифода кунад.

**! Машқи 190.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери ҳоли истисноӣ хат кашед.

1. Мо дар он боғ пагоҳонй ба бегоҳонӣ дар сарҳавз нишаста, шабона рўйи суфаи меҳмонхона -пеши гулзор мехобидем (*С.А.*). 2. Бинобар ин ҳозир, соати яки рўз омадам (*С.Т.*). 3. Фармоед, балвогаронро оҳистакак, бе шўру ғавғо, дастгир кунанд (*С.У.*). 4. Ман барнамегардам, ўро надида (*С.*). 5. Мошин оҳиста-оҳиста, гўё хазида ба фарқи Шерон мебаромад (*С.Т.*).

**?** *1. Чӣ гуна навъҳои ҳоли истисноиро медонед?*
*2. Фарқият ва умумияти ҳоли истисноӣ аз муқарраpӣ дар чист?*
*3. Ҳоли истисноӣ чӣ гуна маъноро ифода мекунад?*

**Машқи 191.** Бо ҳоли истисноии ифодакунандаи маънии замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф ҷумла тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ВОҲИДҲОИ ТАВЗЕҲӢ

## Маълумоти умумӣ дар бораи воҳидҳои тавзеҳӣ

**Калима, таркиб ва ибораҳое, ки барои шарҳу баёни мазмуни калима, ибора ва мазмуни умумии як қисм ё тамоми ҷумлаи асосӣ хизмат мекунад, *воҳидҳои тавзеҳӣ* ном доранд.** Ин тарзи тавзеҳдиҳӣ бештар дар луғатҳои тафсирӣ ба назар мерасанду маънии калимаву ибораҳое, ки муродиф надоранд, бо ҷумла тафсир меёбанд. Чунин ҷумлаҳо одатан дар қавс дода мешаванд.

**! Машқи 192.** Аз матн воҳидҳои тавзеҳиро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед. Онҳоро шарҳ диҳед.

Онҳо куштани имом Ҳусайн (писари Алӣ ва набераи пайғамбари ислом)-ро ба Убайдуллоҳ супурда буданд. Убайдуллоҳ ӯро дар дашти Карбало ба як тарзи фаҷеъ бо ҳамаи занон, хоҳарон ва кӯдаконаш ба қатл расонд. Ривояте ҳаст, ки ӯ дар вақти аморати Хуросонро ба Саид бинни Усмон супурдан дар Нишопур ин амири нави ҳанӯз ба илми ҷангу сулҳ ва ба «ратқу умури мамлакат» (идора кардани корҳои мамлакат) «ноомил»-ро бо «таҷриба»-и худаш ошно намуд, ба вай маслиҳатҳо дода буд, гуфта буд, ки пайрави ман бош ва ба ман тақлид бикун-...(*аз «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзода*).

**! Машқи 193.** Дар мисолҳои овардашуда қавси воҳидҳои тавзеҳӣ партофта шудаанд. Ҷумлаҳоро бо диққат хонед ва қавсҳоро ба ҷояш гузоред.

1. Ба эҳтимоли қавӣ дар он ҷо дар ҷойи «Шоҳи Зинда»-и имрӯза ҳанӯз пеш аз ислом мазоре воқеъ ва он мазор зиёратгоҳи халқи маҳаллӣ будааст у сониян парастиши он ба валии ислом яъне Қуссам интиқол ёфтааст (*С.У.*). 2. Ин додарат Қурбонниёзро нишон дода ва суханашро аз «шумо-шумо» ба «ту-ту» гардонда коркуни бисёр гузарост (*С.А.*). 3. Як таноб чоряк гектар заминро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ғӯза ва як танобро ҷувории сафед корид (*С.А.*). 4. Аз дилтангӣ дарпардаи тирезаи коғазин ба тарафи кӯча кушодашавандаи ҳуҷраро во кардам (*С.А.*). 5. Амир дар миёни қувваи асосии лашкараш ва талоя дастаи пешгард гоҳ зинсавору гоҳе дар тахти равон нишаста меомад (*С.У.*).

♦ **Машқи 194.** Ҷумлаҳои додашударо бо диққат хонед ва воҳидҳои тавзеҳиро эҷодкорона иваз кунед.

1. ...ӯ сабақҳои маро ба ман ёд медод ва ба ман зочаҳо (бозичаҳо)-и хушрӯй сохта медод (*С.А.*). 2. Лекин хоҳ камкорҳо, хоҳ «девкорҳо» (халифаи пуркорро «девкор» мегуфтанд) барои кор кардани ин маблағ аз неши Офтоб то ғуруб кор мекарданд (*И.*). 3. Аммо маро, бинобар писарбача буданам (ҳар чанд хурдсол бошам ҳам), «номаҳрам» гӯён ба ҳавлии дарун роҳ надоданд (*С.А.*). 4. Маълум шуд, ки дар он ҷо – дар байни саҳни мадрасаи Мири Араб ва Масҷиди Калон чавкӣ (базми умумии подшоҳӣ) барпо шуда будааст (*С.А.*). 5. Ёдхишетак шитобон рафта дар наздики вай аз асп фуромаданӣ шуд (дар пешгоҳи подшоҳ савора ҳозир шудан мамнӯъ буд), лекин Ихшид ишора кард – иҷозат дод, ки савора оянд (*С.У.*).

🔔 **Машқи 195.** Панҷто ҷумла тартиб диҳед, ки дар таркибашон воҳидҳои тавзеҳӣ дошта бошанд.

## Мавриди корбасти воҳидҳои тавзеҳӣ

! **Машқи 196.** Аз мисолҳои овардашуда воҳидҳои тазеҳие, ки маънои маҷозӣ, кӯчида ва киноявии ҷумлаи асосиро тафсир додаанд, ҷудо карда нависед.

1. Инженер аз ин суханҳо ва аз он шаҳодатномаи расмӣ фаҳмидааст, ки ақли ин ҳам халалдор нест, яъне девона нест (*С.А.*). 2. Усмонхалифа, ки нӯҳто зан гирифта буд (ва аз инҳо ду зан духтарони пайғамбар буданд), меҳри шавҳариаш аз меҳри падарӣ бар ёздаҳ писару шаш духтараш бештар буд (*С.У.*). 3. ...аввалан аризаи худро ба амир расонда наметавонист, агар «бахташ тофта» (дурусттараш, бадбахтиаш рӯй дода), аризааш ба амир расад, ба номи он ҳокиме, ки мазлум аз вай шикоят кардааст ...муборакномае мебаромад (*С.А.*). 4. Имрӯз монед, ки барои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бача (акаам) кулчаи гарм пазам, – гӯён модарам зорӣ кард (*С.А.*).

**! Машқи 197.** Воҳидҳои тавзеҳие, ки ҳамчун тарҷумаи воҳидҳои иқтибосӣ истифода шудаанд, муайян кунед ва ба дафтаратон кӯчонед.

1. Ин деҳа дар як фарсахии (8 километри) ғарби шимолии қалъаи Ғиждувон дар доираи хоки тумани (ноҳияи) Шофирком, аз ҷумлаи деҳоти Деҳнави Абдуллоҷон, дар доманаи реги равоне, ки ба дашти Қизил мепайвандад, воқеъ шудааст (*С.А.*). 2. Ӯ ...ба ваъзгӯӣ гузашта ба шарҳи ҳадиси «ал мӯъминуна ихвотун» («мӯъминон бародарони ҳамдигаранд») даромад (*И.*). 3. Молик ибнур Райбро бо ҳазору понсад савор барои иктишоф (мабодо ки бухориён ба муқобили вай сарбоз бароварда бошанд!) пеш фиристонд (*С.У.*). 4. Ба ҳамин тариқа ман дар андак вақт муфрадот (танҳо-танҳо) навиштани ҳарфҳоро тамом карда, ба мураккабот (пайваста)-нависӣ гузаштам (*С.А.*). 5. – Акамуллот (Шавҳарашро мегӯяд, ки Иброҳимхоҷа ном дошта, чунон ки дар боло қайд шуд, дуохони нобарор буд) ба ман «исми аъзам»-ро ёд додаанд (*С.А.*).

**! Машқи 198.** Ба зери воҳидҳои тавзеҳие, ки хусусияти баёниягӣ доранду бар эзоҳи исм омадаанд, хат кашед.

1. Ӯ мегуфт, ки дар пушти меҳмонхонаи амакбобо (ӯ падаршӯяшро, яъне Абдуллохоҷаи 90-соларо амакбобо мегуфт) деви ҳафтсар ҳаст... (*С.А.*). 2. Ӯ қади баланд, бадани лоғар, чеҳраи гандумгун, риши миёнаи на он қадар сафед (бо вуҷуди ин ки худ 90-сола буд) ва абрӯҳои баланди дарозмӯ дошт (*С.А.*). 3. Ман барои фиреб додани шумо чор нимча (ду килограмм)-ро се қабза бурронда оварда будам, ки чор танга меистад (*С.А.*). 4. Дар ин кор Икромхоҷа (писари дуюми Усто амак) тадбире кард, ки ман қадре осуда шудам (*С.А.*). 5. ...як талаба дар пеши домуллои кунҷакӣ ҳар рӯз як дарс аз ягон матн (масалан, Қофия ё Шамсия ва ё ин ки матни ақоид) мехонд (*С.А.*).

**Машқи 199.** Аз асарҳои хондаатон 10- то ҷумлаи тавзеҳӣ ёфта нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУХОТАБ. КАЛИМА, ИБОРА ВА ҶУМЛАҲОИ ТУФАЙЛӢ

## Маълумоти умумӣ дар бораи мухотаб

**! Машқи 200.** Ҷумлаҳои мухотабдоштаро муайян карда ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки мухотаб бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст.

1. Падарҷон, модараки меҳрубонам, ман шуморо дӯст медорам, аз ҷон азизтар медонам (*Ҳ.К.*). 2. Латифҷон Махдум, бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд (*С.А.*). 3. – Модар, дарро кушоед, ман омадам (*Р.Ҷ.*). 4. Духтарам, баррекам, – ғамгин машав, – Ту дар оғӯши Ватан осудаӣ (*М.Т.*). 5. Афсӯс, сад афсӯс, ки вай дар ин роҳи озодӣ дуртар нарафт, қурбон шуд (*Ҷ.И.*).

**Калима ва иборае, ки предмети муроҷиатшударо ифода мекунад, *мухотаб* ном дорад.**

Мухотаб бо аъзоҳои ҷумла алоқаи грамматикӣ надорад, ба саволе ҳам ҷавоб намешавад, лекин ба мазмуни умумии ҷумла вобаста буда, ба ҷумла ва ё аъзоҳои он алоқаи муайяни мантиқӣ дорад. Бинобар ин дар сурати партофтани мухотаб аксар вақт мантиқи ҷумла зарар дида, иҷрокунандаи амал номаълум мемонад. Он аксар вақт барои ҷалб намудани диққати шунаванда (хонанда) ба оҳанги муроҷиат, хитобу даъват, хоҳишу пурсиш, навозишу ҳурмат хизмат мекунад. Мисол: Биё, ҷони бибияш, ана ин холаҳоят ба ту савғотӣ овардаанд (*Р.Ҷ.*).

Дар ин ҷумла ибораи **ҷони бибияш** мухотаб мебошад. Он навозишро ифода карда ба ҷумла тобиши маънӣ бахшидааст. Мухотаб бо исм, калимаҳои исмшуда ва ибораҳои исмӣ ифода меёбад:

1. **Модарҷон,** бисёр фикру хаёл карда, худатонро азоб надиҳед. 2. Канӣ, **шери падар**, дам кунчӣ, чӣ қадар зӯр дорӣ, ҳа, баракалло! (*Р.Ҷ.*).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 201.** Байтҳоро хонед, мухотабро муайян кунед ва ба кадом маънӣ истифода шудани онҳоро фаҳмонед.

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
*С. Айнӣ*

Бародарон, бародарон, бародарон,
ба модари Ватан вафо кунем,
Агар ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем.
*А. Лоҳутӣ*

Фазлу ҳунарам, Ватан, туӣ, ту,
Сози зафарам, Ватан, туӣ, ту.
*М. Турсунзода*

**! Машқи 202.** Аз қавс ба ҷойи нуктаҳо мухотабҳои мувофиқро ёфта гузоред ва вазифаашонро шарҳ диҳед.

1. Саросема нашав, ... ! 2. ..., ..., бибиат тасаддуқ. 3. – ..., дарро кушоед, ман омадам. 4. – Акнун, .... , ... , биёед, ки дучанд кор кунем. 5. – Бигӯ, ...! Магар як худи ту аз як донаи гандум хӯшаи сердонаву вазнин расонда метавонӣ?

(Писари барноям, ҷонам, ҷони падар, бародарон, фарзандонам, Модар, об)

***Намуна:*** Писари барноям, ҷонам, бибиат тасаддуқ.

**?**
*1. Мухотаб чист?*
*2. Вазифаи мухотаб дар ҷумла аз чӣ иборат аст?*
*3. Мухотаб бо кадом ҳиссаи нутқ ифода мешавад?*
*4. Мухотаб ғайр аз калима боз дар кадом шакл меояд?*

**Машқи 203.** Мисолҳое нависед, ки мухотаб дар онҳо бар ифодаи маънии муроҷиат, хитобу даъват, хоҳишу пурсиш, навозишу ҳурмат омада бошад.

## Аломатҳои китобат дар мухотаб

**! Машқи 204.** Ҷумлаҳоро хонед, аломатҳои китобати мухотабҳои ишорашударо гузоред.

1. Чӣ гуна неъматҳои фаровон дорӣ **модари азиз – замини Ватан** (*А.Д.*). 2. Барака ёбед **фарзандонам** аз ин пеш ин гуна ҳосилро надида будам (*Ф.М.*). 3. Мебарам



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**азизам** аммо осиёбонро намеранҷонда бошем-мӣ? 4. **Амакҷон** умедам ба шумо! Ба мани шӯрбахт раҳм кунед! (*Р.Ҷ.*). **Бародарон** Модар – Ватан фарзандонашро бо меҳру муҳаббат мепарварад.

Мухотаб дар навишт аз дигар аъзоҳои ҷумла бо вергул ҷудо карда мешавад: **Ватан, Ватани азизу арҷманд,** ту модари мо ва мо ба ту фарзандем (*А.Ш.*).

Агар мухотаб дар аввали ҷумла омада бошад, пас аз он, дар охири ҷумла омада бошад, пеш аз он ва дар байни ҷумла омада бошад, аз ду тарафи он вергул гузошта мешавад.

Агар мухотаб дар аввал ва ё охири ҷумла омада, бо ҳиссиёте гуфта шавад, пас аз он аломати хитоб гузошта мешавад: 1. **Ака Рустам!** Ба хонаводаи ту бахту толеъ рӯй овардааст (*С.А.*). 2. Ҳа, барака ёб, **укаҷон!** (*Ҷ.И.*).

♦ **Машқи 205.** Мавридҳои гузошта шудани аломатҳои китобати вергул ва хитобро ба эътибор гирифта ҷумлаҳои мухотабдор нависед.

! **Машқи 206.** Байтҳоро хонед, ҷойи мухотаб ва аломатҳои китобати онро эзоҳ диҳед.

Биё, **дониш,** муҳаббат бар ту монам,
Фидо созам ба роҳат ҷисму ҷонам
*Ҳ. Юсуфӣ*

**Эй боди шабгир, бархез, бархез!**
Дар оби дарё тӯфон барангез!
*М. Турсунзода*

**Модар, модар,** ту қандили дунёӣ,
Равшангари чашмҳою манзилҳоӣ.
*Жола*

Зи ту, **эй дарсгоҳи илму ирфон,**
Дилам ҳамчун баҳорон шуд фурӯзон.
*Мавҷуда*

Ман намедонам чӣ сон тасвир созам бо сухан
Рангу бӯйи беназири дилкашатро, **эй Ватан!**
*М. Турсунзода*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

? *1. Мухотаб дар навишт аз дигар аъзоҳои ҷумла бо гузоштани кадом аломати китобат ҷудо карда мешавад?*
*2. Дар кадом маврид дар ҷумлаҳои мухотабдор аломати вергул гузошта мешавад?*
*3. Ғайр аз аломати вергул дар ҷумлаҳои мухотабдор боз чӣ гуна аломати китобат гузошта мешавад?*
*4. Агар мухотаб пуршиддат ва ё бо оҳанги ҳаяҷон, ғазаб талаффуз карда шавад, пас аз он кадом аломат гузошта мешавад?*

**Машқи 207.** Ҷумлаҳои мухотабдор нависед, ки дар онҳо мухотаб дар аввал, мобайн ва охир омада бошад. Мухотабҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб ба гурӯҳҳо (содда, тафсилӣ, чида) ҷудо кунед.

## *Дарсҳои 102–103.* Мухотабҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ

Мухотаб аз рӯйи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: **шахсӣ ва ғайришахсӣ.**

Мухотабҳои шахсӣ ба инсон нигаронида мешаванд. Ин гурӯҳ мухотабҳо ниҳоят фаровон буда, дар мактубҳо, даъватномаҳо, мурроҷиатномаҳо, фармонҳо, консертҳо, эълонҳо ва ғайра оварда машаванд:

Дӯст дорам, **модарам,** бо ёди ту қишлоқро,
Рӯдҳои нуқрагину нилгун офоқро.

*М. Турсунзода*

Эй **кӯдаки** деҳот! Кунун тарки хоб кун,
Паймо роҳи донишу дар бар китоб кун.

*А. Деҳотӣ*

Мухотабҳое, ки шахсро ифода намекунанд, **ғайришахс** ном доранд.

Ба ин гурӯҳи мухотабҳо мурроҷиати бевосита ва ё бавосита ба ҳайвоноту паррандаҳо, номи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо, манзилу макон, манзараҳои табиат, ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, фаслҳои сол, ашёи рӯзгор ва ғайра дохил мешаванд:

Рав, хиромидан гир, **эй товус, эй булбул,** саро,
К-ин Ватан беинтиҳо дар ин замон гул мекунад.

*М. Турсунзода*

♦ **Машқи 208.** Ба мухотабҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ мисол нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 209.** Хонед, ҷумлаҳои мухотабҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ доштаро дар алоҳидагӣ ба дафтаратон нависед.

Ман мебудам, усто, агар зеҳни писаратон тоза бошаду хонондан хоҳед, ўро ба мактаби мулло Тоҳир бурда мемондам (*Р.Ҷ.*). 2. Гург! Ғазалхониро мон, хез, зуд бош ошро тайёр кун (*С.А.*). 3. Раҳмат ба шумо, модарҷон, ман намедонам чӣ тавр ташаккур кунам (*П.Т.*). 4. Ман аз вазидани ту, эй насими баҳор, ҳаловат мебарам (*А.Д.*). 5. – Хўр, Хайбарам, хўр, – гуфт Неккадам ба саг нигоҳ карда (*С.А.*). 6. Монед, бибиҷон, ҳамин гапҳо чӣ даркор? (*А.Д.*).

**?**
*1. Мухотаб аз ҷиҳати маъно ба чанд гурўҳ ҷудо мешавад?*
*2. Чӣ гуна мухотабҳоро мухотабҳои шахсӣ меноманд?*
*3. Мухотабҳои ғайришахсӣ чист?*
*4. Мухотабҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ дар ифода бо кадом мақсад кор фармуда мешаванд?*

**Машқи 210.** Бо ёрии калимаҳои ифодакунандаи **касбу кор**, **вазифа**, **унвон**, **машғулият синну сол** ҷумлаҳои мухотабдор нависед. Гўед, ки мисолҳои навиштаатон кадом гурўҳи мухотабро ташкил додаанд.

## Такрор (чоряки сеюм)

**?** *Савол ва супоришҳо*

*1. Хабари ҷида ба чӣ гуна савол ҷавоб мешавад?*
*2. Ҷумлаҳои ҷидааъзои дар таркиб хабари номӣ ва феълӣ дошта нависед.*
*3. Пуркунандаи ҷида ба кадом аъзои ҷумла алоқаманд шуда меояд?*
*4. Ҷумлаҳои ҷидааъзои дар таркиб ҳоли ҷида дошта нависед.*
*5. Чӣ гуна ҳоли ҷида замон, макон, сабаб, мақсади амали иҷрошударо мефаҳмонад?*
*6. Ҳоли ҷида ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?*
*7. Воситаи алоқаи наҳвии ҳоли ҷидаро бо навиштани мисолҳо нишон диҳед.*
*8. Кадом навъи пайвандакҳо воситаи алоқаи грамматикии ҷумлаҳои ҷидааъзо ба шумор мераванд?*
*9. Пайвандакҳои аммо, вале, лекин, ва, -у (-ю)-ро дар байни аъзоҳои ҷумлаҳои ҷидааъзо кор фармуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.*
*10. Аъзои истисноӣ аз аъзои муқаррарӣ чӣ фарқ дорад?*
*11. Ҷумлае нависед, ки дар таркиб баёния, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳоли истисноӣ дошта бошад?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*12. Чӣ гуна услубро услуби публитсистӣ меноманд?*
*13. Фарқи услуби публитсистӣ аз дигар услубҳои нутқ дар чист?*

## Ҷойи мухотаб дар ҷумла

Ҷойи мухотаб ба мазмуну сохти ҷумла ва мақсади гӯянда вобаста аст. Агар мақсади гӯянда шунавандаро ба шунидан тайёр кардан ва кашидани диққати ӯ бошад, мухотаб дар аввали ҷумла меояд.

Аз ин ҷост, ки дар фармон, шиорҳо, баромадҳо, маърӯзаҳо, музокираҳо, муроҷиатҳо, мактубҳо, даъватҳо ва монанди инҳо мухотаб дар аввали ҷумла меояд:

1. **Рафиқон!** Шумо баъд аз хатми синфи ёздаҳум таҳсилро дар донишкада ва донишгоҳ давом медиҳед.

2. **Дӯсти азизам, Сардорҷони Равшанзода!** Барои ҳимояи Ватан ҳамеша тайёр бош!

Агар ҷумла танҳо аз ахбори такрор иборат бошад, мухотаб дар мобайн меояд:

1. Ин қадар дер кардӣ, **Аҳмадҷон,** корат баромад? (*Ҷ.И.*).

2. Ту, **эй гул**, баъд аз ин дигар маранҷон булбули худро (*А.Л.*).

Агар тамоми ҷумла иборат аз ахбори нав бошад, мухотаб дар охири ҷумла меояд:

1. Шуморо оғӯш мегирам ва дастонатонро сахту самимӣ мефишорам, **ҳамкорони қарин ва арҷманд.**

2. Саросема нашав, **ҷони падар!** (*Р.Ҷ.*).

**! Машқи 211.** Бо гузоштани аломатҳои китобатӣ мухотабҳоро муайян кунед. Баъд аз он ҷумлаҳои мухотабдорро аз рӯйи ҷойи мухотаб (аввал, мобайн, охир) ҷудо карда нависед.

1. Духтарам хурсандии шумоён бо ҳамин бошад, ман ҳам ба ин хурсанд (*Ҳ.К.*). 2. Писарам Пӯлодҷон аз ҳавз об биёр, чой кунам (*Р.Ҷ.*). 3. – Росташро гӯй Ёдгор! Ин ҷо чӣ мекардӣ? 4. – Эй писарам шумо напурседу ман нагӯям (*С.А.*). 5. Соли Наватон муборак дӯстони азиз! (*А.Ш.*). 6. Шери бобо шакари бобо баҷо ҳастӣ? Хуш омадӣ! (*А.Д.*).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 212.** Байтҳоро хонда мухотабҳоро муайян кунед ва мавриди истеъмолашонро гӯед.

Саҳар омад, баро, Ситораи ман,
Саҳари пурсафо, Ситораи ман!
*М. Турсунзода*

Лейтенанти номвар, хондем мактуби туро,
Офарин гуфтем зӯру ғайрати хуби туро.
*А. Лоҳутӣ*

**♦ Машқи 213.** Дар аввал, мобайн ва охир омадани мухотабҳоро бо мисолҳо нишон диҳед.

**?** *1. Мухотаб дар кадом вақт дар аввали ҷумла кор фармуда мешавад?*
*2. Мухотаб боз дар куҷои ҷумла меояд?*
*3. Агар мухотаб дар мобайн омада бошад, одатан бо гузоштани кадом аломат навишта мешавад?*
*4. Баъд аз мухотабҳои дар охири ҷумла ҷо гирифта чӣ гуна аломатҳо гузошта мешавад?*

**Машқи 214.** Сохту таркиби мухотабро ба хотир оварда мисолҳо нависед, ки онҳо дар аввал, мобайн ва охири ҷумла ҷо гирифта бошанд.

## Калима ва ибораҳои туфайлӣ

**! Машқи 215.** Хонед, ҷумлаҳое, ки дар таркиб аъзоҳои туфайлӣ доранд, ба дафтаратон нависед.

1. Ман аз нависандаи калон, шахси соҳибдил, мушоҳидакор ва дақиқ устод Садриддин Айнӣ аввалин танқид ва аввалин таърифро шунидам.

Ба ҳамин тариқ, ман аз нависандаи калон, шахси соҳибдил, мушоҳидакор ва дақиқ устод Садриддин Айнӣ аввалин танқид ва аввалин таърифро шунидам.

2. Болои чашм! Ҳар коратон бошад, ҷону дил, мувофиқи дилхоҳатон мекунам.

Ҳар коратон бошад, ҷону дил, мувофиқи дилхоҳатон мекунам.

3. Кори ин зани меҳнатдӯст, ҷамоатчии машҳур кам нест *(Р.Ҷ.)*.

Дар ҳақиқат, кори ин зани меҳнатдӯст, ҷамоатчии машҳур кам нест.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

✵ **Калима, ибора ва ҷумлаҳое, ки ба воситаи онҳо гӯянда муносибати худро ба мазмуни ҷумла изҳор мекунад, *аъзои туфайлӣ* ном дорад.**

*Чунончи:* 1. **Дар ҳақиқат,** аксарияти хонандагони синфамон бо баҳои аъло мехонанд. 2. **Ба фикри ман,** ин зимистон беҳтарин зимистонҳои мо шуд.

Калима, таркиб ва ибораҳои **албатта, бешубҳа, ҳатман, бегумон, дар ҳақиқат, хушбахтона, хайрият, ба бахти мо, афсӯс, мутаассифона, бадбахтона, эҳтимол, дар гумон, тахминан, мумкин, аз як тараф, аз тарафи дигар, ҳамин тавр, ҳамин тариқ, хулоса** ва ғайра аъзоҳои туфайлӣ мебошанд. Онҳо дар ҷумла вазифаҳои гуногунро адо мекунанд. Аз ин ҷиҳат онҳо тобиши луғавию маъноии зеринро ифода мекунанд: **ҳукм, қатъият, боварӣ, азм; хурсандӣ, болидахотирӣ; пушаймонӣ, афсӯс; гумону шубҳа; тартиби фикр.**

♦ **Машқи 216.** Бо калима ва ибораҳои зерини ифодакунандаи маънои **афсӯс**, **ҳасрат**, **маломат**, **тааҷҷуб**, **ҳайрат**, **таъкид**, **хоҳиш**, **илтиҷо** ва **талаб** ҷумла нависед.

Афсӯс, сад афсӯс, афсӯс ки, мутаассифона, ҳайф, сад ҳайф, ҳайфо ки, дареғ, воаҷабо, аҷиб, наход, наход ки, аҷабо, илтимос, зинҳор.

♦ **Машқи 217.** Ифодаи тобиши луғавӣ ва маъноии аъзоҳои туфайлиро ба эътибор гирифта сутуни якум ва сеюми ҷадвалро пур кунед.

| Т.р. | Калима ва ибораҳои туфайлӣ | Ифодаи тобиши луғавӣ ва маъноӣ | Мисолҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | | Ҳукм, қатъият, боварӣ, азм | |
| 2. | | Хурсандӣ, болидахотирӣ | |
| 3. | | Пушаймонӣ, афсӯс | |
| 4. | | Гумону шубҳа | |
| 5. | | Тартиби фикр, алоқаи онҳо | |
| 6. | | Сарчашмаи фикру маълумот | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**?** 1. *Чӣ гуна калима, ибора ва ҷумлаҳоро аъзоҳои туфайлӣ меноманд?*
2. *Кадом калима ва ибораҳо аъзоҳои туфайлӣ ба шумор меравand?*
3. *Аъзоҳои туфайлӣ дорои чӣ гуна тобиши луғавию маъноӣ мебошанд?*

**Машқи 218.** Аз силсилаи аъзоҳои туфайлӣ калима ва ибораҳои ифодакунандаи маънои **миннатдорӣ**, **ташаккур**, **садоқат**, **ҳурмат**, **сипосгузорӣ**, **вафодорӣ**, **ризогиро** муайян карда онҳоро ба дафтаратон нависед.

Хулласи калом, ҳамин тавр, ҳамин тариқ, ниҳоят, оқибат, инак, алалхусус, ташаккур, албатта, офарин, бораkалло, раҳмат, муташаккирам, болои чашм, нури дида, болои дида, ба чашм, бо ҷону дил, тоҷи сар, ҷонам садқа, садқаи сар, шояд, эҳтимол, мумкин, аз афти кор, аз афташ, хусусан, масалан, чунончи, асосан, аксаран.

## Аломатҳои китобат дар аъзоҳои туфайлӣ

Аъзоҳои туфайлӣ аз дигар аъзоҳои ҷумла ҳангоми нутқ бо оҳанг, дар навишт бо вергул ҷудо карда мешаванд.

***Мисол:*** **Аввалан,** аз ҷамъшавии аҳли маҷлис ва саршавии он ин тараф Сабур ба ӯ нигоҳе намекард, **сониян,** суханони ӯ, чун маърӯзакунанда, пурмазмун, бамаънӣ, таъсирбахш буданд (*Р.Ҷ.*).

**! Машқи 219.** Ҷумлаҳоро нависед, калима ва ҷумлаҳои туфайлиро аз дигар аъзоҳо бо вергул ҷудо кунед.

1. Латифҷон Махдум **бешубҳа** аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд (*С.А.*). 2. **Албатта** дар ин мактуб ягон хабари нохуш ҳаст (*Р.Ҷ.*). 3. **Ба гумонам** вай онро бо оҳанги шӯхӣ гуфт (*С.У.*). 4. Охир, ягон гап будагист, ки мардум ба он шаб ин қадар ихлос доранд. **Ниҳоят** шаби бисту ҳафтум расид (*А.Д.*).

**! Машқи 220.** Аз силсилаи ҷумлаҳо ҷумлаҳои аъзоҳои туфайлидорро муайян кунед ва бо гузоштани аломати вергул ба дафтаратон нависед.

1. Имрӯз хушбахтона борон ҳам борида монд. 2. Мо хушбахтона зиндагӣ мекунем. 3. Ба сабаби ба ташвиш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гузоштанам маро бахшед. 4. Шумо мебахшед маро нодуруст фаҳмидед. 5. Ин қарор бе ҳеҷ як гуфтугӯ хеле муҳим аст. 6. Ин қарор бе ҳеҷ як гуфтугӯ қабул карда шуд. 7. Пагоҳ мумкин аст барф борад. 8. Ҳал кардани ин масъала мумкин аст.

**! Машқи 221.** Порчаро хонед, ҷумлаҳои калимаи туфайлидорро навишта гиред ва эзоҳ диҳед.

Аз рӯйи гуфтаи худаш, ӯ хеле боғайрат меҳнат карда, ток-ҳои чор гектар заминро худаш хокпӯш кардааст. Ба ғайрати ин одам ҳеҷ шубҳа надорам. Албатта, ӯ агар аз сидқи дил кор кардан хоҳад аз ӯҳдаи ҳар кор мебарояд.

Имрӯз Усто-Зокир, ба назарам, хеле парешонхотир менамуд. Чашмонаш ҳам сурх шуда буданд. Маълум буд, ки имшаб дуруст хоб накардааст.

Усто ба ман рӯй оварда, «Ман ба Бодомзор меравам» гуфт. Ман ҳайрон шудам. Ба пеши назарам Орифҷони дӯстрӯй ва ягона ғамхорам – Фароғатхон апаам омаданд.

Эҳтимол, ӯ низ маро ёд кардагист. Эҳтимол, шабҳои дароз хоб накарда, дар бораи мо фикр мекардагист. Эҳтимол, дилтанг шуда, гиря ҳам мекардагист (*Ю.А.*).

**♦ Машқи 222.** Бо аъзоҳои туфайлии **эҳтимол, дар гумон, тақрибан, тахминан, мумкин** ҷумла нависед ва тобиши маъноиашонро фаҳмонед. Гӯед, ки аъзоҳои туфайлиро бо гузоштани кадом аломат аз дигар аъзоҳои ҷумла ҷудо кардаед.

**! Машқи 223.** Ҷумлаҳоро хонед, тобиши луғавию маъноии аъзоҳои туфайлиро маънидод кунед.

1. Шодигул, ҳатман, меояд.
2. Хайрият, Шодигул омад.
3. Афсӯс, Шодигул наомад.
4. Эҳтимол, Шодигул ояд.
5. Ҳамин тавр, Шодигул омад.
6. Ба фикри ман, Шодигул меояд.

**?** *1. Аъзоҳои туфайлӣ бо гузоштани кадом аломати китобат навишта мешавад?*

*2. Баъд аз аъзоҳои туфайлии мисоли 2 ва 3-юми машқи 219 чӣ гуна аломат гузоштед?*

*3. Дар ҷумлаҳои алоҳидаи машқи 220 аъзоҳои туфайлӣ чӣ гуна тобиши луғавию маъноиро ифода кардааст?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 224.** Ба талаботи оҳанги талаффуз риоя карда ҷумлаҳоро хонед. Баъд аз аъзоҳои туфайлӣ аломати вергул гузошта ба зерашон хат кашед.

1. **Албатта** ҳеҷ чӣ намешавад. 2. **Хайр** аҳвол чӣ тавр. 3. **Чунончи** писари калониам Турсунбойро гиред (*Ҳ.К.*). 4. **Охир** дар мактаби нав бача дар ҳафт моҳ хату саводашро мебаровардааст-ку! (*С.У.*). 5. **Ниҳоят** навбати Зайнаб расид. 6. Ту, ки ба ман хабар надодию рафта духтурро нагуфтӣ **албатта** ҳамин тавр мешавад-дия (*Ҷ.И.*).

## Иҷрои машқҳои 225–229

**♦ Машқи 225.** Ҷадвалро бо калима ва ибораҳои туфайлии ба хотир нигоҳдоштаатон пурра кунед. Тобиши луғавию маъноиашонро низ нависед.

| Калимаҳо | Ибораҳо | Тобиши луғавию маъноӣ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

**! Машқи 226.** Ҷумлаҳои зеринро хонда калимаҳои туфайлиро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

1. Назар ба қавли Маҳмуд Араб, он овозаҳо рост будаанд. Ҳайфо, ки ин тамошои камёб дароз накашид. 2. Инак, тайёриҳои ман дар имтиҳон натиҷаи хуб дод. 3. Ин савол, ба гумонам, беҷо буд ва ман ҷавоб ҳам надодам. 4. Ҳақиқатан, ту ба ман ҷонсипори бемонанд ҳастӣ. 5. Хушбахтона, ин орзуям ҳам на якбора, балки чандин бор ба вуқӯъ омад.

**! Машқи 227.** Ҷумлаҳоро хонед, аъзоҳои туфайлиро муайян карда, баъд аз онҳо аломати китобати мувофиқро гузоред.

1. Албатта соли оянда боз ҳам зиёдтар китоб чоп хоҳад шуд. 2. Ҳақиқатан ҳам онҳо хушовоз ва хушхон будаанд. 3. Ранги гули гулобӣ ба ранги рӯйи Ҳабиба сахт монандӣ дошт хусусан дар он вақт, ки донаҳои шабнам ҳанӯз аз рӯйи баргҳои вай нопарида будаанд, ба назарам бисёр



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хуш ва дилкаш намуд (*С.А.*). 4. Ростӣ ҳам бо чунин қаду қомати расо, чеҳраи сафеди зебо мавзӯи ғайбати мардҳои густох нашудан аҷаб аст (*Ф.М.*). 5. Аҷаб ки имшаб Ашӯр ҳам тамоман мижа таҳ намекард (*Р.Ҷ.*).

♦ **Машқи 228.** Бо воҳидҳои луғавии дар поён овардашуда ҷумла тартиб диҳед. Гӯед, ки онҳоро бо гузоштани кадом аломати китобат навиштед.

Хулласи калом, хуллас, ҳамин тавр, ҳамин тариқа, ба ҳамин тариқ, ниҳоят, оқибат, инак, мувофиқи ин, ба ин нигоҳ накарда, ба ҳар бобат, ба мисли боло, алалхусус, асосан.

🔔 **Машқи 229.** Бо калима ва ибораҳои ифодакунандаи тобиши маънои **шодӣ**, **хурсандӣ**, хушҳолӣ, **ҳаяҷон** ҷумла тартиб диҳед.

***Намуна:*** Хайрият, шеърро равон ва таъсирбахш хонд.

## Такрори мухотаб.
## Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ

**?** ***Савол ва супоришҳо***

*1. Мухотабҳои шахсӣ аз ғайришахсӣ чӣ фарқ дорад?*
*2. Агар мухотаб дар охири ҷумла омада бошад, пеш аз он кадом аломат гузошта мешавад?*
*3. Калима, таркиб ва ибораҳое, ки дар нутқ ва матн шахсу предмети мурочиатшударо мефаҳмонад, чӣ ном дорад?*
*4. Агар мухотаб дар байни ҷумлаояд, аз ду тараф бо кадом аломат ҷудо карда мешавад?*
*5. Воҳидҳои туфайлӣ чӣ гуна тобишҳои маъноро ифода мекунанд?*
*6. Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлиро номбар кунед.*
*7. Ҷумлаи туфайлӣ дар навишт аз ҷумлаи асосӣ бо гузоштани кадом аломатҳо ҷудо карда мешавад?*
*8. Калимаю ибораҳои туфайлӣ аз ҷумла бо гузоштани кадом аломат ҷудо карда мешавад?*
*9. Оид ба хели воҳидҳои туфайлӣ мисол гӯед.*
*10. Мавқеи аломатҳои китобатро дар воҳидҳои туфайлӣ шарҳ диҳед.*
*11. Ба ҳар як сохти воҳидҳои туфайлӣ аз асари бадеӣ мисолҳо нависед.*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# НУТҚИ АЙНАН ВА МАЗМУНАН НАҚЛШУДА

## Нутқи айнан нақлшуда

**Нутқеро, ки сухани шахси дигар бе дигаргунӣ, айнан нақл карда шудаст, *нутқи айнан нақлшуда* меноманд.**

Нутқи айнан нақлшуда чунин хусусиятҳо дорад:

а) **нутқи каси дигарро ифода мекунад**: «Хона гармтар-ку!» – мегӯед шумо (*П.Т.*).

б) **фикри ботинӣ, фикру хаёли ҳанӯз гуфта нашуда:** «Маҳбуба кори аҷоибе сар карда будаасту ман нафаҳмидаам ...» – ба чеҳраи хандони дугонаҳо нигоҳкунон хаёл мекард Малик (*П.Т.*).

в) **нутқи пештар гуфтаи худи гӯяндаро**: «Аз куҷо омада истодаӣ ва ба куҷо меравӣ?» – боз пурсидааст Гамбусак (*Фолклор*).

Як хусусияти дигари нутқи айнан нақлшуда аз он иборат аст, ки вай дар ҷумла аз суханони муаллиф бо оҳанги аслии худ ҷудо шуда меистад. Суханони муаллиф, одатан, аз ҷумлаи дутаркиба (хабари феълӣ ва мубтадо) иборат буда, хабар (феъл) воқеияти нутқро ва мубтадо шахси гӯяндаро мефаҳмонад.

Нутқи айнан нақлшуда дар аввал, мобайн ва охири ҷумла меояд.

**! Машқи 230.** Ҷумлаҳоро хонда нутқи айнан нақлшударо муайян кунед.

1. Шаст сол қаламкашӣ кардам, – гуфт Бибиробиа. – Дар тамоми умрам ягонта сурати одамизодро накашида будам (*Ҳ.К.*). 2. Ёдгор ба дили худаш мегуфт: «Аз ҳаракатҳои Гулнор маълум буд, ки вай ҳам маро дӯст медорад, вай ҳеҷ гоҳ домани каси дигареро ба дасти муҳаббат нахоҳад гирифт, оё вай рӯзи охирин: «ҳар гоҳ ту зан гирифтанӣ шавӣ, ман ҳам тӯй мешавам» нагуфта буд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

(*С.А.*). 3. Ӯ ба ҳамон тараф нигоҳкунон сарашро ҷунбонда монду мегуфт: – мешунавӣ, Давлат, ин бедонаи тезхон бо ман хайру хуш мекунад (*Р.Ҷ.*).

**! Машқи 231.** Ҷумлаҳоро нависед, суханҳои шарҳдиҳандаи муаллиф ва нутқи айнан нақлшудаdo бо кашидани хати рост ва мавҷнок нишон диҳед.

1. «Дар ҳамин ҷо ҳам муғамбирии ширинигиро кор фармудед-а, ака Носир!» – гуфт Сафар Ғулом табассумкунон (*С.А.*). 2. Сафар аз рӯйи ҳавлӣ ба тарафи меҳмонхона рӯ оварду гуфт: «Акои Олим, ҷойи ин хона меҳмонхонаи дигар аст, ҳушёр бошед, ки нагурезад» (*Ф.Н.*). 3. – Ӯ ҳатто «ба хонаи мо меҳмон шуда омадааст» гуфта монд (*Р.Ҷ.*).

**! Машқи 232.** Ҷумлаҳоро аз рӯйи ҷойгиршавии муқаррарии нутқи айнан нақлшуда ба дафтаратон нависед.

1. Дохунда тахтасанги калонеро дида шодикунон: ҳар чӣ як аломаташ пайдо шуд, – гуфт (*С.А.*). 2. – Вайҳо ба шумо қасддор буданд? – ҳамшира бо саросемагии бачагона ба ӯ савол дод (*Ҳ.К.*). 3. Шаб ки ба хона баргаштанд, ман аз бародарам мепурсидам: – Ако, шаҳрро хуб тамошо кардӣ? (*С.У.*). 4. «Наход ки ман дил дода бошам, ба ин духтар ошиқ шуда бошам?» – аз дил гузаронд Анвар (*Ҷ.И.*). 5. Ҳамсояҳо Восеъро аз ваҷҳи Ризо мазаммат мекарданд, «Ту одами боандеша будӣ-ку, чаро ин адирии шум ва дуздро ба хонаат гирифтӣ?» (*С.У.*).

**?**
*1. Чӣ гуна нутқро нутқи айнан нақлшуда меноманд?*
*2. Нутқи айнан нақлшуда дорои чӣ гуна хусусиятҳост?*
*3. Нутқи айнан нақлшуда дар ҷумла чӣ гуна ҷо мегирад?*
*4. Нутқи айнан нақлшуда ва нутқи муаллиф гуфта чиро мефаҳмед?*

**Машқи 233.** Оид ба нутқи айнан нақлшуда шашто мисол интихоб кунед. Гӯед, ки дар ҷумлаҳои интихоб кардаатон кадомаш нутқи муаллиф асту кадомаш нутқи айнан нақлшуда.

## Навиштани нақли хаттӣ

**♦ Машқи 234.** ***Супориши 1.*** Расмро бодиққат аз назар гузаронед ва бо чӣ машғул будани наққошдухтарро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Супориши 2.*** Ба матн сарлавҳа интихоб карда дар ҳаҷми 90–100 калима нақли хаттӣ нависед.
***Супориши 3.*** Ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлии дар матн истифодабурдаатонро дар алоҳидагӣ нависед.
***Супориши 4.*** Аз матн ҷумлаеро интихоб карда онро ба нутқи айнан нақлшуда табдил диҳед.



## Аломатҳои китобат дар нутқи айнан нақлшуда

**! Машқи 235.** Хонед, хел ва мавридҳои гузориши аломатҳои китобати нутқи айнан нақлшударо ба хотир нигоҳ доред.

✵ Нутқи айнан нақлшуда бо гузоштани чунин аломатҳои китобат навишта мешавад:

1. Нутқи айнан нақлшуда ба нохунак гирифта мешавад.
2. Агар нутқи айнан нақлшуда пас аз сухани нақлкунанда омада бошад, пеш аз он ду нуқта гузошта мешавад:

Вера фикр карда монд, баъд ба Шодигул гуфт: «Майлаш, ба хотири ту мемонам».

3. Агар нутқи айнан нақлшуда пеш аз сухани нақлкунанда омада бошад, пас аз он вергул ва тире гузошта мешавад:

«Ин савғотӣ барои бачаҳо», – гуфт Шодигул.

Агар нутқи айнан нақлшуда саволӣ ва ё хитобӣ бошад, дар ин ҳол ба ҷойи нуқта дар охири ҷумлаи айнан нақлшуда ба даруни нохунак аломати савол ё аломати хитоб гузошта мешавад:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Мусобиқаи Хайринисо бо Зубайда чӣ шуд? Кадомашон бурданд?» – пурсид Вера.

«Об омад, об омад!» – фарёд заданд дар соҳили каналбудагон.

4. Агар сухани нақлкунанда дар мобайни нутқи айнан нақлшуда омада бошад, ҳолатҳои зерин дида мешаванд:

а) агар дар ҷойи буридашудаи нутқи айнан нақлшуда гузоштани аломате даркор набошад ва ё аломати вергул, нуқтавергул, дунуқта гузоштан даркор бошад, дар ин ҳол сухани нақлкунанда аз ду тараф бо аломатҳои вергул ва тире ҷудо карда мешаванд:

«Андак истед, – гуфт Нуралӣ, – ҳозир масъаларо маълум мекунам»

б) агар дар ҷойи буридашудаи нутқи айнан нақлшуда нуқта гузоштан даркор мешуд, дар ин ҳол пеш аз сухани нақлкунанда аломати вергул ва тире, пас аз сухани нақлкунанда нуқта ва тире гузошта шуда, ҳиссаи дуюми нутқи айнан нақлшуда бо ҳарфи калон сар мешавад.

«Аз ман хотиратонро ҷамъ доред, – гуфт Нуралӣ. – Шумо хонданатонро донед».

в) агар дар ҷойи буридашудаи нутқи айнан нақлшуда аломати савол ва ё хитоб гузоштан лозим мешуд, дар ин ҳол пеш аз сухани нақлкунанда ҳам худи ҳамон аломати савол ё хитоб ва тире гузошта шуда, пас аз сухани нақлкунанда нуқта ва тире гузошта мешавад ва ҳиссаи дуюми нутқи айнан нақлшуда бо ҳарфи калон сар мешавад.

5. Дар адабиёти бадеӣ дар вақти навиштани гуфтугӯи ду ва ё якчанд шахс – муколама нутқи ҳар яке аз шахсҳо аз аввали сатр бо ҳарфи калон сар мешавад ва дар аввали нутқи ҳар як кас тире гузошта шуда, аломати нохунак бардошта мешавад.

***Мисол:*** Вай Нуралиро:

– Биё, биё, нағз шуд, ки омадӣ, ба ту кор ҳаст, – гӯён истиқбол намуд.

– Чӣ шуд ба ба шумо? – пурсид Нуралӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

— Ҳеҷ гап не, захми поям боз кушода шудааст, аз саёҳат кай омадӣ?

— Ҳамин рӯз.

— Дар колхоз набудӣ?

— Не. Як шуморо дида гузарам гуфтам.

— Раҳмат, нағз кардӣ (*С.У.*).

6. Агар нақлкунанда дар байни гуфтаҳои худ аз гуфтаи шахси дигар калима ва ё ҷумлаҳое дароварда бошад, ин калима, ибораҳо ва ҷумлаҳо ба нохунак гирифта мешаванд.

Дар дили ӯ ҳисси пурзӯри ифтихори модарӣ ҷӯш мезад, вай одамонро дошта ба онҳо «бинетон, ман чӣ хел писар дорам» гуфтанӣ мешуд.

**! Машқи 236**. Вазифаи аломатҳои китобатро аз рӯйи ҷумлаҳои зерин муайян кунед.

1. «Аҷабо! Ман шунида истодаам!» — худ ба худ дар дил савол дод Ходими Ҷамолак (*Р.Ҷ.*). 2. «Ба ман соддатар карда фаҳмонед» — гуфт Маҳмуд (*Ҷ.И.*). 3. «Азизахон, аз ростӣ, чанд рӯз боз шуморо дидан мехостам, вале на фурсат буду на имконият. Хушбахтона, худатон омада мондед», Зариф ба Азиза чашм дӯхт (*А.Ш.*). 4. — Намак андохтан аз ёдат набарояд, — гуфт ба ӯ Сафар (*С.А.*). 5. — Хайр, монед, як кофта бинанд, балки бо ягон сабаб напӯсида мондагист, — мегуфт яке аз онҳое, ки аз ноҳия омада буданд (*С.У.*).

**! Машқи 237.** Матнҳои зерро хонда, вазифаҳои аломатҳои **вергул**, **дунуқта**, **тире**, **нуқта**, **аломатҳои савол** ва **хитобро** гӯед.

1. Он одам баъд аз ба саломи ман ҷавоб гардондан аз ман пурсид:

— Хат доред?

— Кам-кам менависам, — ҷавоб додам ман.

— Бисёр хуб, ин тавр бошад, шумо имрӯз дар қатори мардикорон кор накунед. Ман ба шумо як кори муносиби худатонро мефармоям, — гуфт хӯҷаин ва аз ҷояш нимхез шуда аз токчаи болохона як дафтарро гирифта, пеши ман гузашту илова кард:

— Шумо ин дафтарро кушода, аз як сар хонед, ман шунавам (*С.А.*).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. – Бандед ўро! – фармуд ў ба сарбозон Саидалиро нишон дода. Мардакро зада-зада ба дарахт баста монданд. – Буред! Шиканед! – ба боғ ишора намуда боз фармон  дод саркардаи бадҳайбат ... Фиғон аз бехи ҷигари ў  бархост, бечора ба Давлат зорӣ мекард, ки:

– Бикуш маро! Ба ҳаққи худо ва ҳурмати нону намаки дар ҳамин боғ хўрдагиат, аввал маро бикуш ва баъд дарахтонро бибур! (*С.У.*).

**?** *1. Дар нутқи айнан нақлшуда  чӣ гуна аломатҳои китобат истифода мешаванд?*
*2. Агар нутқи айнан нақлшуда пас аз сухани нақлкунанда омада бошад, пеш аз он чӣ гуна аломати китобат гузошта мешавад?*
*3. Дар кадом маврид  аломати вергул ва тире дар нутқи айнан нақлшуда гузошта мешавад?*
*4. Мавриди истифодашавии аломатҳои китобати нуқтавергул, дунуқта ва хитобро маънидод кунед.*

**Машқи 238.** Маълумоти бандҳои 1–5 машқи 235-ро ба хотир дошта  ба нутқи айнан нақлшуда мисол нависед. Вазифа ва мавриди истеъмоли аломатҳои китобатро фаҳмонед.

## Нутқи мазмунан нақлшуда

**! Машқи 239.** Аз силсилаи ҷумлаҳо нутқи мазмунан нақлшударо ёфта ба дафтаратон нависед.

1. Аз гуфтаи вай чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки гўё ба зиёфат омада бошад. 2. – Як худи меваҳоро намегўӣ! – мегуфт ў. – Таъму лаззати асалро доранд (*Р.Ҷ.*). 3. Виркан гуфт: – Падар, Наврўз наздик аст. 4. Аноргул ба ў мегуфт, ки падар ва модараш дар бом мехобад ва шабҳо таронаи Восеъро мешунавад (*С.У.*). 5. Ман мункир шудам: «Дар дасти ман шеъри Ҳайрат нест, ҳар чӣ аз ў мондааст, дар дасти бародараш буд, ў ба ман надод».

**Нутқе, ки дар он сухани шахси дигар бо дигаргунӣ, мазмунан оварда шудааст,** ***нутқи мазмунан нақлшуда номида мешавад.***

Нутқи мазмунан нақлшуда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба вазифаи ҷумлаи пайрав меояд, ки сарҷумлаи он сухани муаллиф аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 240.** Оид ба нутқи мазмунан нақлшуда панҷто мисол нависед. Гӯед, ки кадоме аз он ҷумлаҳо нутқи муаллиф асту ва кадоме бар эзоҳи он омадааст.

**! Машқи 241.** Ҷумлаҳои бар эзоҳи фикри муаллиф омадаро муайян кунед.

1. Касе хабар овард, ки онҳо дар рӯйи дарича, дар болои дарахти зардолу баромада пинҳон шуданд (*С.А.*). 2. Саркор хост пичингомез ба акои Олим гӯяд, ки ёздаҳ сол дар деги ин кору вазифа ҷӯшида бошӣ ҳам, мебинам, ки ҳанӯз ҳам хом ҳастӣ (*Ф.Н.*). 3. Натиҷаи гапи Давлат ҳамин буд, ки онҳо ҳар қадар пеш раванд, ҳамон қадар қишлоқҳо калонтар мешаванду одамони гуногун бисёр вомехӯранд (*Р.Ҷ.*). 4. Монанди он ки касе аз сарашон оби хунук рехта бошад, ҳамагӣ хомӯш шуданд (*Ҳ.К.*). 5. Ҳаво чунон шаффоф буд, ки роҳи калон бо дарахтони дар ду канораш қатор сафкашида то дур намоён буд (*С.У.*).

**?** *1. Чӣ гуна нутқро нутқи мазмунан нақлшуда номанд?*
*2. Нутқи мазмунан нақлшуда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ чӣ гуна ҷумла шуда меояд?*
*3. Кадом ҷузъи нутқи мазмунан нақлшуда сарҷумларо аз ҷиҳати мазмун шарҳ медиҳад?*
*4. Нутқи мазмунан нақлшуда аз кадом ҷиҳат аз нутқи айнан нақлшуда фарқ мекунад.?*

**Машқи 242.** Бо истифодаи нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда дар мавзӯи **«Баҳори диёри ман»** матне тартиб диҳед. Фарқият ва хусусиятҳои ба худ хоси нутқи айнан ва мазмунан нақлшударо фаҳмонед.

## Баргардонидани нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда ва баръакс

Нутқи айнан нақлшударо ба нутқи мазмунан нақлшуда, инчунин нутқи мазмунан нақлшударо ба нутқи айнан нақлшуда баргардонидан мумкин аст. Дар ин вақт аксар бандакҳои хабарӣ, ҷонишинҳо, инчунин шахсҳои ҷумлаи суханони нақлшаванда тағйир ёфта, бо шахс ва шумораи хабару мубтадои ҷумлаҳои пайрав (суханони нақлшаванда) мувофиқат мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**! Машқи 243.** Ҷумлаҳои зерро ба нутқи айнан нақлшуда баргардонед.

1. Вай мепурсад, ки меҳмон ба кадоме аз ин нӯшокиҳо майл дорад (*Ф.М.*). 2. Ошнои хоруғии мо гуфт, ки боғи ботаникии шаҳрамон дар паси ана ҳамон дарахтон аст (*А.Д.*). 3. Дар он ҷо Аҳрорхоҷа ба ман гуфт, ки як чизро фаромӯш кардааст (*Ҷ.И.*). 4. – Виркан ба хоҷа ӯро нишон дода гуфт, ки падараш ба хизмат омадааст (*С.У.*). 5. Ӯ бо лабханд пурсид, ки оё аз тарҷимаи ҳолаш сар кунад (*Ф.М.*).

***Намуна:*** – Аз тарҷимаи ҳолам сар кунам? – бо лабханд пурсид ӯ.

**! Машқи 244.** Нутқи айнан нақлшударо ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонед ва гӯед, ки сарҷумлаи нутқи мазмунан нақлшуда асосан бо кадом феъл ифода мешавад?

1. Дирӯз саркорамон мана ҷеғ заду гуфт, ки: «Саркор, аз гап хабар доред-мӣ?» (*Ҳ.К.*). 2. «Хизмати фаррошӣ ва мадраса дар гарданаш аст, дасташ намерасад» – гуфтам (*С.А.*). 3. – Канӣ, боз ҳаст-мӣ? – гуфта такроран пурсид вай (*Ҷ.И.*). 4. «Биё, ба кӯча мебароем» – таклиф кард ӯ (*Ф.М.*).

***Намуна:*** – Дирӯз саркорамон мана ҷеғ заду гуфт, ки оё аз гап хабар дорам.

**! Машқи 245.** Хонед ва ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонида нависед. Бандак ва навъи онҳоро номбар кунед.




**! Машқи 246.** Нутқи мазмунан нақлшударо ба нутқи айнан нақлшуда баргардонида нависед.




**Машқи 247.** Матни хурде тартиб диҳед, ки дар он нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда бошад. Маврид ва ҷойи истеъмоли нутқҳои мазкурро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Иҷрои машқҳои 248–250

**! Машқи 248.** Порчаи зерро хонед, нутқи айнан нақлшударо ҷудо кунед, ҷойи аъзоҳои ҷумларо нисбат ба суханони шарҳдиҳандаи муаллиф таъин намоед.

Ятимро, ки баъд аз тамом сер шудани шикамаш хобаш сахт бурда буд, посбоне омада бедор кард ва:

– Биё бо ман! – гӯён ӯро ба хонае, ки дар вақти саҳарӣ дар он ҷо пурсуков карда будандаш, даровард.

Дар он хона ғайр аз касе, ки саҳар аз Ятим гап пурсида буд, боз ду каси дигар буд. Имрӯз ҳам ҳамон шунидаашро шунид ва имрӯз ҳам суолу ҷавобҳо навишта шуданд. Баъд аз пурсиш пурсанда ба посбон нигоҳ карда:

– Инро берун бароварда нигоҳ дор! Боз ҷеғ мезанам, – гуфт. Посбон Ятимро бароварда дар пеши дар ба рӯйи нимкат шинонд ва худаш ҳам дар он ҷо нишаст ва аз миён бисёр вақт нагузашта аз берун ҷеғ зада ба дарун даровардандаш.

– Туро бароварда сар медиҳам, ба хонаат меравӣ? – гуфт пурсанда ба Ятим.

– Ман хона надорам, – гуфт Ятим дар ҷавоб.

– Ғайр аз ин хешу табор ҳам надорам.

– Ин тавр бошад, баъд аз он ки бароварда сар диҳем, ба куҷо меравӣ? – гуфт пурсанда.

– Ман аз ин ҷо ба ҷойи дигаре намеравам, дар ҳамин ҷо монда мехонам. Фақат дари хонаеро, ки ман дар ин ҷо мехобам, кушода монанд, шудагеш, – гуфт Ятим (*С.А.*).

**! Машқи 249.** Ҷумлаҳои ду сутунро ба дафтаратон кӯчонед ва фарқу навъи онҳоро номбар кунед.

| **Ман гуфтам: «Меҳмонон омаданд»** | **Ман гуфтам, ки меҳмонон омаданд.** |
|---|---|
| Анвар ...озодонатар ба сӯҳбат давом кард: – Пас, шумо дилшикаста, дарднок ҳастед? | – Анвар ...озодонатар ба сӯҳбат давом кард, ки ман дилшикаста, дарднок ҳастам? |
| Гулнор ...бадеҳагӯиро ба роҳи дигаре гардонданӣ шуда гуфт: «Ёдгор! Ту «Шоҳдухтар»-ро медонӣ ?». | Гулнор ...бадеҳагӯиро ба роҳи дигаре гардонида гуфт, ки ман магар «Шоҳдухтар»-ро намедонам? |
| Восеъ хайрбоди бағалкаш намуда гуфт: «Ман туро додари қиёматӣ гирифтам, Назир». | Восеъ хайрбоди бағалкаш намуда ба Назир гуфт, ки вай ӯро додари қиёматӣ гирифтааст. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 250.** Бо навиштани нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ҷадвалро пур кунед.

| Т.р. | Нутқи айнан нақлшуда | Нутқи мазмунан нақлшуда |
|---|---|---|
| 1. | – Мубоҳиса бас аст!<br>– гуфт хотун кашмакашии саршударо қатъ карда. | Дар ҳамин вақт аз тарафи Машҳад корвон расида, хабар овард, ки аз онҳо асаре нест. |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |
| 6. | | |
| 7. | | |

## Навиштани иншо

**♦ Машқи 251.** ***Супориши 1.*** Дар мавзӯи **«Мактабам, ту маскани илму ирфонӣ!»** иншо нависед.

***Супориши 2.*** Ҷумлаҳои чидаазъо, аъзоҳои истисноии ҷумла, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлии матни иншоро муайян кунед.

***Супориши 3.*** Ҷумлаи соддаеро интихоб карда, таҳлил кунед.

***Супориши 4.*** Матни иншои навиштаатонро ба шарикдарсатон хонда диҳед.

***Супориши 5.*** Матни иншоро ба муаллим нишон дода, хатоҳои имлоӣ ва услубиашро ислоҳ кунед.

## Иҷрои машқҳои 252–254

**♦ Машқи 252.** Бо калимаҳои дар поён овардашуда ибораҳо тартиб диҳед ва хелашонро номбар кунед.

Дониш, мактаб, китоб, рафтан, хондан, омӯхтан, даромадан, хона, калон, равшан, дилфиреб, суруд, манзара, зебо, бача, хушфеъл, роҳ, дур, шеър, пурмазмун.

***Намуна:*** ба мактаб рафтан, китобро хондан.

**! Машқи 253.** Порчаро хонед, ҷумлаҳое, ки дар таркиб аъзоҳои чида доранд, ба дафтаратон нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Гулбибӣ ҳусн ва ҷамоле дошт, ки на танҳо духтарони гармобанадидаи кӯҳистон, ҳатто соҳибҷамолони шаҳрӣ, ки ҳамеша худро бо ўсма, сурма ғоза, сафедӣ ва сурхӣ меороянд, ин ҳусну ин ҷамол, ин лутфу камолро надоштанд.

Бо ин ҳама ҳусну ҷамол Гулбибӣ хаёли он надошт, ки мисли баъзе духтарони сабукпои шаҳрӣ ҷилвафурӯшӣ намояд ва оламеро асир ва волаи худ гардонад. Ҳатто назар ба софигарии кӯҳистонӣ ва соддадилии табиӣ ва хурдсолиаш гумон бурда мешуд, ки ҳанӯз аз дараҷаи зебоии худ чандоне хабар ҳам надорад (*аз повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ*).

**Машқи 254.** Шашто ҷумлаи соддаи дутаркиба нависед. Онҳоро таҳлил кунед. Дар вақти таҳлил ба тарзу тартиби таҳлили ҷумлаҳои соддаи дутаркиба риоя кунед.

## Иҷрои машқҳои 255–258

**! Машқи 255.** Матнро хонед, аъзоҳои туфайлиро муайян карда тобиши маъноиашонро фаҳмонед.

Тарки одат амри муҳол мегӯянд, рост будааст. Хайр, одам ба ҳар ҳол ба тағйироти шароиту вазъият, дигаргуниҳои зиндагӣ одат мекардааст. Чуноне ки ҳоло бо кори эҷодӣ одат кардаасту ба гуфти завҷаи шӯхтабиаташ «вақтҳои охир асосан ба кори эҷодӣ машғул» аст. Набошад, соҳиби вазифаи калону маоши калон буд, шахси масъул ва соҳибэътибор буд. Аз баҳри ҳамааш гузашта, бо ихтиёри худ, бо амри дилаш гузашт. Акнун чӣ? «Асосан ба кори эҷодӣ машғул».

Хайр, наберачаро бедор кунам, ки ба боғчааш дер нашавад. Мабодо дер шуда монад, мураббияхолааш нозу нузкунону «ғиринг-ғиринг»-кунон табъашро хира ҳам карда мемонад. Баъд ба сари миз нишастану навис-навис кардан мушкил мешавад. Мушкил куҷо?

Намешавад. Табъ, ки хира шуд, фикр ҳам тира мегардад. Табъ чоқ, завқу шавқ баланд, дил соф бошад, гапи дигар (*аз ҳикояи «Як рӯз ва ҳама рӯзҳои дигар»-и Муҳиддин Музаффаров*).

**♦ Машқи 256.** Ҷадвалро бо навиштани сараъзо ва аъзоҳои пайрав пур кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Мубтадо | Хабар | Муайянкунанда | Пуркунанда | Ҳол |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

**! Машқи 257.** Ғазали бо санъати суолу ҷавоб навишташударо хонда нутқи айнан ва мазмунан нақлшударо муайян кунед. Гӯед, ки феъли **«гуфт», «гуфтам»** кадом шахсу шумораро ифода мекунад ва баъд аз онҳо чӣ гуна аломати китобат гузошта шудааст.

Ёр гуфт: Аз ғайри мо пӯшон назар. Гуфтам: Ба чашм,
В-он гаҳе дуздида бар мо менигар. Гуфтам: Ба чашм.
Гуфт: Агар ёбӣ нишони пои мо бар хоки роҳ,
Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар. Гуфтам : Ба чашм.
Гуфт: Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бубар. Гуфтам: Ба чашм.
Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,
Боз месозаш чу шамъ аз дида тар. Гуфтам: Ба чашм.
Гуфт: Агар бар остонам об хоҳӣ зад зи ишқ,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар. Гуфтам: Ба чашм.
Гуфт: Агар гардӣ шабе аз рӯйи чун моҳам ҷудо,
То саҳаргоҳон ситора мешумар. Гуфтам: Ба чашм.
Гуфт: Агар дорӣ хаёли дури васли мо, Камол,
Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар. Гуфтам: Ба чашм.

*К. Хуҷандӣ*

**Машқи 258.** Панҷто ҷумлаи соддаи хуллас нависед ва онро ба ҷумлаи соддаи тафсилӣ табдил диҳед. Гӯед, ки онҳо аз ҳамдигар аз кадом ҷиҳат фарқ доранд.

## Такрори наҳв, аломатҳои китобат ва ҷумлаҳои соддаи яктаркиба

### *Тест*

*1. Сухан дар бораи чӣ меравад, муайян кунед: «Гурӯҳи калимаҳои бо ҳам алоқаманд ва ё калимаи ҷудогонае, ки фикри томро ифода мекунад», чӣ номида мешавад?*

а) калима б) ибора
в) ҳиҷо г) ҷумла



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*2. Ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешаванд?*
а) содда ва сохта
б) таркибӣ ва содда в) содда ва мураккаб
г) мураккаб ва сохта

*3. Ин таъриф ба чӣ таалluқ дорад?: «Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақил, ки яке ба дигаре тобеъ буда, мафҳуми мураккабро ифода мекунанд».*
а) ибора б) калима
в) ҷумла г) ҳиҷо

*4. Дар ибораҳои* ***ба мардум фоиданок, монанди сарв рост, дар олам саодатноктар*** *ва* ***аз касалӣ камқувват*** *кадом ҳиссаи нутқ ҳамчун калимаи асосии ибора истифода шудааст?*
а) исм б) сифат
в) шумора г) ҷонишин

*5. Сохти ибораҳои* ***насими баҳор, хонандаи аълохон, мӯйсафеди равшанзамир, мактаб рафтанро*** *муайян кунед.*
а) мураккаб б) содда
в) сохта г) таркибӣ

*6. Дар шахсу шумора ба мубтадо мувофиқ шуда омадани хабар чӣ гуна алоқа ном дорад?*
а) изофӣ б) вобастагӣ
в) мувофиқат г) ҳамроҳӣ

*7. Хели ин ибораҳоро муайян кунед: ангуштарини тилло, дарахти тут, кори рӯз.*
а) ибораҳои масдарӣ
б) ибораҳои сифати феълӣ
в) ибораҳои ҷонишинӣ
г) ибораҳои исмӣ

*8. Дар алоқаи изофӣ як калима ба калимаи дигар бо воситаи чӣ тобеъ мешавад?*
а) бандаки изофӣ
б) бандакҷонишинҳо
в) бандакҳои феълӣ
г) бандакҳои хабарӣ

*9. Воситаи алоқаи ибораҳои* ***бо қалам навиштан, дар мубоҳиса иштирок кардан, то хона рафтан, оҳу барин чолок, аз гул зеботар, китобро хондан****-ро муайян кунед.*
а) изофӣ б) вобастагӣ
в) ҳамроҳӣ г) пайваст

*10. Сухан дар бораи чӣ меравад, муайян кунед: «Аъзои мустақилест, дар ҷумла сухан дар бораи он меравад ба саволҳои кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавоб мешавад».*
а) хабар б) мубтадо
в) муайянкунанда г) пуркунанда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*11. Дар ҷумлаи «Ману шумо рӯзи фирӯзро мебинем» кадом ҳиссаи нутқ мубтадо шуда омадааст?*

а) исм б) сифат
в) ҷонишин г) шумора

*12. Сохти мубтадоро аз рӯйи ҷумлаи «Мо дар республикаи соҳибистиқлоли Ўзбекистон зиндагӣ мекунем» муайян кунед.*

а) содда б) таркибӣ
в) тафсилӣ г) чида

*13. Кадом аъзои ҷумла ба саволҳои предмет чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ хел аст? кист? чист? ҷавоб мешавад?*

а) мубтадо б) хабар
в) пуркунанда г) муайянкунанда

*14. Сухан дар бораи кадом аъзои ҷумла меравад, муайян кунед: «Сараъзои ҷумлае, ки амал, ҳолату вазъият ва ё аломати мубтадоро мефаҳмонад».*

а) мубтадо б) хабар
в) муайянкунанда г) пуркунанда

*15. Хабари номӣ бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст?:*
*Сулҳ чароғи оянда аст, Сулҳ зи хушбахтӣ намоянда аст.*

а) сифат б) исм
в) сифати феълӣ г) феъли ҳол

*16. «Аъзои пайрави ҷумлае, ки предметро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад ва ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? кадом? чанд? ҷавоб мешавад» чӣ номида мешавад.*

а) муайянкунанда б) пуркунанда
в) мубтадо г) хабар

*17. Муайянкунанда дар ҷумла бештар кадом ҳиссаи нутқро шарҳу эзоҳ медиҳад?*

а) исм б) сифати феълӣ
в) сифат г) шумора

*18. Сухан дар бораи чӣ меравад, муайян кунед: «Як намуди муайянкунандае, ки предметро аз ягон ҷиҳат муайян ва таъйин менамоянд».*

а) мухотаб б) баёния
в) масдар г) сараъзо

*19. Кадом аъзои ҷумла ба саволҳои чиро? киро? ба кӣ? ба чӣ? аз кӣ? аз чӣ? дар бораи чӣ? ҷавоб мешавад?*

а) хабар
б) муайянкунанда
в) пуркунанда г) ҳол

*20. Дар ҷумлаи «Обро ман нӯшидам» пуркунанда бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст?*

а) исм б) масдар
в) феъл г) сифат



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*21. Кадом навъи пуркунанда бо ёрии пешояндҳо омада, мувофиқии маъноро ифода мекунад?*

а) бевосита
б) бавосита
в) бевоситаи суратнаёфта
г) бевоситаи суратёфта

*22. Хонед ва сохти пуркунандаро аз рӯйи ҷумлаи «Халқҳо амниятро мехоҳанд» муайян кунед.*

а) содда — б) тафсилӣ
в) таркибӣ — г) чида

*23. Пуркунанда дар ҷумла бештар ба кадом ҳиссаи нутқ тобеъ гашта онро шарҳу эзоҳ медиҳад?*

а) масдарро — б) феълро
в) исмро — г) сифатро

*24. «Он аъзои пайрави ҷумла, ки тарзи иҷрои амал, замон, макон, сабаб, шарту хилофи кору ҳаракат, ҳолат ва ё аломатро ифода мекунад", чӣ ном дорад?*

а) хабар — б) муайянкунанда
в) пуркунанда — г) ҳол

*25. Ба калимаҳои зуд, оҳиста-оҳиста якзайл, пай дар пай, якуякбора чӣ гуна савол додан мумкин?*

а) кай? — б) чӣ хел?
в) чӣ гуна? — г) чӣ тарз?

*26. Ҳоли замонро муайян кунед.*

а) хомӯшона, сурудгӯён
б) як шаб боз, оромона
в) дар саҳни мактаб, ба деҳа
г) дар ин дам, ҳамон рӯз

*27. Ҳоли сабаб чиро ифода мекунад?*

а) ба кадом мақсад воқеъ шудани амалро
б) замону вақти иҷрои амалро
в) андоза ва миқдору дараҷаи амалу ҳолатро
г) сабаби воқеъ шудани амалу ҳолатро

*28. Ибораҳои хонаи чӯбин, нони ҷавин, либоси миллӣ, кишти баҳорӣ ба кадом хели муайянкунанда мисол шуда метавонанд?*

а) муайянкунандаи изофӣ
б) муайянкунандаи беизофӣ
в) муайякунандаи ишоратӣ

*29. Аз рӯйи ҷумлаи «Падарам хурсанд шуд» алоқаи калимаҳоро муайян кунед.*

а) изофӣ — б) мувофиқат
в) ҳамроҳӣ — г) вобастагӣ

*30. Офаридам туро ба нияти нек:*

а) ҷумлаи бешахс



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

б) ҷумлаи номуайяншахс
в) ҷумлаи муайяншахс
г) ҷумлаи умумишахс

## Такрори ҷумлаҳои чидааъзо, воҳидҳои тавзеҳӣ, мухотаб, калима ваибораҳои туфайлӣ, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда

### *Тест*

*1. Таърифи «Як ва зиёда аъзоҳои ҷумлае, ки пай дар пай омада, муносибатҳои якхелаи наҳвиро ифода мекунад», ба чӣ таалluқ дорад?*

а) ҷумлаҳои содда
б) ҷумлаҳои чидааъзо
в) ҷумлаҳои мураккаб
г) калима

*2. Дар ҷумлаи «Шоҳин ба назари ман як одами миёнақад, лоғарбадан, миёнариш ва чашму абрӯ сиёҳ буд» кадом аъзои ҷумла чида шуда омадааст?*

а) мубтадо
б) хабар
в) муайянкунанда
г) пуркунанда

*3. «Калима ва иборае, ки предмети муроҷиатро ифода намуда, ба ягон савол ҷавоб намешавад ва аъзои ҷумла ба шумор намеравад, чӣ ном дорад?*

а) аъзоҳои истисноӣ
б) мухотаб
в) воҳидҳои туфайлӣ
г) ҷумла

*4. «Калима ва ибораҳое, ки ҳамчун илова истеъмол гардида, маънои умумии ҷумла ва ё ягон аъзои онро возеҳу аниқ мекунанд, чӣ ном доранд?»*

а) калима ва ибораҳои туфайлӣ
б) баёния
в) мухотаб
г) аъзои истисноӣ
д) воҳидҳои тавзеҳӣ

*5. Ҷойи воҳидҳои туфайлӣ дар ҷумлаи «Афсӯс, сад афсӯс, ки вай дар ин роҳи озодӣ дуртар нарафт, қурбон шуд» чӣ гуна аст?*

а) аввал
б) мобайн
в) охир
г) мобайну охир



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*6. Ҷумлаи бо воҳиди туфайлӣ зикрёфтаро муайян кунед.*
а) Хайрият ки, дарс сар шуд.
б) Парвоз кун, эй кабӯтари сулҳ.
в) Аз Мирзо Бедил, Хоҷа Ҳофиз, Навоӣ пурсӣ, чашмонашонро пӯшида, варақ-варақ аз ёд мехонданд.
г) Ҳодисаҳои рӯзҳои баҳорӣ оҳиста-оҳиста аз хотир фаромӯш мешаванд.
*7. Ҷумлаи бо мухотаб зикрёфтаро муайян кунед.*
а) Хушбахтона, ғалаба насиби мо шуд.
б) Холаам Зебо басо меҳрубон аст.
в) Дар ҳақиқат, бе заҳмат дониш ба даст намеояд.
г) Писар, хуллас ин ки як ваҷаб бошад ҳам, заминро бе нигоҳубин мондан айб аст.
*8. Мухотабҳои шахсӣ ба кӣ нигаронида гуфта мешавад?*
а) ба инсон
б) ба предметҳои беҷон
в) ба табиат
г) ба предметҳои ҷондори ғайришахс
*9. Дар байти зер кадом калима мухотаб аст? Бародарон, бародарон, бародарон, ба модарӣ Ватан вафо кунем, Агар ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем.*
а) Ватан
б) модар
в) бародарон
г) вафо
*10. Ҷойи мухотаб дар ҷумлаи «Ватан, Ватани азизу арҷманд, ту модари мо ва мо ба ту фарзандем» чӣ гуна аст?*
а) дар аввал
б) мобайн
в) охир
г) аввалу охир
*11. Дар кадом ҷумла калима ва ибораҳои хулосакунанда истеъмол ёфтааст?*
а) Ӯ ба устоди худ – А.Ҷомӣ муроҷиат карда аз вай илтимос намуд.
б) Ҳусайни Инҷу луғати «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ»-ро дар давоми 30 сол навиштааст.
в) Оташи ин тарафҳо бо рангҳои гуногун: сурху зарду бунафшу сабзу нилобӣ шуда мебаромаданд.
г) Қаторкӯҳҳои кабудчаранг, зардчахол ва сурхчатоб сар бар фалак мекашид.
*12. Дар кадом ҷумлаҳо аъзои иловагӣ вомехӯрад?*
а) Модарҷон, бисёр фикру хайёл карда, худатонро азоб надиҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

б) Рӯзи панҷшанбе – дуюми сентябр аз долони дарвозаи арк садои пойи раванда ва ояндае шунида намешуд.
в) Дигарон низ аз ҷойи худ хеста рӯй ба тарафи Рӯдакӣ истоданд.
г) Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад, миннати ҳотами Той набарад.

*13. Дар ҷумлаи «Собир (ба зери лаб) – «Нони бодигарони камбағалро хӯр, хоб накарда бо ман кор кун!» – гуфт» ибораи иловагии (ба зери лаб) барои шарҳу эзоҳи кадом аъзои ҷумла омадааст?*

а) хабар
б) мубтадо
в) муайянкунанда
г) пуркунанда

*14. Дар ҷумлаи «Хайрият, дар вақти набудани одам афтодааст, вагарна ин ҳам сари як шахтёрро хӯрда метавонист» калимаи туфайлии «хайрият» чиро ифода кардааст?*

а) афсӯс
б) хурсандӣ
в) ҳаяҷон
г) тааҷҷуб

*15. Кадом калима ва ибораҳо дар ҷумла афсӯс, хурсандӣ, ҳаяҷон, азму ирода, боварӣ, эҳтимол, гумон, нобоварӣ, тахмин, сарчашмаи фикр, тартиби фикрро ифода мекунад?*

а) мухотаб
б) калима ва ибораҳои туфайлӣ
в) калима ва ибораҳои хулосакунанда
г) аъзоҳои тавзеҳӣ

*16. Дар кадом ҷумла оҳанги мурочиат нармтар ифода ёфтааст?*

а) Рафиқон! Барои хубу аъло хондан кӯшиш кунед.
б) Ходимони маорифи халқ! Сифати хонишро баланд бардоред.
в) Хонандагон! Ба шабнишинии адабӣ-бадеӣ фаъолона иштирок кунед.
г) Мероси адабие, ки ба мо аз Восифӣ бозмондааст, «Бадоеъ-улвақоеъ» (воқеаҳои нафиси бадеъ) ном китоби ӯст.

http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ИСТИЛОҲОТИ АСОСӢ

***Алоқаи изофӣ*** – яке аз хелҳои алоқаи тобеъ. Калимае ба воситаи бандаки изофӣ ба калимаи дигар тобеъ шуда, онро аз ягон ҷиҳат муайяну равшан мекунад.

***Алоқаи мувофиқат*** – як намуди алоқаи тобеъ, ки калимаи тобеъшаванда аз ҷиҳати маъноҳои грамматикӣ бо тобеъкунандаи худ аз ҷиҳати шахсу шумора мувофиқат мекунад.

***Алоқаи пайваст*** – алоқаи наҳвии байни ду воҳиди баробарҳуқуқи нутқ – калимаҳо ва ҷумлаҳо.

***Алоқаи пасояндӣ*** – алоқаи байни калимаҳо, ки бо ёрии пасвандҳо (-ро, қатӣ, катӣ) ифода меёбад.

***Алоқаи пешояндӣ*** – алоқаи луғавӣ-наҳвии байни калимаҳо, ки бо ёрии пешояндҳо ифода карда мешавад.

***Алоқаи наҳвӣ*** – алоқае, ки барои ифодаи муносибатҳои байни ҷузъҳои ибора ва ҷумла хизмат мекунад.

***Алоқаи тобеӣ*** – алоқаи наҳвии байни ду аъзои ибора ва ҷумла (муайяншавандаю муайянкунанда, тобеъкунандаю тобеъшаванда), ки яке чун аъзои ҳукмрон (ҳоким) ва дигаре чун аъзои номустақил аст.

***Аъзоҳои пайрави ҷумла*** – аъзоҳои ҷумла, ки бо сараъзоҳо ё байни ҳамдигар алоқаи тобеӣ дошта, барои шарҳу эзоҳ ё пурра кардани маънои калимаи тобеъкунанда хизмат мекунанд.

***Аъзоҳои тафсилии ҷумла*** – аъзоҳое, ки дар сохти ибораҳо бо калимаҳои эзоҳдиҳанда омадаанд.

***Аъзоҳои тафсилнаёфтаи ҷумла*** – аъзоҳои ҷумлае, ки ба худ калимаҳои тобеъшаванда надоранд.

***Аъзоҳои эзоҳдиҳандаи ҷумла*** – аъзоҳои ҷумла, ки маънои номуайянии калимаҳои эзоҳшавандаро равшан мекунанд ва эзоҳ медиҳанд.

***Аъзоҳои ҷумла*** – сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла (мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол).

***Баёния*** – муайянкунандаест, ки бо исмҳо ифода ёфта, муайяншавандаро аз ягон ҷиҳат бо додани ном шарҳу эзоҳ медиҳад.

***Вергул*** – аломати ист (,) - ҷудокунанда, тақсимкунанда.

***Воситаҳои алоқаи наҳвӣ*** – бандаки изофӣ, калимаҳои ёридиҳанда, пешояндҳо (бо калимаҳо), пайвандакҳо (асосан пайвандакҳои паиҳам), оҳанг.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Воҳиди забонӣ*** – қисми нутқ, ки чун ҷузъи муайяни дорои вазифа ва маъною мазмун, мундариҷа ба таври ҳамешагӣ истифода меёбад.

***Муколама (диалог)*** – шакл, тарзи нутқест, ки дар он мубодилаи афкори ду ё зиёда шахс бевосита ифода меёбад.

***Ибора*** – ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъное, ки аз ҷиҳати мафҳум ва муносибати грамматикӣ ба ҳамдигар алоқаманд шуда, маънои мураккабро ифода мекунад.

***Ибораи исмӣ*** – иборае, ки калимаи тобеъкунандааш исм аст.

***Ибораи сифатӣ*** – иборае, ки калимаи асосиаш сифат аст.

***Ибораи устувор*** – иборае, ки ҷузъҳои он ба якдигар вобастагии ҷудонашаванда дошта, як маъноро ифода мекунад.

***Ибораҳои фразеологӣ*** – иборае, ки маънои чузъҳояш ба якдигар махлут гардида, дар якҷоягӣ ба як маъно махсус шудааст.

***Оҳанг (интонатсия)*** – ҷиҳатҳои ритмӣ – мелодикии нутқ, ки дар ҷумла ҳамчун воситаи ифодаи маънои наҳвӣ ё ҷозибанокӣ, ҳиссиёт хизмат мекунанд, оҳанги гуфтор.

***Калимаҳои модалӣ*** – гурӯҳи калимаҳои хусусияти лексикӣ-грамматикӣ доштае, ки ба воситаи онҳо гӯянда муносибати ба ҳақиқати мавҷуда доштаи худро баён мекунад.

***Калимаҳои туфайлӣ*** – калимаҳое, ки бо аъзоҳои ҷумла зоҳиран алоқадор нестанд, аъзои ҷумла намешаванд, дар ҷумла ба фикри гуфташуда чигунагии муносибати субеъктивонаи гӯяндаро ифода мекунанд.

***Қавс*** – аломати ҷуфти китобат, ки аз тарафи чап кушода шуда аз тарафи рост пӯшида мешавад.

***Қоида*** – тартиб, низом ё таърифи ҳамеша амалкунандае, ки ин ё он ҳодисаи забониро ифода мекунад.

***Машқ*** – супорише, ки барои дар амал татбиқ кардани ин ё он қоидаи забонӣ дода мешавад.

***Маъно*** – мафҳуме, ки дар натиҷаи ба ҳамдигар алоқаманд шудани овозҳои нутқ дар шакли калимаҳо ба вуҷуд меояд.

***Маънои маҷозӣ*** – ба маънои ғайриаслӣ, кӯчида, тамоман дигар омадани мафҳуми калима.

***Монолог*** – нутқе, ки ба шунаванда ё ба худи гӯянда нигаронида мешавад.

***Мубтадо*** – сараъзои ҷумлаи дутаркиба, ки мустақил буда, предметро ифода мекунад.

***Мувофиқати хабар*** – мувофиқати хабарҳои феълӣ дар шахсу шумора бо мубтадо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Мухотаб*** – калима, таркиб ё иборае, ки гӯянда ба воситаи он муроҷиат мекунад.

***Нохунак*** – аломати ҷуфти китобатӣ, ки барои (аз нутқи муаллиф) ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда, иқтибосот, номи адабиёти бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо барои нишон додани калимаҳое, ки ба маънои аслии худашон наомадаанд, ба кор меравад.

***Нутқ*** – як намуди фаъолияти инсонист, ки ҳангоми истифодаи забон дар ҷараёни мубодилаи афкори байни ҳамдигар воқеъ мегардад.

***Нутқи айнан нақлшуда*** – нутқе, ки ба каси дигар тааллуқ дошта, онро гӯянда ё нависанда бо тамоми хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва интонатсиониаш айнан меорад.

***Нуқта*** – аломати китобатест, ки дар охири ҷумлаи ахборӣ ва амрӣ гузошта мешавад.

***Нуқтавергул*** (;) – аломати китобатест, ки нуқта дар болои вергул меистад.

***Пайвандакҳо*** – калимаҳои ёридиҳанда, ки барои алоқаманд кардани аъзоҳои чидаи ҷумла, қисмҳои ҷумлаи мураккаб ва ҷумлаҳои соддаи мустақил кор фармуда мешаванд.

***Сарлавҳа*** – калима, таркиб, ибора ё ҷумлаест, ки дар аввали матн меояд ва мазмуни он дар тамоми матни ба вай алоқаманд кушода мешавад.

***Наҳв*** – як соҳаи забоншиносӣ, ки ҷумлаҳоро ҳамчун воҳиди асосии нутқ ва ибораро ҳамчун қисми ҷумла меомӯзад.

***Тире*** – аломати ист, ки дар шакли хатчаи уфуқӣ гузошта мешавад.

***Тобеъкунанда*** – калимаи ҳукмрон дар таркиби ибора ё ҷумла, ки дар асоси алоқаи тобеӣ дигар калимаро ба худ тобеъ карда меояд.

***Тобеъшаванда*** – дар таркиби ибора калимаест, ки нисбат ба калимаи дигар дар асоси алоқаи тобеӣ омадааст.

***Ҷумлаи иловагӣ*** – ҷумлаҳое, ки ба матни асосӣ чун воситаи ёрирасон, барои равшан фаҳмида гирифтани мақсад илова карда мешаванд.

***Ҷумлаи инкорӣ*** – ҷумлае, ки маҳз барои инкори фикри гуфташуда хизмат мекунад.

***Ҷумлаи содда*** – ҷумлае, ки дар таркиби худ танҳо як воҳиди хабарӣ дорад, яъне ба қисми дигаре, ки боз як ҷумлаи дигарро ташкил медода бошад, ҷудо намешавад.

***Ҷумлаи туфайлӣ*** – ҷумлае, ки нисбат ба амалу ҳолати гуфташуда барои ифодаи қайди субъективонаи нависанда хизмат мекунад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ЛУҒАТ

### А

***Авроқ*** — варақҳо.
***Азим*** — хеле калон, бисёр бузург.
***Аҷдод*** — гузаштагон, гузаштагони дерина, бобоҳо, падари падарон.
***Ашъор*** — шеърҳо.
***Анвоъ*** — навъҳо.
***Анвор*** — нурҳо.

### Б

***Бадкеш*** — одами бад, бадмазҳаб, бераҳм, сангдил, бадандеш, бадхоҳ.
***Бозургон*** — савдогар, тоҷир.
***Болидан*** — фахр кардан, хурсанд шудан.
***Бостон*** — қадим, кӯҳна, гузаштаи дерина.

### В

***Воҷиб*** — бисёр лозим, зарурӣ, амре, ки ба ҷой овардани он ҳатмӣ ва зарур аст.
***Вазъ*** — ҳолат, вазъият.
***Вазъи забони адабӣ*** — ҳолат, вазъияти забони адабӣ.
***Вазъият*** — аҳвол, ҳолат.
***Варта*** — ҷойи хатарнок, маҳалли ҳалокатовар ҳамчун ҷарӣ; гирдоб.
***Возеҳ*** — равшан, кушоду равшан, ошкоро, пайдо, ҳувайдо.
***Ваҷҳ*** — сабаб, боис, далел, ҷиҳат.
***Воқеъ*** — бавуқӯоянда, рӯйдиҳанда.

### Г

***Гавҳар*** — санги қиматбаҳо, марворид.
***Гайбдон*** — донандаи розҳои пӯшида, кашфкунандаи рамзҳо ва асрор.
***Густурда*** — паҳнкардашуда.
***Гулгун*** — гулранг, ба ранги гул, сурхранг, сурх.
***Ғуруб*** — фурӯ рафтан ва аз назар ғоиб шудани Офтоб ва ситораҳо.
***Ғамқарин*** — ғампараст, ғамгин, ба ғам дӯст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Д**

***Даранг*** – сустӣ, оҳистагӣ; ист, таваққуф; таъхир, дермонӣ.
***Дӯл*** – 1) зарфи чармии обкашӣ аз чоҳ; сатил;
2) жола.

**Ё**

***Ёдгориҳои атиқа*** – ёдгориҳои кӯҳна, ёдгориҳои қадима.
***Ёқут*** – чанд навъ аз сангҳои қиматбаҳо, ки сурх,зард, сабз ва сафед мешавад.

**З**

***Заиф*** – нотавон, оҷиз, суст, камқувват.
***Зеру забар*** – чаппаву роста, сарнагун, парешон.

**И**

***Итмом*** – тамом кардан, ба анҷом расидан; охир, анҷом.
***Иқтидор*** – қувват ёфтан, қудрат доштан; қудрат, тавоноӣ.
***Истисно*** – аз маҷмӯи чизҳо чизеро баровардан ё ҷудо кардан.
***Истилоҳ*** – калимае, ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайриаслӣ қабул шудааст, термин.

**К**

***Кибру ғурур*** – калонгирӣ, мағрурӣ, ғурур, такаббур.
***Кох*** – 1) сарой, қаср, кӯшк; иморат;
2) дунё.
***Кӯтал*** – теппаи баланд; ағба.
***Қандил*** – чилчароғ, шамъдони калон, чароғи овезон.
***Қозӣ*** – мансабдори шаръӣ, ки кашмакашиҳои оммавӣ ва оилавиро аз рӯйи қонуни шариат ҳал мекунад.
***Қудум*** – 1) омадан, расидан; аз сафар баргаштан;
2) ҷамъи қадам.

**Л**

***Лавҳ*** – ҳар чизи паҳн; сармашқи бачаҳои навомӯз.

**М**

***Маблағ*** – як миқдори муайяни пули накда.
***Маломат*** – сарзаниш, накӯҳиш, таъна.
***Манҳус*** – шум, нофарҷом, бадбахт.
***Марбут*** – басташуда, вобаста, тааллуқдор.
***Мартаба*** – дараҷа, поя, мақом, мансаб.
***Масолеҳ*** – анҷоми даркорӣ, чизҳои зарурии бинокорӣ.
***Маҷро*** – ҷойи ҷараёни об; ҷойи равоншавии оби ҷӯй ва дарё, ҷараёнгоҳ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Матлаб*** – чизи матлуб, мақсуд; хоҳиш, талаб.
***Маъдан*** – кони фузулот, кони сангҳои қаматбаҳо, ҷавоҳирот.
***Мударрис*** – дарсгӯ, дарсдиҳанда, муаллими мадраса.
***Муаттар*** – хушбӯй, атрогин.
***Мункир*** – инкоркунанда, касе, ки коре ё касеро иқрор ва эътироф намекунад.
***Муқаррар*** – собит ва барқароршуда, муайяншуда; таъин кардашуда.
***Мухолиф*** – муқобил, зид.

**Н**

***Набишта*** – навишта.
***Назаррабо*** – диққатҷалбкунанда.
***Накҳат*** – бӯйи даҳон; бӯйи хуш, хушбӯй.
***Натъ*** – суфра, фарш.
***Нексиришт*** – некӣ, нектабиат.
***Нил*** – 1) номи гиёҳ, ранги кабуди сиёҳтоб;
2) номи дарёи бузурге дар Африқо.

**О**

***Ориф*** – 1) шиносанда, воқиф, огоҳ; доно, нуктасанҷ;
2) зоҳид, парҳезгор, порсо, сӯфӣ.

**П**

***Падруд*** – ҷудоӣ, видоъ, хайрухуш.

**Р**

***Работ*** – ҳавлӣ, карвонсарой, мусофирхона.
***Рамидан*** – тарсидан, ҳаросида гурехтан, хӯсидан.
***Ранҷ*** – 1) меҳнат, заҳмат, кор;
2) азоб, машаққат, озор.
***Риққат*** – 1) тунукӣ, нозукӣ, латофат;
2) меҳрубонӣ, нармдилӣ, ҳисси ғамхорӣ, таассур.
***Рухдода*** – рӯй додан, ба вуқӯъ омадан.

**С**

***Садди роҳ*** – он чӣ пеши роҳро мегирад, монеаи роҳ.
***Санги хоро*** – як навъ санги бисёр сахт, гранит.
***Ситамкаш*** – зулмдида, зулмрасида.
***Ситодан*** – шакли дигари истодан.
***Соқӣ*** – майкаш, шаробдиҳанда.

**Т**

***Тааммул*** – 1) андеша, фикр, мулоҳиза;
2) саъю кӯшиш, ғайрат.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Таалluқ*** – алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобастагӣ ба чизе.
***Тавозўъ*** – хоксорӣ, фурўтанӣ, шикастанафсӣ.
***Тасмим*** – дар коре қарори қатъӣ кардан.
***Тиҷорат*** – савдогарӣ, харидуфурўш, бозоргонӣ.
***Тороҷгашта*** – молу мулкаш ғоратгардида.
***Тавзеҳ*** – эзоҳ додан, равшан кардан; маънидод кардан, шарҳ додан.
***Ташреҳ*** – шарҳ додан, баён кардан, ошкор кардан.
***Таҳаввул*** – аз ҳоле ба ҳоле гузаштан; тағйирот, дигаргунӣ, табаддул.
***Таҷҷуб*** – ҳайрон шудан; ҳайронӣ, шигифт, ҳайрат.
***Тамуз*** – тобистон, гармои тобистон.

**У**

***Убур*** – гузаштан, тай кардан; гузаштан аз оби ҷўй, дарё.
***Уламо*** – олимҳо.
***Урён*** – луч, луччак, бараҳна.

**Ф**

***Фарсуда*** – кўҳна, азҳамрехта, пўсида.
***Фарҷом*** – охир, анҷом; оқибат; натиҷаи кор.

**Х**

***Ходим*** – он ки хидмат мекунад, хизматгор.
***Хома*** – 1) қалам, килк;
2) тўдаи рег, талли рег.
***Хоҷа*** – 1) сардор, сарвар, соҳиб, хўҷаин;
2) лақаби фахрие, ки нисбат ба шахси мўҳтарам кор фармуда мешавад.
***Ҳамдам*** – дўст, ҳамсўҳбат, ҳамнишин, ҳамроз, мўнис.
***Ҳарир*** – абрешим, шоҳӣ, матои абрешим.

**Ҷ**

***Ҷавлонгоҳ*** – майдон, майдони асптозӣ, ҷойи гаштугузор ва сайр.
***Ҷозиба*** – ҷалбкунандагӣ, кашиш, қувваи кашанда.

**Ш**

***Шаҳдомез*** – асаломез, ниҳоят ширин.

**Э**

***Эҳтиром*** – ҳурмат, иззату икром.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУНДАРИҶА

### Вазъи забони адабии тоҷик

1. Таърихи таҳаввули забони тоҷикӣ ....................................5
2. Имлои нави забони тоҷикӣ ..............................................7

### Наҳв ва аломатҳои китобат (такрори дарсҳои синфи VII)

3. Ибора ............................................................................10
4. Ибораҳои наҳвӣ ва устувор .........................................11
5. Хелҳои ибора ...............................................................13
6. Ибораҳои исмӣ ва сифатӣ ...........................................15
7. Ибораҳои феълӣ ..........................................................16
8. Ибораҳои содда ва мураккаб ......................................18
9. Алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла .......................20
10. Ҷумлаҳои содда ва мураккаб ...................................23
11. Ҷумлаҳои соддаи дутаркиба ва яктаркиба..................24
12. Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо .....................................25
13. Хабар. Хабарҳои номӣ ва феълӣ ..............................27
14. Мувофиқати хабар бо мубтадо ..................................28
15. Аъзоҳои пайрави ҷумла. Муайянкунанда ....................29
16. Пуркунанда ...............................................................30
17. Ҳол ва хелҳои он .....................................................32
18. Такрор *(чоряки якум)* ...............................................33

### Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба

19. Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба .....................................34
20. Гурӯҳи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ..........................36
21. Ҷумлаи муайяншахс ..................................................37
22. Ҷумлаи номуайяншахс ..............................................39
23. Ҷумлаи умумишахс ...................................................40
24. Ҷумлаи бешахс ........................................................42
25. Ҷумлаи унвонӣ ........................................................44
26. Ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ ....................................47
27. Такрори ҷумлаҳои соддаи яктаркиба .........................50



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Ҷумлаҳои нопурра ва пурра

28. Маълумот дар бораи ҷумлаҳои нопурра ва пурра................52
29. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои нопурра....................53

### Ҷумлаҳои чидааъзо

30. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо........................................................... 56
31. Мубтадоҳои чида ...................................................57
32. Хабарҳои чида ........................................................59
33. Такрор *(чоряки дуюм)* ...........................................60
34. Муайянкунандаи чида.............................................61
35. Пуркунандаи чида ..................................................63
36. Ҳоли чида ...............................................................65
37. Пайвандакҳо ва оҳанг дар ҷумлаҳои чидааъзо .............66
38. Калима ва ибораҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо ..................................................68
39. Аломатҳои китобат дар калима ва ибораҳои хулосакунанда ...................................................70
40. Такрори ҷумлаҳои чидааъзо ...................................72

### Аъзоҳои истисноии ҷумла

41. Маълумоти умумӣ дар бораи аъзоҳои истисноии ҷумла ...................................................75
42. Баёнияи истисноӣ....................................................77
43. Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ.........................................78
44. Навиштани мақолаи публитсистӣ ...............................81
45. Муайянкунандаи истисноӣ ........................................81
46. Пуркунандаи истисноӣ ............................................82
47. Ҳоли истисноӣ .......................................................83

### Воҳидҳои тавзеҳӣ

48. Маълумоти умумӣ дар бораи воҳидҳои тавзеҳӣ...........................................................84
49. Мавриди корбасти воҳидҳои тавзеҳӣ.........................85

### Мухотаб. Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ

50. Маълумоти умумӣ дар бораи мухотаб .........................87
51. Аломатҳои китобат дар мухотаб..................................88
52. Мухотабҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ .............................90
53. Такрор (чоряки сеюм) ..............................................91
54. Ҷойи мухотаб дар ҷумла ...........................................92



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

55. Калима ва ибораҳои туфайлӣ ........................................93
56. Аломатҳои китобат дар аъзоҳои туфайлӣ......................95
57. Иҷрои машқҳои 225–229 ..........................................97
58. Такрори мухотаб. Калима, ибора ва
ҷумлаҳои туфайлӣ .....................................................98

**Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда**

59. Нутқи айнан нақлшуда ...............................................99
60. Навиштани нақли хаттӣ ..........................................100
61. Аломатҳои китобат дар нутқи айнан
нақлшуда..................................................................101
62. Нутқи мазмунан нақлшуда .......................................104
63. Баргардонидани нутқи айнан нақлшуда ба
нутқи мазмунан нақлшуда ва баръакс.....................105
64. Иҷрои машқҳои 248–250 .........................................107
65. Навиштани иншо ....................................................108
66. Иҷрои машқҳои 252–254 .........................................108
67. Иҷрои машқҳои 255–258 .........................................109
68. Такрори наҳв, аломатҳои китобат ва
ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ...................................110
69. Такрори ҷумлаҳои чидааъзо, воҳидҳои
тавзеҳӣ, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ,
нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ........................114
70. Истилоҳоти асосӣ ...................................................117
71. Луғат ....................................................................120

http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Tavakkal CHORIYEV,**
**Yunus AZIMOV,**
**Jumanazar ESHONQULOV**

# TOJIK TILI

*Umumiy o'rta ta'lim maktablarining 8-sinfi uchun darslik*

***(Tojik tilida)***

*To'rtinchi nashri*

*Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон*
*Тошканд – 2019*

*Муҳаррир* ***Илҳом Эшонқулов***

*Муҳаррири бадеӣ* ***Ислом Азаматов***

*Муҳаррири техникӣ* ***Елена Толочко***

*Саҳифабанди компутерӣ* ***Гульчехра Азизива***

Рақами литсензия AI № 163. 09.11.2009. Ба чопаш 2019-юми 29 январти соли 2019 иҷозат дода шуд. Бо усули офсетӣ тарҳрезӣ шудааст. Андозаи $60\times90^1/_{16}$. Гарнитураи таймс. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8,0. Ҷузъи чопии шартӣ 7,2. Шартномаи № 20–2019. Адади нашр 6431 нусха. Супориши № 19–106.

Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавии Республикаи Ўзбекистон. Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон. 100011, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30.
Телефон: +998-71244-10-45. Факс +998-71244-58-55.

Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавии Республикаи Ўзбекистон. Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston», 100011, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30 чоп шудааст.

**Чориев, Т.**

Ч-77 Забони тоҷикӣ: Китоби дарсӣ барои донишомўзони синфҳои 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ/ Т. Чориев ва дигарон. — Т.: Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон, 2019 – 128 саҳ.
ISBN 978-9943-05-621-3

**УЎК: 811.512.133=222.8**
**КБК 81.2Тож я721**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷадвали нишондоди ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноат-бахш | Муқовааш каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқа-ноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE